
# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

№1 (104)
ЯНВАР-МАРТ
2024

## СОЛИ 2024 – “СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ”





**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

Ҷавонони азиз, соҳибони имрӯзу фардои Тоҷикистони соҳибистиқлол!

Ман ба шумо мурочиат карда, таъкид менамоям, ки истиқлолу озодиро, ки беҳтарин неъмат барои миллати озодихоҳи тоҷик мебошад, ҳифз намоед!

Ин Ватани биҳиштосоро дӯст доред, онро чун амонати аҷдодамон бехиёнат ҳимоя кунед!

Аз тоҷик будани худ ифтихор дошта бошед, зеро гузаштагони мо – фарзандони фарзонаи миллати тоҷик дар рушди фарҳангу тамаддуни башарият саҳми бузург гузошта, роҳи ҷаҳониёнро ба сӯйи ҳамзистиву ҳамбастагӣ мунаввар сохтаанд.

Барои ҳимояи ин сарзамини муқаддас омода бошед, то дар ин хоки муқаддас хоҳарону модарони шарафманди мову шумо зиндагии осуда дошта бошанд.

Исбот кунед, ки насле аз Куруши Кабиру Муқаннаъ, Спитамену Деваштич, Темурмалику Восеъ ва ҳазорон фарзонагони далеру шуҷои ин Ватан ҳастед!

Ман ба нангу номус, ақлу заковат, нерӯи зеҳниву ҷисмонӣ, ҳисси баланди истиқлолу озодихоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва шуҷоату ҷавонмардии ҳар яки шумо итминон дорам.

# ДАР ИН ШУМОРА


**3**

**ПРЕЗИДЕНТ**

“МАН БА ҲИССИ БАЛАНДИ МИЛЛӢ, ЭҲСОСИ ГАРМИ ВАТАНДӮСТӢ, НИЯТИ НЕКУ АЗМИ ҚАТЪӢ ВА САЪЮ ТАЛОШИ СОЗАНДАИ МАРДУМИ ШАРАФМАНДИ ТОҶИКИСТОН ЭЪТИМОДИ КОМИЛ ДОРАМ”

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”




**23** | **НИШАСТИ МАТБУОТӢ**

ТАТБИҚИ БОСАМАРИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ВА РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ МУСОИДАТКУНАНДАИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

**8**

**ТАЪИНОТИ КАДРӢ**

ФАРМОНҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

16 январи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кадрҳоеро, ки дар вазифаҳои роҳбарикунанда дар сохторҳои молиявию бонкӣ, ...





**14** | **РӮЙДОДҲОИ МУҲИМ**

БАРРАСИИ ВАЗЪИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**43**

**СУҒУРТА БАХШИ МУҲИММИ НИЗОМИ МОЛИЯВӢ**

НАҚШ ВА МАВҚЕИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ ҶАВОБГАРИИ ГРАЖДАНИЮ ҲУҚУҚИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

Соҳаи суғурта яке аз бахшҳои муҳимми низоми молиявӣ маҳсуб ёфта, дар баробари дигар бахшҳои он барои таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ саҳмгузор буда, ...



**58** | **ТАҶЛИЛИ ҶАШНҲО**

ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ РӮЗИ МОДАР ВА ҶАШНИ НАВРӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР БОНКИ МИЛЛӢ

# ДАР ИН ШУМОРА




**17** | **РӮЙДОДҲОИ МУҲИМ**
ҶАЛАСАИ НУҲУМИ ШУРОИ МИЛЛИИ СУБОТИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



**53** | **СОЛИ 2024 - СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ**
ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ КАСБИИ ҲУҚУҚШИНОСОН

**31**

**РУШДИ ИҚТИСОДИ САБЗ ДАР ТОҶИКИСТОН**

РУКНҲОИ МУҲИТИ ЗИСТ, ИҶТИМОӢ ВА ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ (ESG) - ВОСИТАИ ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОР





**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
1 (104) ЯНВАР-МАРТ, 2024



тел: +992 (44) 600- 32- 49
факс: +992 (44) 600- 32- 49

**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 38/1
e-mail: majalla@nbt. tj



**РАИСИ ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**
Ф. Толибзода
Аъзои Шурои машваратӣ:
Н. Ҳикматуллозода, Г. Назирӣ,
Ш. Хайрзода, Қ. Хушвахтзода,
Т. Ҳақназаров, М. Ҳасанова

**ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:**
Сармуҳаррир: М. Ҳасанова
Мутахассиси пешбар: А. Мӯминов
Мутахассиси дараҷаи II: М. Умадуллоева
Ороишгар: Ҳ. Муҷебуллоев



Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи қайд: №259/МЧ- 97, аз 29 августи 2022 с.

Маҷалла ба хотири таъмини гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 600 нусха.
Дар матбааи
ҶДММ “Орбита”
чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Чехов 1/1 17.



# Ман ба ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси гарми ватандӯстӣ, нияти неку азми қатъӣ ва саъю талоши созандаи мардуми шарафманди Тоҷикистон эътимоди комил дорам

## Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”

28 декабри соли 2023 дар толори калони “Кохи Сомон”-и Бӯстонсаройи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Паём “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуданд.

Дар толор раёсат ва аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазир ва аъзои Ҳукумати мамлакат, Роҳбари Дастгоҳи ичроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти вазорату кумитаҳои давлатӣ, идораҳои назди Президент ва Ҳукумат, мақомоти марказии судӣ ва дигар ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқу тартибот, Академияи миллии илмҳо, муассисаҳои олии таълимӣ, роҳбарони марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, як гурӯҳ собиқ вакилони Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Шурои ҷамъиятӣ, Ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, вакилони якчанд иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва эҷодӣ, роҳбарияти корхонаю муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, бонкҳо, доираи тоҷирону соҳибкорон ва ҷавонони ташаббускор, намояндагони ҳайати дипломатӣ ва воситаҳои ахбори

> **Соли ҷорӣ пешниҳоди қарзҳо аз ҷониби низоми бонкӣ дар муқоиса бо соли 2022-юм 31,1 фоиз афзоиш ёфта, ба 18,5 миллиард сомонӣ баробар гардид. Ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда 32,1 фоиз зиёд гардида, 13,3 миллиард сомониро ташкил дод. Қарзҳои ба занону бонувони соҳибкор пешниҳодшуда 30 фоиз афзоиш ёфта, ба 4,8 миллиард сомонӣ расонида шуд.**

умум иштирок доштанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ иброз доштанд, ки соли 2023 барои Тоҷикистон, бо вуҷуди мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони мусоир, инчунин, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он – хушксоливу камобие, ки солҳои охир дар минтақа идома дорад, ба шарофати заҳмати аҳлонаву содиқонаи мардуми сарбаланди кишвар боз як соли бобарор гардид.

Дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст омада, маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз зиёд гардид ва ба беш аз 130 миллиард сомонӣ расонида шуд.

Қисми даромади буҷети давлатӣ 102,5 фоиз таъмин гардида, давлат ва Ҳукумати мамлакат ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии худ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намуд.

Ба ин мақсад танҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 40 миллиард сомонӣ равона карда шуд, ки нисбат ба соли 2022-юм 5,3 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Тайи солҳои охир таваҷҷуҳи аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, саноатикунонии кишвар ва таъсиси

> **Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки дар самти дарёфти манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ ва дар ин замина зиёд кардани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат, дастрас ва бо фоизи паст, инчунин, пурра ҷорӣ намудани низоми рақамии хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ва истифодаи васеи технологияҳои молиявӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.**

ҷойҳои корӣ равона карда шуд.

Мо ҳамчунин, ташаккули “иқтисоди сабз”, суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем.

Сарфи назар аз таъсири омилҳои манфии солҳои охир, аз ҷумла паҳншавии бемории сироятии КОВИД–19, низоъҳои тиҷоратӣ, муноқишаҳои минтақавӣ, халалдор гардидани низоми муносибатҳои байналмилалии иқтисодиву молиявӣ ва таъсири бевоситаи онҳо ба иқтисоди миллӣ ба мо муяссар шуд, ки нишондиҳандаҳои рушдро дар ин марҳалаи ҳассос таъмин намоем.

Дар ҳафт соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5 фоизро ташкил дода, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 1,5 баробар зиёд гардид.

Ҳол он ки мо дар давраи пандемияи КОВИД–19 беш аз ду сол дар шароити маҳдудиятҳои иқтисодиву тиҷоратӣ қарор доштем.

Дар ин давра даромади пулии аҳолӣ 3,3 баробар афзоиш ёфта, аз 37,2 миллиард сомонии соли 2017 ба 112,7 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расид.

Музди миёнаи меҳнат беш аз 2 баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,9 баробар зиёд гардид.

Бо вуҷуди болоравии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, солҳои охир дар кишвар сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта шуда, соли 2023-юм 3,8 фоизро ташкил намуд.

Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зикргардида сатҳи камбизоатӣ аз 29,5 фоизи соли 2017 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд.

Дар ду даҳсолаи охир сатҳи зиндагии мардуми кишвар тадриҷан беҳтар гардида, нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999-ум то 62 банди фоизӣ дар соли 2023 паст карда шуд.

Бо мақсади идома додани ин раванд ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати дар ҳафт соли минбаъда то ба 10 фоиз паст кардани сатҳи камбизоатӣ чораҳои мушаххасро амалӣ намояд.

Вобаста ба ин, зарур аст, ки дар соли 2024 тавассути татбиқи самараноки барномаву нақшаҳои қабулгардида суръати рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин карда шавад.

Тавре Президенти кишвар дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ зикр намуданд, дар натиҷаи амалисозии барномаҳои созандаи Ҳукумати мамлакат қисми даромади буҷети давлатӣ ҳар сол зиёд гардида, соли 2023 ҳаҷми он нисбат ба соли 2017-ум 1,6 баробар афзоиш ёфт.

Дар се соли минбаъда ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ афзоиш дода шуда, ба ин мақсад 61 миллиард сомонӣ равона карда мешавад.

Вазорати молия вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо сохтору мақомоти дахлдор ҷиҳати таъмин намудани нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ, самаранокии хароҷоти он ва фарогирии пурраи сарчашмаҳои имконпазири даромади буҷет раванди рақамикунонии молияву андозро густариш бахшида, дар муҳлатҳои наздиктарин низоми мукаммали муносибатҳои молияи рақамиро роҳандозӣ намояд.

Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ ва дигар вазорату идораҳо дар ду соли минбаъда низоми пардохтҳои ғайринақдиро дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла нуқтаҳои савдову хизматрасонӣ пурра ҷорӣ карда, ҳамгироии фаъолиятро дар ин самт таъмин

> **... бо мақсади рушди бахши хусусӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва истеҳсолоти ватанӣ, махсусан маҳсулоту маснуоти ҳунарҳои мардумӣ, Бонки миллӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии мамлакат додани қарзҳои хурди имтиёзнокро барои рушди хунармандиву косибӣ васеъ ба роҳ монанд.**

намоянд.

Инчунин, бо мақсади ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати рушди бозори коғазҳои қиматнок, бахусус, коғазҳои қиматноки “сабз” ва бозори такрорӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Соли 2023 дороии сохторҳои молиявию қарзии кишвар нисбат ба соли гузашта 22 фоиз зиёд гардида, 39,6 миллиард сомониро ташкил кард.

Соли ҷорӣ пешниҳоди қарзҳо аз ҷониби низоми бонкӣ дар муқоиса бо соли 2022-юм 31,1 фоиз афзоиш ёфта, ба 18,5 миллиард сомонӣ баробар гардид. Ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда 32,1 фоиз зиёд гардида, 13,3 миллиард сомониро ташкил дод. Қарзҳои ба занону бонувони соҳибкор пешниҳодшуда 30 фоиз афзоиш ёфта, ба 4,8 миллиард сомонӣ расонида шуд.

Дар ин давра бақияи умумии пасандозҳои аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқӣ дар ташкилотҳои қарзии ватанӣ 32 фоиз зиёд гардида, ба 18,6 миллиард сомонӣ расид.

Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки дар самти дарёфти манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ ва дар ин замина зиёд кардани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат, дастрас ва бо фоизи паст, инчунин, пурра ҷорӣ намудани низоми рақамии хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ва истифодаи васеи технологияҳои молиявӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Ҳамзамон бо мақсади рушди бахши хусусӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва истеҳсолоти ватанӣ, махсусан маҳсулоту маснуоти ҳунарҳои мардумӣ, Бонки миллӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии мамлакат додани қарзҳои хурди имтиёзнокро барои рушди хунармандиву косибӣ васеъ ба роҳ монанд.

**Дар баробари ин, ҷиҳати идома додани ғамхории давлат ва Ҳукумати мамлакат ба мардуми кишвар, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш медиҳам:**

- **аз 1-уми июли соли 2024 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо дар ҳаҷми 30 фоиз аз андозаи муқарраршудаашон индексатсия, яъне зиёд карда шаванд.**
- **аз 1-уми июли соли 2024 маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият**

**ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, дигар ташкилотҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 40 фоиз зиёд карда шаванд;**

**– инчунин, аз 1-уми январи соли 2024 музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар кормандони ин мақомот 40 фоиз зиёд карда шавад;**

Ҳамзамон бо ин, аз 1-уми июли соли 2024 ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба андозаи 800 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад.

Ба Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла Вазорати молия ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки ҷиҳати амалӣ намудани иқдоми зикршуда тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Зимни ироаи Паём Президенти мамлакат аз мақоми занон дар даврони соҳибистиқлолӣ сухан карда, марҳала ба марҳала баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа ва шароити муносиби фаъолият фароҳам овардан барои онҳо бори дигар таъкид доштанд.

Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи зиёди занону бонувони лаёқатманду баландихтисос ба хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ ҷалб карда шудаанд ва ин раванд минбаъд низ идома дода мешавад.

**Нақши занону бонувон дар пойдории сулҳу субот, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ, дар ниҳоди фарзандон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, инсондӯстиву масъулиятшиносӣ, инчунин, пешгирӣ кардани омилҳои номатлуби иҷтимоӣ муассир аст.**

Мову шумо нафақат дар як Рӯзи модар, яъне 8-уми март, балки бояд ҳамеша ва доимо нисбат ба модарону хоҳарону духтарони худ ғамхору меҳрубон бошем.

Бовар дорам, ки занон ва модарону бонувону духтарони арҷманди мо минбаъд низ дар риояи муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим”, “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, ба ҳаёти мустақилона омода намудани фарзандон, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва беҳтар гардидани зиндагии ҳар як оилаи мамлакат нақши арзишманди худро мегузоранд.

Ғамхорӣ нисбат ба ҷавонон, ҳалли мушкилоти онҳо ва истифодаи дурусти ин захираи стратегии миллӣ барои пешрафту ободии Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа яке аз афзалиятҳои асосии Ҳукумати мамлакат ба шумор меравад, зеро шумораи бештари аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Дар идома Президенти кишвар махсус қайд карданд, ки таъмини рушди устувор ва босуръати кишвар танзими ҳуқуқии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

Қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад.

Аз ин рӯ, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон бояд тамоми саъю кӯшиши худро ба ин самт равона созанд.

Зимнан, хотирнишон менамоям, ки дастоварду пешравиҳои то имрӯз ноилшудаи кишвар натиҷаи қонунҳои таҳия ва қабулкардаи парламенти мамлакат мебошад.

Ба шумо – аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон муроҷиат карда, ҳамаи шуморо даъват менамоям, ки биёед, минбаъд низ якҷоя кору фаъолият намуда, кишвари худро ободу зебо созем, сатҳу сифати зиндагии халқамонро баланд бардорем ва обрӯи Ватани азизи худ – Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам таҳкиму тақвият бахшем.

Бояд гуфт, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад.

Ҳоло дар кишвар барномаи сеюми таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020 – 2030 амалӣ шуда истодааст.

Масъалаи дигари муҳим, ки дар низоми ҳуқуқии кишвар

нақши калидӣ дорад, таъмини волоияти қонун буда, он меҳвари фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

Тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ҳамаи захираву имкониятҳоро ҷиҳати иҷрои вазифаҳои зикршуда барои соли 2024, ки сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад, сафарбар намоянд.

Зеро Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад.

Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишвамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем.

Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон карда шавад.

Дар паёми имрӯза дастоварду пешравиҳои дар зарфи солҳои охир ноилшудаи Тоҷикистони соҳибистиқлол баён гардиданд.

Хотирнишон менамоям, ки ҳамаи пешравиҳои зикршуда маҳз бо заҳмати содиқонаву софдилона ва азму талоши ватандӯстонаи мардуми шарифи кишвар ба даст омадаанд.

Аз ин лиҳоз, ба мардуми соҳибмаърифату тамаддунсоз ва шарафманду сарбаланди мамлакат барои дастгирии сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат ва заҳмати аҳлонаву ободгарона сипосу миннатдории самимии худро изҳор мекунам.

Дар баробари комёбиҳо имрӯз мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби ҳаёти ҷомеа ва давлат, инчунин, вазифаҳо барои ҳаллу фасли онҳо муайян ва мушаххас карда шуданд.

Таъкид менамоям, ки бартараф кардани камбудиҳои мавҷуда ва ҳалли мушкилоти ҷойдошта, қабл аз ҳама, вазифаи ҷонии ҳар як роҳбар – аъзои Ҳукумат, Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, роҳбарони сохтору мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, хизматчиёни давлатӣ, аҳли зиё, фаъолон ва тамоми мардуми шарифи кишвар мебошад.

Ҳамаи мо вазифадорем, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноороми пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем, тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон равона созем.

Ман ба мардуми азизи кишвар муроҷиат карда, ҳар яки онҳоро даъват менамоям, ки биёед, табиати Тоҷикистони биҳиштосоямонро ба гулистон табдил диҳем, ободӣ ва тозагиву озодагиро аз ҳар хонаву кошона сар карда, то деҳоти дурдасттарин вусъат бахшем, тамоми қаламрави Ватанамонро хурраму сарсабз гардонем ва соҳиби фарҳангу тамаддуни бостонӣ будани худро ба ҷаҳониён собит намоем.

Ман ба ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси гарми ватандӯстӣ, нияти неку азми қатъӣ ва саъю талоши созандаи мардуми шарафманди Тоҷикистон эътимоди комил дорам.

Бо итминон изҳор менамоям, ки мо ҳама якҷо бо кору фаъолияти аҳлона Ватани азизамонро, хусусан, то ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии истиқлоли давлатӣ ободу зебо месозем, давлати соҳибистиқлоламонро пешрафта мегардонем ва эътибору обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардорем.

Дар қисмати хотимавии Паёми хеш Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон саломатӣ, хонаи обод, бахту иқболи нек ва ба ҳар яки шумо – ҳозирини муҳтарам – сарбаландӣ ва муваффақияту барори кор орзу намуданд.

**www.prezident.tj**



# “БАРОИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ МУТАХАССИСОНЕ ЗАРУР ҲАСТАНД, КИ БАҲРИ ПЕШРАФТУ РУШД АҚЛУ ЗАКОВАТ, МАҲОРАТ ВА ҲАСТИИ ХУДРО ДАРЕҒ НАДОРАНД”

**16 январи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кадрҳоеро, ки ба вазифаҳои роҳбарикунанда дар сохторҳои молиявию бонкӣ, маориф, Академияи миллии илмҳо, кумитаҳои ҷавонон, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ таъин гардиданд, барои суҳбат ба ҳузур пазируфтанд.**

Зимни суҳбат Пешвои миллат фаъолияти сохторҳои мазкурро пурра таҳлилу баррасӣ намуда, аз роҳбарони навтаъин барои фаъолияти боз ҳам самараноку сифатноки ин сохторҳо масъулияту иродаи қавии роҳбариро талаб намуданд.

Тарбияи ҷавонони соҳибкасбу баландихтисос аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дар ин замина тадбирҳои муассир амалӣ мешаванд,





- иброз доштанд Сарвари давлат.

“Бо такя ба неруи созандаи ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол ва омода намудани мутахассисони дорои донишу малакаи ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои муассисаҳои байналмилалии молиявию иқтисодӣ мо метавонем дар оянда рушди устувори давлати худро таъмин намоем” - таъкид намуданд Президенти мамлакат.

Баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии мамлакат, таваҷҷуҳи зарурӣ ба забономӯзӣ ва интихоби дурусти касбу шуғл, интихоб ва тарбияи кадрҳои ҷавон дар зинаҳои гуногуни илм, дастгирии олимони ихтироъкору навовар, ислоҳот дар сохторҳои институту пажуҳишгоҳҳои Академияи миллии илмҳо, алоқамандии илм ба истеҳсолоту ихтироот, ҳарчи зудтар таъмин намудани шароит барои пурра гузаштан ба низоми пардохти ғайринақдӣ, иқтисоди рақамӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат аз мавзуъҳои асосии суҳбат буданд.

Роҳбарони намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО), Бонки ҷаҳонӣ ва Фонди байналмилалии асъор дастуру супоришҳои мушаххас гирифтанд.

“Барои Тоҷикистони соҳибистиқлол мутахассисоне зарур ҳастанд, ки баҳри пешрафту рушд ақлу заковат, маҳорат ва ҳастии худро дареғ надоранд,” - таъкид намуданд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фарҷоми мулоқот.

**www.prezident.tj**



**ТОЛИБЗОДА ФИРДАВС НАЗРИМАД**

**Раиси Бонки миллии Тоҷикистон**

Толибзода Фирдавс Назримад 11 марти соли 1980 таваллуд шудааст. Ӯ дорои маълумоти олӣ буда, Донишгоҳи Шарқи Миёназамини Ҷумҳурии Туркии Кипри Шимолиро бо ихтисоси бонкдорӣ ва молия хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Толибзода Фирдавс Назримад соли 2003 дар Бонки миллии Тоҷикистон оғоз ёфтааст. Ном-бурда нахуст дар идораи назорати бонкӣ ва иҷозатномадиҳии БМТ ба ҳайси иқтисодчии дараҷаи II ва иқтисодчии пешбар ифои вазифа намудааст.

Толибзода Ф.Н. солҳои 2009-2010 дар Магистратураи Институти миллии олӣ оид ба фанҳои сиёсии Токио таҳсил карда, баъди анҷоми он то соли 2015 дар вазифаҳои сариқтисодчӣ, сармутахассис, муовини сардори шуъбаи назорати ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ва шуъбаи бозрасии дувуми Департаменти назорати бонкии Бонки миллии Тоҷикистон фаъолият кардааст. Сипас ба ҳайси муовини сардор, сардори идораи таҳлил ва иҷозатномадиҳии Департаменти назорати бонкӣ ва солҳои 2020-2021 дар вазифаи муовини директори Департаменти назорати бонкии БМТ фаъолият анҷом додааст.

18 январи соли 2021 Толибзода Фирдавс Назримад бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва 17 августи соли 2022 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин гардид.

**Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2024, №681 Толибзода Фирдавс Назримад раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин гардид.**

Аълочии Бонки миллии Тоҷикистон, узви Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон буда, забонҳои англисӣ, русӣ ва туркиро медонад.

**ФАРМОНИ**
**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**Дар бораи раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Толибзода Ф.Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам:

1. Толибзода Фирдавс Назримад раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
16 январи соли 2024
№681



**ШАРИФЗОДА ФИРУЗ ҲОМИДДИН**

**Муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон**

Шарифзода Фируз Ҳомиддин 23 майи соли 1984 таваллуд шудааст. Маълумоташ олӣ, хатмкардаи Академияи иқтисодии Россия ба номи Г.В.Плеханов бо ихтисоси иқтисодчӣ мебошад.

Фаъолияти меҳнатияш дар Бонки миллии Тоҷикистон аз соли 2005 ба ҳайси иқтисодчии дараҷаи II-и шуъбаи назорати ташкилотҳои молиявии ғайрибонкии идораи назорати бонкӣ ва иҷозатномадиҳӣ шуруъ шуда, баъдан солҳои 2006-2014 дар вазифаи иқтисодчии дараҷаи I ва бозраси пешбари идораи назорати бонкӣ кор кардааст. Солҳои 2014-2015 муовини сардори шуъбаи бозрасии Департаменти назорати бонкӣ, солҳои 2015-2016 ба ҳайси сардори идораи бозрасии дувуми Департаменти назорати бонкии БМТ ифои вазифа намудааст.

Шарифзода Фируз Ҳомиддин солҳои 2016-2017 дар вазифаи муовини директори Департамент-сардори идораи таҳлил ва иҷозатномадиҳии Департаменти назорати бонкӣ, солҳои 2017-2019 муовини директори Департаменти назорати бонкӣ, солҳои 2019-2020 сараудитор-директори Департаменти аудити дохилӣ ва аз соли 2020 то 17 августи соли 2022 дар вазифаи директори Департаменти назорати бонкии БМТ фаъолият кардааст.

17 августи соли 2022 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифзода Фируз Ҳомиддин муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин шуд.

**Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2024, №682 Шарифзода Фируз Ҳомиддин муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин гардид.**

Номбурда соли 2021 бо мукофоти давлатӣ – медали Хизмати шоиста сарфароз шудааст.

Узви Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон буда, забонҳои англисӣ ва русиро медонад.

**ФАРМОНИ**
**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Дар бораи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Шарифзода Ф.Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам:

1. Шарифзода Фируз Ҳомиддин муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
16 январи соли 2024
№682



**ИКРОМӢ СИРОҶИДДИН САЛОМ**

**Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон**

Икромӣ Сироҷиддин Салом 5 январи соли 1972 таваллуд шудааст. Хатмкардаи факултаи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб (с. 1997) бо ихтисоси банақшагирии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Номзади илмҳои иқтисодӣ.

Фаъолияти меҳнатияш соли 1988 аз колхозчии колхози ба номи К.Маркси ноҳияи Восеъ шуруъ шуда, солҳои 1990-1992 дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС хизмат кардааст.

Солҳои 1997-1999 Икромӣ Сироҷиддин Салом ходими хурди илмии Пажуҳишгоҳи тадқиқотӣ-илмии иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолоти кишоварзии Тоҷикистон дар назди Академияи илмҳои кишоварзӣ буд.

Аз соли 1999 то соли 2002 дар БДА ҶТ “Амонатбонк”дар ноҳияи Фрунзеи шаҳри Душанбе дар вазифаҳои гуногун кор кардааст. Солҳои минбаъда ба ҳайси бозраси калон ва сарбозраси идораи назорат ва аудити дохилибонкии Раёсати БДА ҶТ “Амонатбонк” фаъолият дошт.

Мавсуф ҳамчунин ба ҳайси сардори идораи пасандозҳо ва коғазҳои қиматнок, сардори идораи тараққиёти бонкӣ, сардори идораи назорат ва аудити дохилибонкӣ ва директори Департаменти қарздиҳии Раёсати БДА ҶТ “Амонатбонк” ифои вазифа намудааст.

Икромӣ Сироҷиддин Салом солҳои 2010-2015 ба ҳайси муовини раиси Раёсати БДА ҶТ “Амонатбонк”, солҳои 2015-2019 муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон, солҳои 2019-2024 раиси Раёсати КВД БА ҶТ “Амонатбонк” фаъолият намудааст.

**Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2024, №683 Икромӣ Сироҷиддин Салом муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин гардид.**

Узви Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон буда, соли 2020 вакили Маҷлиси вакилони халқии шаҳри Душанбе интихоб гардидааст. Забонҳои англисӣ ва русиро медонад.

**ФАРМОНИ**
**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Икромӣ С.С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам:

1. Икромӣ Сироҷиддин Салом муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
16 январи соли 2024
№683



# ИМЗОИ САНАДИ НАВИ ҲАМКОРӢ ДАР ДОИРАИ САФАРИ РОҲБАРИ ОЛИИ МАМЛАКАТ

**21-22 январи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати анҷоми сафари давлатӣ ба Давлати Қатар сафар карданд.**



Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар баробари дигар аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад ҳамроҳӣ карданд.

22 январ дар пойтахти Давлати Қатар - шаҳри Давҳа дар доираи сафари давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Қатар баргузор гардид.

Баррасии масоили ҳамкории ду кишвар дар мулоқоти хосаи сарони давлатҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Волоҳазрат Амири Давлати Қатар Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ оғоз гардида, зимни музокирот бо иштироки ҳайатҳои расмии давлатҳо идома ёфт.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мулоқоти мазкурро ҳамчун идомаи муколамаи сиёсии сатҳи олии ҷонибҳо ва рӯйдоди муҳим дар муносибати ду кишвар арзёбӣ карданд.

Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Қатар дар ҳузури сарони давлатҳо маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ баргузор шуд. Аз рӯйи натиҷаи музокироти сатҳи олӣ 9 санад имзо шуд, аз ҷумла байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Воҳиди молиявии Қатар

**- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ва Воҳиди молиявии Қатар дар соҳаи мубодилаи иттилооти кашшофии молиявӣ воба-ста ба ҷиноятҳои алоқаманд ба қонунигардонии (рас-микунонии) маблағҳо ва маблағгузории терроризм ба имзо расонида шуд.**

Дар фарҷом Пешвои миллат иброз намуданд, ки ин муколамаи сатҳи олиро ҷониби Тоҷикистон омили калидии рушди минбаъдаи робитаҳо медонад ва ҳавасманди пешбурди пайвастаи он ба манзури таҳкиму тавсеаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи ду кишвари ба ҳам дӯст мебошад.

## ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РЎЙДОД




# БАРРАСИИ ВАЗЪИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

12 январи соли 2024 ҷаласаи васеи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти низоми бонкӣ дар соли 2023 ва вазифаҳо барои нимсолаи якуми соли 2024 баргузор гардид. Дар ин ҷаласа муҳимтарин масъалаҳои низоми бонкии кишвар баррасӣ шуда, аз фаъолияти як соли гузаштаи низоми бонкии кишвар натиҷагирӣ карда шуд ва барои нимсолаи аввали соли 2024 вазифаҳо гузошта шуданд.

Ҷаласа таҳти роҳбарии раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким баргузор гардида, дар кори он Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Ҳикматуллозода Неъматулло, муовини якуми раис Толибзода Фирдавс ва муовинони раис Шарифзода Фируз, Назирӣ Гулбаҳор, Салимзода Алиҷон, роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон ва Бюроҳои таърихи қарзӣ фаъолона иштирок намуданд.

Дар оғози ин ҷаласа, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии доимӣ оид ба рушди босуботи низоми бонкӣ изҳори миннатдорӣ баён намуда, зикр кард, ки Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро дар соли 2023 бар асоси қонунгузории соҳавӣ ва вазифаҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” бармеоянд, инчунин дар ҳамоҳангӣ бо Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ва дав-



## ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РЎЙДОД

раи миёнамуҳлат амалӣ намудааст.

- Сарфи назар аз фазои мураккаби иқтисодию сиёсӣ дар ҷаҳон ва идомаёбии номуайяниҳои молиявӣ, пешравиҳои назаррас дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба қайд гирифта шуда, рушди босуботи иқтисодию молиявӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шуд. Маҷмуи Маҳсулоти Дохилии кишвар дар соли 2023 ба 130,8 млрд сомонӣ расида, рушди воқеии он ба 8,3 фоиз баробар гардид. Сатҳи таваррум бошад, дар соли 2023 дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок ҷамъбаст гардида, 3,8 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 0,4 банди фоизӣ кам мебошад, - изҳор дошт раиси Бонки миллӣ.

Зимни ҷаласаи ҷамъбастӣ нишондиҳандаи дигари муҳимми бонкӣ - меъёри бозтамвил мавриди баррасӣ қарор гирифта, қайд гардид, ки бо назардошти дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт, дар сатҳи поёнии ҳадафи муқарраргардида қарор доштани сатҳи таваррум ва беҳтар шудани интизориҳои таваррумии аҳолӣ дар соли 2023 меъёри бозтамвил тадриҷан ба андозаи 3,0 банди фоизӣ паст карда шуда, дар сатҳи 10,0 фоизи солона муқаррар гардид.

Дар баробари ин Бонки миллии Тоҷикистон барои амалӣ намудани сиёсати пулию қарзӣ ва таъмини устувории низомии бонкӣ тадбирҳои заруриро андешида, баҳри баланд бардоштани рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат раванди ислоҳоти соҳаи бонкдорирро идома медиҳад.

Вобаста ба сиёсати қарздиҳии низоми бонкӣ, ки ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад, ба таври назаррас афзудани ҳаҷми умумии қарзҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ додашуда таъкид шуд. Ба охири соли 2023 ин нишондиҳанда 19,0 млрд сомониро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2022, 4,6 млрд сомонӣ ё 32,0 фоиз зиёд мебошад.

Дар маҷмуъ, натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ аз ҷониби роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи ҳисоботӣ бобарор арзёбӣ гардид, ки он бо фоида ба маблағи наздики 1,0 млрд сомонӣ ҷамъбаст гардид. Даромаднокии дороиҳои низоми бонкӣ бошад, дар давраи ҳисоботӣ 2,7 фоиз ва даромаднокии сармояи он бошад, 13,6 фоизро ташкил намуд.

Дар рафти ҷаласаи ҷамъбастӣ аз рафти татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” барои давраи ҳисоботӣ ва саҳми низоми бонкӣ дар ин самт натиҷагирӣ карда шуд.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор дар самти рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ раванди иҷрои Фармони мазкурро таҳти назорати қатъӣ қарор дода, аз ҷониби низом ба аҳолии кишвар имконияти ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани хизматрасониҳои муздноки давлатӣ бо истифода аз кортҳои пардохтӣ, замимабарномаҳои мобилӣ ва хизматрасонии интернет-эквайринг фароҳам оварда



# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РЎЙДОД



шудааст.

Дар идомаи ҷаласа як қатор роҳбарони сохторҳои калидии Бонки миллии Тоҷикистон, аз ҷумла Зафар Абдуллоев - директори департаменти назорати бонкӣ, Нигина Қурбоналиева – сардори идораи суботи молиявӣ, Зиёратшо Бояков, директори департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор, Ҳалим Мирзоалиев - директори департаменти мониторинги молиявӣ, Дилшодбек Ғаниев - директори департаменти технологияҳои иттилоотӣ, Шуҳрат Салоҳиддинов – директори департаменти низоми пардохт ва Абдусаттор Қодиров – муовини сардори идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ бо рӯнамоҳои муфассал дар бораи вазъи низоми бонкӣ, татбиқи сиёсати асъорӣ, фаъолият дар самти МҚД/МТ МПСҚО, татбиқи сиёсати самараноки низоми пардохт ва мавзуъҳои муроҷиати шаҳрвандон ба Бонки миллии Тоҷикистон суханронӣ намуданд.

Зикр гардид, ки бино ба натиҷаҳои вазъи низоми бонкӣ дар соли 2023 нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ беҳтар гардида, васеъ шудани доираи хизматрасониҳои низоми бонкӣ ба мушоҳида расидааст.

Дар ҷаласа ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Неъматулло Ҳикматуллозода доир ба масъалаҳои муҳим ва вазифаҳое, ки дар назди низоми бонкӣ истодаанд, суханронӣ намуд. Изҳор шуд, ки нақши фаъолияти низоми бонкӣ барои татбиқи босамари сиёсати иқтисодии давлату ҳукумат ниҳоят муҳим буда, он дар таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, ташаккули бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ саҳми намоён мегузорад.

Таъкид гардид, ки ташкилотҳои қарзии молиявиро зарур аст, ки барои боз ҳам беҳтар намудани нишондиҳандаҳои молиявӣ, инчунин дарёфти манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ ва дар ин замина паст кардани фоизҳои қарз, зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ, махсусан қарзҳои дарозмуҳлат ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, аз ҷумла ба бахшҳои истеҳсолӣ ва барои рушди ҳунармандиву косибӣ, бо дарназардошти идоракунии хавфҳо ва имкониятҳои ҷойдошта, чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Дар баробари ин, дар назди ташкилотҳои қарзии кишвар ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурииии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ”, ки барои таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ, коҳиш додани амалиётҳои нақдӣ ва кам намудани таъсири омилҳои инсонӣ заминаи мустаҳкам мегузорад, барои нимсолаи якуми соли 2024 вазифагузорӣ карда шуд.

Ҳамзамон барои низоми бонкӣ идома додани иҷрои вазифаҳои муҳим, аз қабили таъмини иҷрои саривақтии Стратегияи миллии

фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, иҷрои саривақтии Стратегияи рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ барои солҳои 2022-2026, пурра ҷорӣ намудани низоми рақамии хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ва истифодаи васеи технологияҳои молиявӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ, пурзур намудани низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, андешидани тадбирҳо барои мустаҳкам намудани заминаи сармоявӣ ва ҷалби бештари сармоягузориҳо, баланд бардоштани савияи дониши кормандон, зиёд намудани ҳиссаи дороиҳои даромаднок, таъмини амнияти иттилоотӣ, пешгирӣ намудани монеаҳои сунъӣ дар самти амалиёти мубодилавӣ, иҷроиши саривақтии талаботи дастурамалҳо ва дастурҳои БМТ дар самти амалиёти асъорӣ ва пайваста андешидани чораҳои зарурӣ барои баланд бардоштани маърифатнокии молиявии аҳолӣ зарур шуморида шуд.

**"БТҶ"**

## ҶАЛАСАИ НУҲУМИ ШУРОИ МИЛЛИИ СУБОТИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



7 марти соли 2024 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи нуҳуми Шурои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Шуро) таҳти роҳбарии Раиси Шуро – вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Завқизода Завқӣ Амин бо иштироки мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон, намояндагони вазоратҳои молия ва адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар оғози чорабинӣ мутобиқи рӯзномаи ҷаласа рафти иҷрои қарорҳои қабулгардидаи ҷаласаи ҳаштуми Шуро муҳокима гардида, гузориши масъулин оид ба андешидани чораҳои зарурӣ барои рушди таъмини ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути



воситаҳои электронии пардохт ва таъсири он ба иқтисоди миллӣ, монеаҳо дар раванди татбиқи низоми байналмилалии баҳисобгирии молиявӣ дар корхонаҳои давлатӣ ва рушди бозори ипотека мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар рафти баргузории ҷаласа аъзои Шуро бо пешниҳоди рӯнамоиҳо оид ба масъалаҳои мубрам, аз қабили киберамният дар низоми бонкӣ, раванди гузариши пардохти хизматрасониҳои давлатӣ ба таври ғайринақдӣ, хавфҳои эҳтимолии фискалӣ,

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РЎЙДОД

инчунин хавфҳои корхонаҳои давлатӣ муҳокимарониҳо анҷом доданд. Қайд карда шуд, ки дар ҷаҳони имрӯза бо шиддат гирифтани вазъи геосиёсӣ ва рақобату номуайяниҳо дар муносибатҳои тиҷоратӣ, зиёд гардидани мушкилиҳо вобаста ба тағйирёбии иқлим ва нобаробарии иҷтимоӣ дар самти пешгӯии хавфҳо ва коҳиш додани таъсири онҳо ба иқтисоди миллӣ, ҳамоҳангии зичи вазорату идораҳои калидӣ нақши муассир мебозад.

Дар ин раванд таъкид гардид, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳон, баланд бардоштани иқтидор ва рақобатпазирии самтҳои асосии фаъолияти бахшҳои молиявӣ тавассути ҷорӣ намудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ, бахусус вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва рушди инфрасохтори низоми пардохт, инчунин эмин нигоҳ доштани низоми молиявӣ аз киберхатарҳо масъалаҳои муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар хотимаи ҷаласа, бо мақсади дар ҳамоҳангӣ татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, истифодаи иқтидори мавҷуда ва суръат бахшидан ба рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт, беҳтар намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва дигар масъалаҳои муҳим қайд гардида, ба ин васила қарорҳои марбута дар самти зиёд намудани ҳиссаи амалиётҳои ғайринақдӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ ва истифодаи фазои маҷозӣ ҳангоми анҷом додани хизматрасониҳои пулӣ, коҳиш додани хавфҳои фискалӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти корхонаҳои давлатӣ ва ғайра қабул гардиданд.

Бояд қайд кард, ки Шурои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми байниидоравии доимоамалкунандаи машваратӣ буда, бо мақсади баррасии масъалаҳои таъмини суботи молиявӣ, ошкор намудани хавфҳо дар низоми молиявӣ ва пешниҳоди тадбирҳо баҳри коҳиш додани онҳо, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018, №331 таъсис дода шудааст.

**Идораи суботи молиявӣ**

## ФАЪОЛИЯТИ БОЗОРИ СУҒУРТА ДАР СОЛИ 2023 ҶАМЪБАСТ ГАРДИД

Ҷамъбасти фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии кишвар ва рушди бозори суғурта дар соли 2023 дар ҷаласаи ҷамъбасти низоми суғурта таҳти роҳбарии муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Икромӣ Сироҷиддин бо иштироки роҳбарони тамоми ташкилотҳои суғуртавии кишвар мавриди натиҷагирӣ қарор гирифт.



Дар рафти ҷаласа аз бозори суғурта ҳамчун низоми ҳимоя ва дастгирии манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дар самти таъмини бехатарии ҳаёт, саломатӣ ва молу мулк унсури асосии иҷтимоию иқтисодии ҷомеа таъкид шуд, ки он дар пешрафти соҳаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии халқ муҳим арзёбӣ мегардад.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ ҷамъбасти фаъолияти низоми суғуртаи кишварро дар такя ба нишондиҳандаҳои асосии соҳа, ки рӯ ба афзоиш доранд, рушдкунанда арзёбӣ намуд. Зеро дар давраи ҳисоботӣ дороиҳои низом нисбат ба соли қаблӣ 18,1 фоиз, сармояи худӣ 18,7 фоиз, сармояи оинномавӣ 19,6 фоиз, захираҳои суғуртавӣ 11,3 фоиз, мукофотҳои суғуртавӣ 33,7 фоиз, сармоягузориҳо 6,8 фоиз ва пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ 63,4 фоиз зиёд гардиданд.

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РЎЙДОД

**Хотиррасон менамоям, ки таъмин намудани рушди бозори коғазҳои қиматнок, хусусан, бозори такрории онҳо ва соҳаи суғурта барои ҷалби воситаҳои озоди молиявии дохиливу хориҷӣ ба сифати сармоя саҳми назаррас гузошта метавонад.**

**Аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**



Аз рӯйи натиҷаҳои фаъолият дар соли 2023 саҳми дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявӣ 2,0 фоизро ташкил намуда, нисбат ба ММД бошад, ба 0,6 фоиз баробар шуд.

Вобаста ба таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати мамлакат ба низоми суғуртаи кишвар, муовини раис Сироҷиддин Икромӣ таъкид бар он дошт, ки имрӯз Роҳбарияти Олии кишвар ба рушди бозори суғурта таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани он дастуру супоришҳои мушаххас медиҳад. Бонки миллии Тоҷикистон дар навбати худ баҳри расидан ба ҳадафҳои муайяннамудаи Ҳукумати кишвар ҷиҳати таъмини рушди бозори суғурта бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда тадбирҳои саривақтӣ ва самаранок меандешад. Аз ҷумла, ҷалби шарикони байналмилалии молиявӣ бо роҳандозӣ намудани лоиҳаҳои кӯмаки техникӣ дар мавриди қорӣ намудани раванди муосири ҳисоботдиҳӣ ва таҳлил, таҳияи Стратегияи рушди бозори суғурта, баланд бардоштани иқтидори тахассусии кормандони соҳа аз зумраи онҳост.

Зимни ҷаласа муовини раиси Бонки миллӣ аз тақвият ёфтани заминаи ҳуқуқии соҳа, аз ҷумла ба тозагӣ ворид шудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”, ки ба рушди бозори суғурта мусоидат хоҳад кард, махсусан қайд намуд.

Дар рафти ҷаласа аз ҷониби идораи назорати суғуртавӣ ҳисобот ва таҳлили пурраи соҳа барои соли 2023 дар шакли рунамоӣ манзур карда шуд. Баъди муҳокима ва таҳлилу баррасии нишондиҳандаҳои ҷамъбастӣ, дар назди ташкилотҳои суғуртавӣ вазифаҳои нав баҳри рушди бозори суғурта гузошта шуд, аз ҷумла беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, таъмини шаффофияти амалиётҳо, қорӣ намудани хизматрасониҳои муосир, баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандон, вусъат додани корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ, риояи рақобати солим.

Дар ҷамъбасти ҷаласа муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ аз ташкилотҳои суғуртавии кишвар даъват ба амал оварда, ки баҳри амалӣ намудани нақшаву барномаҳо ва вазифаҳои нав тамоми саъйю талоши худро дар ҳамбастагӣ ба рушди бозори суғуртаи мамлакат равона созанд.

**Ҳ. Муҷебуллоев**

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД



## ФИРДАВС ТОЛИБЗОДА БО ҶАНОБИ КВОН ДОНГСОК МАСОИЛИ ҲАМКОРИРО МУҲОКИМА НАМУДАНД

20 феврали соли 2024 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад бо Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Квон Донгсок мулоқот намуд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон иброз дошт, ки солҳои охир соҳаҳои тиҷорат, истеҳсолот, инфрасохтор, илму маориф, муҳофизати меҳнатӣ, фарҳанг, кумаки гуманитарӣ ва дигар соҳаҳо дар ҳамкории Тоҷикистону Корея авлавият пайдо кардаанд.

Аз ҷумла, соли 2023 Бонки Корея ва Вазорати иқтисод ва молияи Корея дар самти рушди молиявӣ дар Осиё ва Корея, суботи молиявӣ, таҳкими неруи рақамӣ дар рушди бозори сармоя ва инкишофи иқтисодӣ дар давраи пасазковидӣ, аудити дохилӣ ва гузариш ба иқтисоди сабз чорабиниҳои таълимию омӯзишӣ ташкил намуданд, ки дар он кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ширкат варзида, малакаю дониши худро дар ин самт тақвият бахшиданд.

Ҷаноби Квон Донгсок аз ҳавасмандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тавсеа ёфтани ҳамкории дуҷонибаи судманд бо Ҷумҳурии Корея истиқбол карда, густариши ҳамкориҳоро дар самти рақамикунонии иқтисодиёт, вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо истифода аз Низоми миллии пардохти Корея (KFTC) мавриди таваҷҷуҳ қарор доданд.



## ТАШРИФИ ҲАЙАТИ БОНКИ ҶАҲОНӢ БА БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Дар вохӯрии раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад бо ҳайати Бонки Ҷаҳонӣ, ки 23 феврали соли 2024 доир гардид, яке аз самтҳои муҳимми ҳамкорӣ бо Бонки ҷаҳонӣ - рушди фарогирии молиявӣ, бахусус дар бахшҳои рақамикунонӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар мулоқот роҳбари намояндаи доимии Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон ҷаноби Озан Севимли, роҳбари намояндаи доимии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ (IFC) Фаррух Султонов, сармутахассис оид ба амалиёти Бонки Ҷаҳонӣ Раҳимҷон Асангазиев ва сариқтисодчии Бонки Ҷаҳонӣ Илёс Сарсенов иштирок намуданд.

Ҷонибҳо аз сатҳи ҳамкориҳои судманд ва татбиқи лоиҳаҳое, ки ба таҳкими бахшҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон нигаронида шудаанд, аз қабили “Барномаи таҳкими бахши молиявӣ” бо кумаки молиявии Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкории иқтисодӣ (SECO) ва “Рушди бахшҳои молиявӣ ва хусусӣ” амалӣ мешаванд, изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо ҷиҳати тақвияти ҳамкорӣ омодагии хешро дар самтҳои дахлдор изҳор намуданд.

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РЎЙДОД



## БОНКИ МИЛЛӢ ВА БОНКИ АВРУПОИИ ТАҶДИД ВА РУШД ДУРНАМОИ ҲАМКОРИРО БАРРАСӢ НАМУДАНД

5 марти соли 2024 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад бо ҳайати Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) мулоқоти корӣ анҷом дод. Ҳайати Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушдро дар мулоқоти мазкур роҳбари БАТР дар Тоҷикистон Холгер Вифел, директори иҷроияи департаменти хазинадории БАТР Аксел Ван Недервин, роҳбари департаменти амалиётии БАТР оид ба ҳамкорӣ бо институтҳои молиявии Осиёи Марказӣ Ҷаҳонгир Шамсиев, директори идорасозии портфели пули миллӣ хонум Ауде Пакатте муаррифӣ намуданд.

Мавзуи асосии муҳокимаи ҷонибҳо натиҷагирӣ аз татбиқи марҳилаи аввали лоиҳаи “Ташхиси сохтори бозори пул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва тақвияти минбаъдаи бозори пул (Money Market) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дода шуд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо татбиқи қадамҳои минбаъдаро дар доираи лоиҳаи барномаи пешбинишуда ҷиҳати ташхиси бозори пул дар ояндаи наздик, ки бевосита ба баҳодиҳӣ ва муайянсозии монеаҳо, инчунин бозори байнибонкии пул таъсири мусбат мерасонанд, мавриди баррасӣ қарор доданд.



## МУЛОҚОТИ СУДМАНД БО ҲАЙАТИ БОНКИ ҶАҲОНӢ

Дар мулоқоти раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад бо ҳайати Бонки Ҷаҳонӣ, ки 13 марти соли 2024 баргузор шуд, марҳилаи дуюми “Барномаи тақвият бахшидани бахши молиявӣ ва рушди бахши хусусӣ” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода ба Бонки Ҷаҳонӣ барои ҳамкориҳои бисёрсола ва дастгирии пайвастаи лоиҳаҳо, аз ҷумла се лоиҳае, ки айни замон Бонки миллии Тоҷикистон бо Бонки Ҷаҳонӣ “Асосҳои рақамии Тоҷикистон”, “Устувории низоми молиявӣ ва таҳкими бахши хусусӣ” ва марҳилаи дуюми “Барнома оид ба таҳкими бахши молиявии Тоҷикистон” татбиқ мешаванд, арзи сипос намуд.

Фирдавс Толибзода саҳми Бонки Ҷаҳонӣро дар татбиқи муваффақонаи кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати нигоҳ доштани суботи молиявӣ дар кишвар назаррас арзёбӣ намуда, ёдовар шуд, ки дар доираи Барномаи дастгирии техникии Бонки Ҷаҳонӣ оид ба устувории бахши молиявӣ, ки аз ҷониби SECO маблағгузорӣ мешавад, Бонки миллии Тоҷикистон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид.

Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо инчунин ба масъалаҳои муҳимми миқёси иқтисодӣ, аз ҷумла маблағгузории иқтисоди сабз, тағйирёбии иқлим, рушди устувори бозори суғурта, нигаҳдории суботи молиявӣ, таъмини устувории низоми пардохт ва амсоли инҳоро мавриди муҳокима қарор доданд.

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД

## ТУ МОРО ЗИНДА ГАРДОНДӢ, БА МО МОРО ШИНОСОНДӢ...



Бо мақсади татбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, шаҳрҳои Гулистон ва Хуҷанди вилояти Суғд (14-15 ноябри соли 2023) ва иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2023, №24/10-404, санаи 23 январи соли 2024 дар Бонки миллии Тоҷикистон оид ба осори таълифнамудаи шоира Розияи Озод ва китоби “Тоҷикон”- и академик Бобоҷон Ғафуров семинари омӯзишӣ баргузор гардид.

Дар ҳамоиши илмӣ муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ, мудири шуъбаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илми таърих, дотсент Абдулло Ғафуров, раиси маркази тарғиби адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Абдуллоҳи Раҳнамо иштирок ва суханронӣ карданд.

Зимни ҳамоиш муовини раиси Бонки миллӣ Гулбаҳор Назирӣ аз мақому манзалати ин асари бузурги таърихӣ сухан карда изҳор дошт, ки китоби “Тоҷикон” намунаи беҳтарин ва безаволи таърихӣ буда, солҳост, ки арзиши худро гум накардааст ва умри он ҷовидонӣ хоҳад буд. Зеро, дар он таърихи на танҳо халқи тоҷик, балки тамоми минтақа дарҷ гардидааст.

Ҳанӯз аз соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид дошта буданд: “Мо кӣ будани аҷдоду гузаштагони худро бояд донем, ба онҳо арҷ гузорем ва бо насли оriёӣ, яъне ориёитабор будани худ ифтихор кунем. Дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода шуд, ки бо мақсади омӯзишӣ амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик-шоҳасари Бобоҷон Ғафуров китоби “Тоҷикон”-ро аз ҳисоби Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр ва то ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатӣ аз номи Роҳбари давлат ба ҳар як оилаи кишвар туҳфа намояд.”



Бори дигар зимни ҳамоиш таъкид гардид, ки асари безаволи “Тоҷикон” шиносномаи миллат маҳсуб меёбад. Зеро баъд аз нашри китоби “Тоҷикон” халқи тоҷик соҳиби асари бунёдӣ шуда, дар арсаи байналмилалӣ соҳиби шиноснома гардид ва маҳз ин асар тавонист ба баҳсҳои чандинасра дар бораи халқи тоҷик, дорои тамаддуни ориёӣ ва сарзамин будани тоҷикон нуқтаи илмӣ гузошта, дар бақои миллати тоҷик нақши муассир дошта бошад.

Дар охир муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон чорабинии омӯзиширо ҳусни анҷом бахшида, таъкид ба он дошт, ки кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкиро зарур аст, дар партави сиёсати дурандешонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз таърихи пурифтихори халқамон огоҳ бошем ва ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба ватан ташвиқ намоем. Зеро бе надонистани таърихи миллати худ ояндаро бунёд кардан ғайриимкон аст.

**www.nbt.tj**

14

**феврали соли 2024 аз ҷамъбасти фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва дар маҷмуъ низоми бонкии кишвар дар соли 2023 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад ҳисобот дод. Нишасти матбуотии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба ҷамъбасти фаъолият дар соли ҳисоботӣ тибқи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи нишастҳои матбуотӣ ва дар асоси Нақшаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташкил ва гузаронидани нишастҳои матбуотӣ дар вазорату идораҳо бо ҳузури муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз Ҳомиддин, муовинони раис Назирӣ Гулбаҳор Назир ва Икромӣ Сироҷиддин Салом, роҳбарони сохторҳои калидии Бонки миллӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори дохилӣ ва хориҷи кишвар доир гашт.**




# ТАТБИҚИ БОСАМАРИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ВА РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ

## МУСОИДАТКУНАНДАИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Тибқи тартиби муқаррар-гардида, сараввал раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс барои ҳамкорӣ ва инъ-икоси масоили низоми бонкӣ аз намояндагони воситаҳои ахбори омма арзи сипос намуда, сипас оид ба нишондиҳандаҳои низоми бонкии кишвар дар соли 2023 ба таври мушаххас маълумот дод.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс иброз дошт, ки Бонки мил-лии Тоҷикистон ҷиҳати дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои мил-лат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қонунҳои мавриди амали ҷумҳурӣ ва қарорҳои Ҳукумати мамлакат ҷиҳати татбиқи босамари сиёсати пулию қарзӣ, таҳкими низо-ми бонкӣ, мусоидат намудан ба таъмини суботи молиявӣ, рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, инчунин ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои назаррас пайваста тадбирҳои амалӣ меан-дешад.

-Беҳтар гардидани вазъи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, сатҳи пасти таваррум ва фаъолияти босу-боти низоми бонкӣ аз он дало-лат медиҳад, ки дар соли 2023

иқтисодиёти кишвар новобаста аз фазои мураккаби иқтисодию сиёсии ҷаҳон ба пешравиҳои назаррас комёб гардид.

Аз ҷумла, дар соли 2023 сатҳи таваррум 3,8 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2022 0,4 банди фоизӣ кам мебошад. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 3,5 фоиз, молҳои ғайрихӯрокворӣ 6,6 фоиз ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ 1,2 фоиз ба амал омад.

Дар сохтори таварруми бавуқуъомада дар ин давра бештар қиматшавии нархи маҳсулоти хӯрокворрии омили мавсимӣ ва берунидошта, аз ҷумла лиму 2,4 маротиба, ангур 2,1 маротиба, нок 37,0 фоиз, биринҷ 45,3 фоиз, шакар 27,6 фоиз, гӯшти гов 5,7 фоиз, гӯшти гӯсфанд 11,3 фоиз, картошка 15,1 фоиз, инчунин молҳои ғайрихӯрокворӣ бензини АИ-92 24,4 фоиз, гази моеъ 27,2 фоиз, маводи доруворӣ 13,2 фоиз, ангишт 10,9 фоиз, либосу пойафзол 6,0 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

**Сиёсати пулӣ.** Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади нигоҳ доштани сатҳи муътадилии нархҳо ва раванди танзими ҳаҷми пул, сиёсати пулию қарзиро тавассути механизму фишангҳои худ ҷиҳати маҳдуд сохтани таъсири омилҳои монетарӣ ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ амалӣ намуда истодааст.

Баҳри танзим намудани ҳаҷми пул дар муомилот, идоракунии сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва коҳиш додани фишорҳои таваррумии монетарӣ дар соли 2023 108 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳаҷми 8,9 млрд сомонӣ баргузор карда шуд. Дар баробари ин, аз ташкилотҳои қарзӣ тавассути амалиёти амонатҳои шабонарӯзӣ маблағҳои озод ҷалб карда шуд, ки ба ҳисоби миёна дар як рӯз 721,9 млн сомониро ташкил менамояд.

**Меъёри бозтамвил,** ки фишанги калидии сиёсати пулию қарзӣ барои анҷом додани амалиётҳои монетарӣ ба ҳисоб меравад, дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт бо назардошти дар сатҳи поёнии ҳадафи муқарраргардида қарор доштани сатҳи таваррум ва беҳтар шудани интизориҳои таваррумии аҳолӣ аз аввали соли 2023 тадриҷан ба андозаи 3,0 банди фоизӣ паст карда шуда, дар сатҳи 10,0 фоизи солона муқаррар гардид.

Инчунин, дар соли 2023 бо мақсади таъмини гардиши пул вобаста ба талаботи иқтисодиёт 3,2 млрд сомонӣ пули нақд ба муомилот бароварда шуд.

> **-Беҳтар гардидани вазъи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, сатҳи пасти таваррум ва фаъолияти босуботи низоми бонкӣ аз он далолат медиҳад, ки дар соли 2023 иқтисодиёти кишвар новобаста аз фазои мураккаби иқтисодию сиёсии ҷаҳон ба пешравиҳои назаррас комёб гардид.**

Ҳамзамон, 5,6 млрд сомонӣ пули нақд, аз он 4,2 млрд сомонӣ пулҳои коғазии коршоям ва 1,4 млрд сомонӣ пулҳои коғазии фарсуда аз муомилот гирифта шуд.

**Қурби асъор.** Мутобиқи "Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат" сиёсати қурбӣ дар реҷаи "шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб" асос ёфта, қурби расмии сомонӣ нисбат ба асъори хориҷӣ дар асоси талабот ва пешниҳод дар бозори дохилии асъор муқаррар карда мешавад. Бонки миллии Тоҷикистон тибқи реҷаи мазкур танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ метавонад ба бозори дохилии асъор дахолат намояд.

Дар соли 2023 қурби расмии доллари ИМА нисбат ба сомонӣ ба андозаи 7,4 фоиз (аз 10,2024 сомонӣ дар санаи 31.12.2022 то ба 10,9571 сомонӣ дар санаи 31.12.2023) баланд шудааст (нишондиҳандаи мазкур дар соли 2022 ба андозаи 9,7 фоиз коҳиш ёфта буд).

Қурби расмии миёнадавраи доллари ИМА нисбат ба сомонӣ



дар соли 2023 ба 10,8445 сомонӣ баробар шуда, нисбат ба соли қаблӣ 1,7 фоиз паст мебошад (нишондиҳандаи мазкур дар соли 2022 ба 11,0303 сомонӣ баробар буд).

Бо назардошти вазъи иқтисоди ҷаҳонӣ, дар ин давра қурби расмии асъори миллии аксари кишварҳои шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қабили қурби тангаи Қазоқистон 1,8 фоиз устувор гашта, қурбҳои рубли Федератсияи Россия 27,5 фоиз, рубли Беларус 16,1 фоиз, лираи Туркия 57,5 фоиз, суми Ӯзбекистон 9,9 фоиз, соми Қирғизистон 4,0 фоиз ва юани Чин 2,3 фоиз нисбат ба доллари ИМА коҳиш ёфтаанд.

**Низоми бонкӣ.** Ҷиҳати фаъолияти босуботи низоми бонкӣ ва таъмини рушди устувории он дар кишвар баҳри беҳтар кардани сифати дороиҳо, пурзӯр намудани идоракунии хавфҳо, такмил додани усулҳои идоракунии корпоративӣ, назорати қатъӣ аз болои дороиҳо, уҳдадориҳо, сатҳи пардохтпазирӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ як қатор тадбирҳои зарурӣ андешид.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2023 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ 63 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 14 адад бонки анъанавӣ, 1 адад бонки исломӣ, 1 адад ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 19 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 адад ташкилоти қарзии хурд ва 25 адад фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд.

Ба санаи 31 декабри соли 2023 шумораи умумии воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ 1 897 ададро ташкил намуда, нисбат ба соли қаблӣ 35 адад зиёд мебошад.

Дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ бошад, ба санаи 31 декабри соли 2023 маблағи 37,7 млрд сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ 7,6 млрд сомонӣ ё 25,5 фоиз афзоиш ёфтааст.

Уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба санаи ҳисоботӣ 30,3 млрд сомониро ташкил намуда, нисбат ба соли 2022 ба маблағи 6,6 млрд сомонӣ ё 27,8 фоиз зиёд шудааст.

Сармояи тавозунии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2023 ба 7,4 млрд сомонӣ баробар шуда, нисбат ба соли 2022 1,1 млрд сомонӣ ё 16,9 фоиз зиёд шудааст.

Меъёри пардохтпазирии ҷории ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2023 ба 81,0 фоиз баробар гардида, нисбат ба талаботи муқарраршуда (30 фоиз) 51,0 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Ба санаи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои даромаднокии дороиҳо (ROA) ва даромаднокии сармояи (ROE) ташкилотҳои қарзии молиявӣ мутаносибан ба 2,6 фоиз ва 13,6 фоиз баробар гардиданд.

Меъёри кифоятии сармояи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2023 андозаи 21,3 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба талаботи муқарраршуда (12 фоиз) 9,3 банди фоизӣ зиёд мебошад.

**Натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли 2023 бо фоида ба маблағи наздики 1 млрд (999,3 млн) сомонӣ ҷамъбаст гардид.**

**Пасандоз** ҳамчун сарчашмаи маблағгузории дохилӣ ва та-





шаккул ёфтани пойгоҳи захиравии ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб рафта, ба рушди фаъолияти низоми бонкӣ ва иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, бақияи пасандозҳо ба ҳолати 31 декабри соли ҳисоботӣ 19,5 млрд сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 25,5 фоиз зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии бақияи пасандозҳо аз рӯи ҳисса бо пули миллӣ 55,5 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 44,5 фоизро ташкил медиҳад.

Дар таркиби бақияи умумии пасандозҳо 8,9 млрд сомонӣ ё 45,4 фоиз ба шахсони ҳуқуқӣ ва 10,6 млрд сомонӣ ё 54,6 фоиз ба шахсони воқеӣ рост меояд.

**Маблағгузории қарзӣ** яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёт, вусъат додани истеҳсолоти ватанӣ, устувор намудани иқтидори содиротӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад.

Дар соли 2023 ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 19,0 млрд сомониро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ 32,0 фоиз ё 4,6 млрд сомонӣ афзудааст.

Аз ҳаҷми умумии қарзҳои ба иқтисодиёт додашуда ба соҳаҳои истеъмолот 43,1 фоиз, саноат 14,1 фоиз, кишоварзӣ 14,4 фоиз, савдои хориҷӣ 11,7 фоиз, хизматрасонӣ 7,1 фоиз, сохтмон 3,8 фоиз, нақлиёт 0,7 фоиз ва дигар соҳаҳо 5,1 фоиз рост меоянд.

Ба соҳибкории истеҳсолӣ аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 37,8 фоиз рост омада, маблағи 7,2 млрд сомониро ташкил дод.

Қарзҳои хурди додашуда бошад, дар давраи ҳисоботӣ маблағи 13,6 млрд сомониро ташкил дода (71,5 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда), нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 29,1 фоиз зиёд мебошад.

Фоизи миёнавазни қарзҳо дар соли 2023 бо пули миллӣ 23,2 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 11,8 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ бо пули миллӣ 0,14 банди фоизӣ ва бо асъори хориҷӣ 0,16 банди фоизӣ кам мебошад.

**Низоми пардохт.** Бо мақсади вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва васеъ намудани инфрасохтори пардохтӣ барои хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтии бонкии ватанию хориҷӣ ва таъмини фаъолияти мунтазами онҳо, Бонки миллии Тоҷикистон якҷо бо вазорату идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва шарикони рушд тамоми чорабиниҳои заруриро андешида истодааст.

Бо истифода аз технологияҳои муосири пардохтӣ ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ фаъолияти худро дар ин самт ба роҳ монда, барои осон, дастрас ва ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани молу хизматрасонӣ имкон фароҳам меоранд. Дар баробари ин, ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ хизматрасонии фосилавии бонкиро, аз қабили кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ, бонкдории мобилӣ, Интернет-бонкинг, пардохтҳо тавассути POS – терминал ва QR-рамзро тақвият мебахшанд. Инчунин, шабакаи терминалии ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ фаъолият карда, кортҳои пардохтии бонкии низоми пардохтии миллии “Корти миллӣ” ва низомҳои





пардохтии байналмилалии Visa, Mastercard, UnionPay ва American Express-ро хизматрасонӣ менамояд, ки ин ба шаҳрвандони ватанию хориҷӣ барои бемамониат анҷом додани амалиёти пардохти ғайринақдии молу хизматрасонӣ, гирифтани пули нақд ва дигар хизматрасониҳои роҳандозикардаи ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ имкон медиҳад.

Ҳамин аст, ки нишондиҳандаҳои ташкилотҳои қарзӣ дар ин самт хеле афзоиш ёфтаанд, аз ҷумла тибқи маълумоти оморӣ ба санаи 31 декабри соли 2023 шумораи умумии кортҳои пардохтии бонкии ба муомилот баровардашуда 6,7 млн ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли 2022 32,6 фоиз зиёд мебошад. Теъдоди умумии ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзии молиявӣ 8,7 млн ададро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ 2,4 млн адад (37,6 фоиз) афзоиш ёфтааст.

Аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои бо пули нақд таъмин намудани дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ дар умум 2 240 адад банкомат ва 3 492 адад терминали электронӣ дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд насб карда шуд. Нишондиҳандаҳои мазкур нисбат ба соли 2022 мувофиқан 29,9 фоиз ва 63,8 фоиз зиёд мебошанд. Илова бар ин, ба санаи 31 декабри соли 2023 барои қабули пардохтҳои ғайринақдии молу хизматрасонӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ 6 939 адад POS - терминал ва 12 560 адад QR–рамз насб карда шуд. Дар соли 2023 бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) 57,2 млн адад амалиётҳои ғайринақдӣ ба маблағи 15,5 млрд сомонӣ гузаронида шуданд, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба соли 2022 аз рӯи шумора 71,0 фоиз ва аз рӯи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 90,4 фоиз афзоиш ёфтааст.

Таносуби ҳаҷми амалиётҳои гирифтани пули нақд ва пардохти ғайринақдии молу хизматрасониҳо бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ 80,4 фоиз ба 19,6 фоизро ташкил дода, ҳиссаи амалиётҳои пардохти ғайринақдӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 7,6 банди фоизӣ зиёд гардидааст.

- Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва таъмини устувории низоми бонкӣ дар ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳои иқтисодии кишвар тамоми чораҳои заруриро андешида, раванди ислоҳоти соҳаи бонкдориро бо мақсади баланд бардоштани рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар идома хоҳад дод, - изҳор дошт дар охири суханронӣ Толибзода Ф.Н.

Дар нишасти матбуотӣ беш аз 30 намояндагони воситаҳои ахбори оммаи дохилӣ ва хориҷи кишвар ширкат варзида, бештар ба масъалаҳои сиёсати пулию қарзӣ, захираҳои байналмилалӣ, татбиқи низоми ғайринақдӣ, сиёсати қарздиҳӣ, баланд бардоштани маърифати молиявӣ ва амсоли инҳо таваҷҷуҳ намуданд. Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ба суолҳои рӯзноманигорон посухҳои мушаххас дода, дар фаровард барои ҳамкории судманд ва инъикоси масоили низоми бонкӣ изҳори сипос намуд.

**М.Ҳасанова**

# СОЛҲОИ
# 2023-2037
## “СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ИҚТИСОДИ САБЗ”





# БАРНОМАИ МАБЛАҒГУЗОРИИ “ИҚТИСОДИ САБЗ” ДАР ТОҶИКИСТОН

“Иқтисоди сабз” яке аз самтҳои муосири илми иқтисод буда, дар пешрафти иқтисодиёт метавонад саҳми арзанда дошта бошад. Солҳои охир ин мафҳум дар кишвари мо низ торафт шинохта шуда, барои истифода ва татбиқи он тадбирҳои назаррас роҳандозӣ мешаванд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола зимни ироаи Паёмашон ба ин мавзуи муҳим таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Ҳамин аст, ки дар кишвар “Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023-2037” қабул гардид, ки ҳадафи он гузаронидани ислоҳоти дастурӣ, таъмини истифодаи самараноки сармояи табиӣ, ҷалби сармоягузорӣ, амалӣ намудани технологияи муосиру инноватсионӣ ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар самти “иқтисоди сабз” мебошад.

Мусаллам аст, ки истифодаи “иқтисоди сабз” дар низоми бонкӣ ҳам торафт маъмул гашта, барои тавсеаи он дар Тоҷикистон шарикони ҳамкор мусоидат менамоянд.

Барномаи маблағгузории иқтисоди сабз дар Тоҷикистон II (GEFF Tajikistan II) дар ҳаҷми 50 миллион доллари ИМА, ки аз ҷониби БАТР ва Хазинаи Иқлими Сабз (ХИС) роҳандозӣ шудааст, барои баланд бардоштани стандартҳои самаранокии нерӯ ва захираҳо мусоидат намуда, гузариши кишварро ба иқтисоди сабз дастгирӣ менамояд.

Ифтитоҳи расмии он 26 сентябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе бо иштироки намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон, гурӯҳи васеи донорҳо, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва маҳаллӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ доир гардид.

Барномаи GEFF Тоҷикистон II қарзгирандагони манзилӣ ва тиҷоратиро барои сармоягузорӣ ба технологияҳои сабз ва инноватсионӣ, дар истифодаи самаранокии об ва идоракунии устувори замин мусоидат ва ҳавасманд хоҳад намуд. Ҳамчунин барномаи мазкур ба соҳаи кишоварзӣ, ки тақрибан нисфи аҳолии қобили меҳнати Тоҷикистон он ҷо шуғл доранд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир хоҳад намуд.

То 13 миллион доллари ИМА аз маблағи умумӣ, аз он ҷумла 11 миллион доллари ИМА дар доираи GEFF Тоҷикистон II, ба се ташкилотҳои молиявии Тоҷикистон: Бонки “Арванд” (4 миллион доллари ИМА), ташкилотҳои қарзии хурди “Ҳумо” (5 миллион доллари ИМА) ва “ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ” (4 миллион доллари ИМА) ҷудо карда мешавад. Ташкилотҳои мазкур дорои махзани мизоҷон, ки беш аз 540,000 нафар мебошанд ва ҳатто дар манотиқи дурдасти кӯҳистони кишвар фаъолият намудани онҳо ба пешниҳоди заруртарин қарзҳои сабз барои ҳатто хурдтарин мизоҷон дар саросари Тоҷикистон имконияти хуб фароҳам меорад.

Бояд қайд намуд, ки Барномаи маблағгузории иқтисоди сабз дар Тоҷикистон I (GEFF Tajikistan I) ба маблағи 25 миллион доллари ИМА аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо (ИА) дастгирӣ ва дар байни солҳои 2019 то 2023 амалӣ карда шуд, ки низоми бонкии кишвар дар татбиқи он саҳмгузор аст.

# БАРОРИШИ АВВАЛИН ВОМБАРГҲОИ САБЗ ДАР ТОҶИКИСТОН




Муаррифии расмии аввалин вомбаргҳои сабз 15 феврали соли ҷорӣ дар Вазорати молияи кишвар бо иштироки намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молия, Бонки миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва маҳаллӣ, шарикон, ассотсиатсияҳои соҳибкорон, ширкатҳои суғуртавӣ, операторони мобилӣ ва мушовирон баргузор гардид.

Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Бонки Эсхата” аввалин шуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бароришиҳ вомбаргҳои сабз шуруъ намуд.

Тавре дар муаррифии расмии аввалин вомбаргҳои сабз раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад изҳор дошт, бароришиҳ коғазҳои қиматноки сабз дар Тоҷикистон ба дастгирӣ ва маблағгузории лоиҳаҳои марбут ба манбаъҳои энергияи тоза, сарфаи энергия ва ҳифзи муҳити зист мусоидат менамояд. Ин дар самти гузариш ба иқтисодиёти “сабз”, ҷалби сармоя ва таҳкими мақоми Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ дар соҳаи рушди устувор кумак менамояд.

Бонки Эсхата таҳти сарварии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба рушд ва танзими бозори коғазҳои қиматноки мамлакат аҳамияти гузариш ба иқтисодиёти “сабз”-ро эътироф менамояд. Он дар ҳуҷҷатҳои стратегии ҷумҳурӣ, инчунин дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” таъкид гардидааст. Дар ин самт бонк бо мушовирони Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ (IFC) дар доираи лоиҳаҳое, ки ба принсипҳои масъулияти иҷтимоӣ ва экологӣ, идоракунии корпоративӣ (ESG) ва рушди устувор, инчунин ба рушди маблағгузории “сабз” равона шудааст, ҳамкории зич дорад.

- Маблағҳое, ки тавассути ин ташаббус ҷалб мешаванд, барои лоиҳаҳои маблағгузории энергияи барқароршаванда, самаранокии энергия, кишоварзии устувор, идоракунии партовҳо ва дигар талошҳои ҳифзи муҳити зист истифода мешаванд. Ин лоиҳаҳо на танҳо ҷойҳои корӣ эҷод менамоянд, балки инчунин ба коҳиш додани ихроҷи гази карбон ва коҳиш додани тағйирёбии иқлим мусоидат менамоянд,- гуфт вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода.

Бояд таъкид намуд, ки вомбаргҳои сабзи Бонки Эсхата дар Феҳристи ягонаи давлатии коғазҳои қиматноки сабзи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт шуда, бонк соҳиби Шаҳодатнома гардид.

**Ҳ. Мавҷуда**

# РУКНҲОИ МУҲИТИ ЗИСТ, ИҶТИМОӢ ВА ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ (ESG) - ВОСИТАИ ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОР



**Қурбоналиева Н.М. -**
сардори идораи суботи молиявӣ

**Муқаддима**

Солҳои охир саноатикунони босуръат, зиёдшавии партовҳои газҳои гулхонагӣ, истифодаи номаҳдуди захираҳои табиӣ ва афзоиши бемайлони аҳолӣ боиси тағйирёбии иқлим ва осебпазирии бехатарии экологӣ дар ҷаҳони муосир гардид, ки ин зуҳурот ба устувории иқтисодию иҷтимоии кишварҳои рушдёфта ва рушдкунанда таъсири манфӣ расонида истодааст.

Мусаллам аст, ки зиёдшавии басомади офатҳои табиӣ ва ҳодисаҳои гидрометеорологии фалокатовар, афзоиши ҳолатҳои сухтору обхезиҳо, камшавии захираҳои табиӣ, нобудшавии гуногунии биомасса, обшавии пиряхҳо ва дигар падидаҳои номатлуб сабабгори баланд гардидани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, коста гардидани амнияти озуқаворӣ ва ноустувории рушди иқтисодию молиявии кишварҳо шуда истодааст.

Вобаста ба вусъат ёфтани хатарҳои табиӣ дар миқёси ҷаҳон ва оқибатҳои ғайричашмдошти он, истифодаи усулу механизмҳои коҳиш додани хавфҳои экологӣ ва ҳифзи муҳити зист, ба ин васила дигаргунсозии модели рушди устувор масоилҳои муҳимтарини глобалӣ ҳисобида шудааст. Дар ин асно, соли 2015 аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид Ҳадафҳои Рушди Устувор (Sustainable Development Goals - SDGs) бо 17 ҳадафи ба ҳам алоқаманд ба тасвиб расид, ки дар маҷмуъ аз ҷузъҳои устувор: иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ иборат мебошад.[1] Ин консепсияи рушди устувор андешидани тадбирҳо ҷиҳати истифодаи самараноки захираҳои маҳдуд ва истифодаи технологияҳои аз лиҳози экологӣ тоза, табиӣ ва каммасраф, нигоҳ доштани суботи низоми иҷтимоию фарҳангӣ, таъмини пурраги низоми биологию моддии табиат дар назар дорад, ки барои ноилгардӣ ба ин ҳадафҳо роҳандозии равишҳои муносиб ногузир мебошад.

**Дар доираи ташаббусҳои глобалии ба рушди устувор нигаронидашуда яке аз восита ва механизмҳои ноил гардидан ба ҳадафҳои рушди устувор, татбиқи рукнҳои муҳити зист, иҷтимоӣ ва идоракунии корпоративӣ (environmental, social and corporate governance - ESG) мебошад.**

## ТАВАҶҶУҲИ СОЗМОНҲОИ ГЛОБАЛӢ БА ESG

Мафҳуми ESG бори нахуст аз ҷониби Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид (СММ) Кофи Аннан соли 2000 бо ҳадафи татбиқи стандарти ягонаи ҳамгироишудаи экологӣ, иҷтимоию

1. https://www.un.org/sustainabledevelopment/ru/wp-content/uploads/sites/5/2015/08/FAQs_Sustainable_Development_Summit.pdf

идоракунӣ ва қарорҳои сармоягузорӣ дар тиҷорат садо дода шуд. Баъдан, соли 2004 дар интишороти СММ[2] ба таври васеъ ҷанбаҳои муҳимми ин ташаббус дарҷ гардида, дар он тавсияҳо ва нақши иштирокдорони бозори молиявӣ возеҳ гардидааст. Дар гузориши мазкур ишора шудааст, ки беҳтар гардидани фарогирии омилҳои муҳити зист, иҷтимоӣ ва идоракунии корпоративӣ (ESG) дар тасмимҳои сармоягузорӣ ба устувортар ва пешгӯишаванда гардидани бозорҳо мусоидат мекунад, ки ин барои ҳамаи субъектҳои бозор манфиатбахш мебошад. Яъне ҷорӣ гардидани принсипҳои муайяншудаи ESG дар бозорҳои сармоягузорӣ ба рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ такони мусбат медиҳад.

Ба ин васила, соли 2006 аз ҷониби институтҳои сармоягузории байналмилалӣ бо дастгирии Барномаи СММ оид ба муҳити зист (United Nations Environment Programme - UNEP) рукнҳои сармоягузории масъулиятнок (Principales for Responsible Investment - PRI) ҷиҳати ба инобат гирифтани хавфҳои ESG дар стратегияҳои сармоягузорӣ қабул карда шуданд. (Расми 1.)[3] Иштирокчиёни бозорҳои молиявию сармоягузорӣ, аз қабили фондҳои нафақавӣ ва сармоягузорӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ, ташкилоти идоракунии дороиҳо ва ғайра тавассути баимзорасонии эъломия уҳдадориҳоро ҷиҳати риояи рукнҳои ESG дар қарорҳои сармоягузорӣ ба душ мегиранд.

**РАСМИ 1. ШАШ РУКНИ САРМОЯГУЗОРИИ МАСЪУЛИЯТНОК (PRI)**




Сарчашма: pri

Дар интиҳои соли 2023 имзокунандагони ин эъломия дар маҷмуъ 5,337 ташкилот, ки аз он 734 молики дороиҳо мебошад, ташкил медиҳад. Тибқи маълумоти мавҷуда дороиҳои таҳти идораи ташкилотҳо қарордошта низ аз давраи созмони PRI ба таври назаррас зиёд гардида, аз 6,5 трлн. доллари ИМА ба 121,3 трлн. доллари ИМА дар соли 2021 расид, ки ин аз зиёд гардидани таваҷҷуҳи сармоягузорон ба равиши муосир – ESG гувоҳӣ медиҳад.

Бо мақсади дар амалия татбиқ намудани стандартҳои ESG аз ҷониби ташкилоти PRI барои сармоягузорони масъулиятнок роҳнамою фишангҳо таҳия карда шудааст, ки дар заминаи онҳо сармоягузорон мебояд ба масъалаҳои зерин аз руйи ҳар як ҷанба диққат диҳанд (Расми 2). Дар баробари ин барои иштирокдорони PRI ҳар гуна чорабиниҳои омӯзишӣ барои баланд бардоштани маълумотнокӣ ва дар таҷриба дигаргунсозии (трансформатсияи) стратегияи сармоягузорон мутобиқ ба меъёрҳои ESG гузаронида мешаванд.

PRI - платформаи муттаҳидкунандаи сармоягузорони масъул буда, манфиатҳои онҳоро дар муколама бо танзимгарон, ҳукуматҳо ва дигар ҷонибҳо муаррифӣ менамояд, ба пешбурди принсипҳои рафтори масъулиятноки тиҷорат дар ҷаҳон ва барои аъзои нави он азхудкунии сармоягузориҳои масъулиятнок ва ба устуворii мавқеъҳои онҳо дар бозор ва рақобат шароит фароҳам меоварад[4].

2. <https://www.unglobalcompact.org/docs/issues_doc/Financial_markets/who_cares_who_wins.pdf

3. https://www.unpri.org/about-us/what-are-the-principles-for-responsible-investment

4. https://web.archive.org/web/20200813232624/https://investinfra.ru/novosti/otvetstvennoe-investirovanie-stanovitsya-vse-bolee-vliyatelnoy-ideologiey.html

**РАСМИ 2. ШАРҲИ МУХТАСАРИ САМТҲОИ ESG АЗ ҶОНИБИ САРМОЯГУЗОРОНИ МАСЪУЛИЯТНОК БА ИНОБАТ ГИРИФТАШАВАНДА**

| | |
|---|---|
|  | • ***E - экологӣ***<br>• Тағйирёбии иқлим - коҳиш додани хавфҳои иқлимӣ тавассути иқдомҳои пешагирифта, аз қабили рафъи нобудсозии ҷангалҳо, манъи истифодаи ашёи пластикӣ ва дигар амалҳо<br>• Гуногунии биомасса - таъмини устувории дороиҳои сармояи табиӣ ва нигоҳ доштани онҳо барои давраи оянда<br>• Иқтисодиёти даврӣ - пешбурди модели истеҳсолот ва истеъмолоте, ки бо мушкилоти глобалӣ, аз қабили тағирёбии иқлим, талафоти гуногунии биомасса, партовҳо ва ифлосшавии ҳаво мубориза мебарад<br>• Ғайра |
|  | • ***S - иҷтимоӣ***<br>• Ҳуқуқҳои инсон - аз ҷониби соҳибкорону сармоягузорони институтсионалӣ эҳтиром кардани ҳуқуқи инсон тибқи рукнҳои Шурои Ҳуқуқи Башари СММ (UN Human Rights Council) тарҳрезишуда<br>• Шароити кори шоиста - ба корманд додани имкониятҳо барои кори пурмаҳсул ва даромади одилона, амният дар ҷойи кор ва ҳифзи иҷтимоии оилаҳо, мусоидат ба рушди шахсӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ, озодии изҳори нигарониҳои худ ва иштирок дар қарорҳо<br>• Гуногунӣ, баробарӣ ва фарогирӣ - ташкили ҷомеаи одилона, баробарҳуқуқ ва фарогир, ки дар он ҳама метавонанд ширкат кунанд ва иқтидори пурраи худро ба даст оранд |
|  | • ***G- идоракунӣ***<br>• Фаъолияти масъулиятноки сиёсӣ - мувофиқсозии сиёсат бо фишангҳои рушди устувор<br>• Мақсадҳои корпоративӣ - дар доираи васеъ муҳокимаи арзиш ва мақсадҳо<br>• Мубориза бо коррупсия -аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ ва хавфҳои марбута<br>• Ғайра |

Саршачма: PRI ва тахияи муаллиф

Платформаи дигари мусоидаткунанда ба рушди устувор Шабакаи устувори бонкӣ ва молия (Sustainable Banking and Finance Network - SBFN) мебошад, ки барои тарҳрезӣ ва татбиқи ташаббусҳои ба маблағгузории устувор нигаронидашуда дар сатҳи миллӣ, минтақавию ҷаҳонӣ кумак мерасонад. SBFN соли 2012 таъсис ёфта, як иттиҳоди ихтиёрии танзимгарони бахши молиявӣ, бонкҳои марказӣ, вазоратҳои молия, муҳити зист ва ассотсиатсияҳои саноатӣ аз бозорҳои рӯ ба тараққӣ мебошад.

Корпоратсияи молиявии байналмилалӣ (IFC) котибот ва шарики маълумотии SBFN буда, фаъолияти он ба таҳкими иқтидори танзимгарони бахши молиявӣ ва ассотсиатсияҳои саноатӣ дар самти маблағгузории устувор равона шуда, аъзои он водор карда шудаанд, ки дар бахши молиявӣ идоракунии хавфҳои ESG беҳтар намуда, сармояро бештар ба фаъолиятҳое, ки таъсири мусбат ба вазъи экологию иҷтимоӣ доранд, аз қабили коҳиш додани тағирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ зиёд намояд.

Ба интиҳои соли 2023 аъзои ин шабака 86 муассиса аз 66 кишвар буда, дороии онҳо 43 трлн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Бояд қайд намуд, ки гарчанде ки узвият дар SBFN ҳеҷ гуна уҳдадории ҳуқуқӣ ё молиявиро барои қабул намудани чораҳои танзимкунанда ба вуҷуд намеорад, ҳамзамон аъзоён вазифадо-




*Мафҳум ва меъёрҳои ESG раванди муосир буда, дар адабиётҳои илмию тадқиқотӣ ва амалия ба таври мушаххасу ягона муайян нашудааст. Дар умум, ESG ин маҷмуи равишҳои муҳити зист, иҷтимоӣ ва идоракунии корпоративии бо ҷанбаҳои зеринест, ки ташкилот дар модел ва стратегияи фаъолияти худ мавриди амал қарор медиҳад:*

*Муҳити зист -тағирёбии иқлим, кам намудани партовҳои газҳои гулхонаӣ, идоракунии самараноки захираҳои табиӣ ва ғайра;*

*Иҷтимоӣ - мубориза бо кори кӯдакон, хариду фурӯши одамон, масъалаҳои саломатӣ ва бехатарӣ, баробарии гендерӣ, фарогирӣ ва иҷтимоӣ;*

*Идоракунӣ – таъсиси Шуро ва идоракунии роҳбарият, назорат ва мустақилият, ҳадаф, иштирок дар қарорҳои сиёсию иҷтимоӣ ва масъалаҳои фасоду ҷуброн дахл доранд. (Johnson Jr., at al., 2020).*

*ESG заминаи статикӣ надошта, равиши тағйирёбандаест, ки ташкилотро водор менамояд, ки унсурҳои этникию ахлоқӣ ва устувор, ки берун аз талаботи маъмули молиявӣ аст, рушд намояд. Зери мафҳуми ESG ташкилот/созмон ҷонибҳои манфиатдор доранд ва худи онҳо низ ҷонибҳои манфиатдор мебошанд, амал мекунад. (Raghu K., 2021).*

*Истифодаи рукнҳои ESG бештар барои коҳиш додани хавфҳои экологӣ, баланд бардоштани обрую нуфуз ва рақобатпазирӣ, ҷалби сармоягузориҳо, баробарии гендерию таъмини шаффофият ва бартариятҳои дигар мусоидат менамояд.*

*ESG ин маҷмуи стандартҳои фаъолияти ширкат, ки зимни баҳогузории сармоягузориҳои эҳтимолӣ сармоягузорони масъулиятнок истифода менамоянд.*

ранд дар давоми ду сол пешрафтро дар пешбурди муҳити мусоид барои сиёсати устувории молиявӣ нишон диҳанд. Ин метавонад аз баланд бардоштани сатҳи бохабарӣ (оид ба самтҳои фаъолияти SBFN), якҷо амал кардан бо ҷонибҳои манфиатдор ва машваратҳо, инчунин баланд бардоштани иқтидори кишвар (дар самтҳои фаъолияти SBFN) оғоз шавад.

Инчунин, дар тадқиқоти андозагирӣ (санҷишӣ) барои ҳисоботҳои дусолаи глобалӣ ва кишварӣ (Global and Country Progress Reports) оид ба пешрафт, ки дар асоси низоми андозагирии ва воситаҳои мувофиқашуда аз ҷониби аъзоён барои таҳлили муқоисавии пешравӣ ва стратегияҳои кишвар дар соҳаи маблағгузории устувор истифода мешаванд, иштирок ва саҳмгузорӣ намоянд.

## ҚАДАМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ ВА ҶОРӢ НАМУДАНИ РУКНҲОИ ЭКОЛОГӢ, ИҶТИМОӢ ВА ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 масоили экологӣ, аз қабили чораандешӣ ҷиҳати мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, истифодаи оқилонаи захираҳои об, муҳофизати экосистема, пешгирии офатҳои табиӣ, беҳтар гардидани дастрасӣ ба оби тоза ва ғайра оварда шудааст, ки масоилҳои мазкур бевосита барои ноил гардидан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор нигаронида шудааст.

Инчунин, дар заминаи баимзорасонии Созишномаи Париж (22 апрели соли 2016) ва қабули он (16 феврали соли 2017) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати чораандешии тадбирҳои дахлдор дар самти тағйирёбии иқлим, ки ҷузъи муҳимми рушди устувор мебошад, диққати махсус медиҳад. Ба ин васила, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бори нахуст “Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим то соли 2030” ва “Стратегияи миллии рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037”-ро ба тасвиб расонид, ки амалӣ гардидани онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои устувор такон медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва маҳдуд сохтани ҷолишҳои тағйирёбии иқлим ва партовҳои газҳои гулхонаӣ ҳамоҳангсозии ҳадаф ва амалҳо, инчунин сафарбар кардани захираҳои молиявӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Ба ин васила ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ҷиҳати дастрасӣ ба пешниҳоди кумакҳои техникӣ, алалхусус барои таҳия ва/ё мукаммал намудани низоми миллӣ (дастурҳо, қоидаҳо, принсипҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдор) бо назардошти таҷрибаи пешрафта, инчунин дарёфти сармоягузориҳои арзон ва муносиб ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ба маврид мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки маълумулан бонкҳои марказӣ ҳамчун танзимгарони молиявӣ дар бисёр кишварҳо муқарраротро дар соҳаҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва корпоративӣ таҳия карда, нақши бонкҳоро ҳамчун манбаи асосии захираҳои молиявӣ барои иқтисодиёт эътироф мекунад. Дар баробари ин, бо мурури замон сармоягузорон низ талаботҳоро барои ҳисобгирии омилҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва корпоративӣ зиёд менамоянд, ки ин метавонад боиси маҳдуд шудани дастрасии ташкилотҳои



молиявие, ки ба талаботҳо ҷавобгӯ нестанд, ба маблағгузорӣ гардад.

Дар ин росто, Бонки миллии Тоҷикистон қадамҳои нахуст дар ин ҷода ниҳода, ба ин васила 27 декабри соли 2023 ба Шабакаи сабзгардонии низоми молиявӣ ("NGFS") шомил гардид. Узвият дар шабакаи мазкур, имкониятҳоро ҷиҳати баланд бардоштани иқтидор дар самти рушди идорасозии хавфҳои муҳити зисту иқлим дар бахши молиявии Тоҷикистон ва ҷалби маблағҳо барои дастгирии раванди гузариш ба иқтисоди сабз мусоидат менамояд. Дар баробари ин, дар доираи он табодули таҷриба байни аъзо сурат мегирад, ки дар натиҷа огоҳии иштирокчиёни бозори молиявӣ оид ба масъалаи рукнҳои ESG баланд мегардад.

Илова ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон ба шабакаи бонкдорӣ ва маблағгузории устувор (Sustainable Banking Finance Network) 8 декабри соли 2023 низ пайваст гардид. Аъзои шабакаи мазкур аз рӯи сатҳ ва гурӯҳҳои кории мавзуӣ дар марҳилаҳои гуногуни татбиқи чорабиниҳо дар самти маблағгузории устувор ҳамкориро ба роҳ монда, ташаббусҳои миллии маблағгузории устуворро дар доираи таҷрибаҳои байналмилалӣ амалӣ менамоянд, ки ин ба рушди маблағгузории устувор дар кишвар мусоидат менамоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки ҷиҳати ҷорӣ намудани механизмҳои иштироки бонкҳои Тоҷикистон дар бозори маблағгузории сабз ин гузариш ба марҳилаи нави рушд аст, ки мақсади он фароҳам овардани шароити экологӣ мебошад.

Дар ин раванд, қайд кардан зарур аст, ки ташкилотҳои қарзии ватанӣ аллакай вобаста ба ҷалби сармояи хориҷӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ дар самти маблағгузории рушди иқтисоди "сабз" ва маҳсулоти қарзии "Мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим" ҳамкориҳоро ба роҳ мондаанд, ки тибқи қарордодҳои мазкур маблағҳои пешниҳодшаванда қисмати грантиро низ доро мебошад. Илова ба ин бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби маблағҳои худ маҳсулотҳои қарзии "сабз"-ро пешниҳод намуда истоданд.

Боиси қайд аст, ки аз ҷониби ҶСК "Бонки Эсхата" ибтидои соли 2024 бори нахуст бароришиши вомбаргҳои сабзро бо мақсади дастгирӣ ва маблағгузории лоиҳаҳои вобаста ба энергияи тоза ва муҳити зист роҳандозӣ намуд, ки ин барои ҷалби сармоягузорӣ, рушди иқтисоди сабз ва мусоидат ба ноилгардии ташаббусҳои рушди устувор замина мегузорад.

**Хулоса**

Агар ба таҷрибаи кишварҳои шарикони рушд нигарем, аксарияти онҳо бинобар ҷанбаи нав будани роҳандозии рукнҳои ESG дар низоми молиявӣ дар марҳилаи аввал қарор доранд ва тадриҷан ҷиҳати такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ташкили инфрасохтори мувофиқ, рушди механизмҳои маблағгузории сабз, баҳогузории хавфҳои тағйирёбии иқлим корбарӣ намуда истоданд.

Масалан, Бонки Россия Тавсияҳо оид ба татбиқи рукнҳои сармоягузорони масъулитнокро соли 2020 ба тасвиб расонид, ки дар заминаи он ба сармоягузорон роҳнамоӣ ҷиҳати додани афзалият ба ширкатҳое, ки бо сиёсати масъулиятнок дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва рушди сармояи инсонӣ, сифати баланди идоракунии корпоративӣ ва робитаҳои барқароршуда бо ҷомеаҳои минтақаҳое, ки дар он фаъолият мекунад, кардааст. Илова ба ин, аз ҷониби Ассотсиатсияи бонкҳои Россия соли 2021 Тавсияҳои амалии созмони (сообщества) бонкҳо барои ҷорӣ намудани бонкдории ESG дар Россия[5] таҳия гардид, ки дар он ҷанбаҳои асосии бонкдорӣ дар самти ESG оварда шудааст. Ҳамзамон, Бонки Россия методологияи тавсиявии баҳисобгирии омилҳои ESG ва ифшои маълумоти ғайримолиявӣ, инчунин усулҳои баҳогузории рейтингии ESG-ро таҳия намуда, таҳлили таъсири хавфҳои иқлимиро мавриди амал қарор додааст.

Дар амалияи Бонки миллии Гурҷистон бо мақсади муайян намудани қадамҳо барои роҳандозии чорабиниҳои

5. https://asros.ru/upload/iblock/160/PRAKTICHESKIE-REKOMENDATSII-BANKOVSKOGO-SOOBSHCHESTVA-PO-VNEDRENIYU-ESG_BANKINGA-V-ROSSII.pdf

марбутаи маблағгузории устувор соли 2019 харитаи роҳ ба тасвиб расонида шуда, аз соли 2021 ҳисоботи маблағгузории устувор ҳамасола нашр мегардад. Дар ҳисоботи мазкур маълумот оид ба заминаҳои сиёсию танзимӣ дар ин самт, фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар ESG ва дигар масъалаҳоро дар бар мегирад. Инчунин Роҳнамои ESG ва ҳуҷҷати ҳисоботдиҳӣ ва ифшои маълумот оид ба ESG ҳамчун дастурҳои методӣ барои дастрасии иштирокдорони бозори молиявӣ таҳия ва дар сомона нашр гардиданд. Дар баробари ин, Бонки миллии Гурҷистон аз руйи таҳлили хавфҳои иқлимӣ дар доираи барномаи маблағгузории устувор корбарӣ намуда истодааст.

Вобаста ба масъалаи мазкур аз ҷониби Агентии танзим ва назорати бозори молиявии Ҷумҳурии Қазоқистон ба монанди мақомоти танзимгари кишварҳои дигар фазои мусоиди ҳуқуқӣ барои ҷорӣ намудани стандартҳои ESG аз тарафи иштирокдорони бозори молиявӣ ташкил намуда, барои роҳандозии фишанги маблағгузории устувор – вомбаргҳои сабз қонунгузории марбутаро мукаммал намуда истодааст. Илова ба ин, дар доираи харитаи роҳ оид ба баланд бардоштани огоҳӣ марбут ба масъалаи ESG ва маблағгузории устувор барои соли 2023 бо дастгирии ташкилоти байналмилалӣ дар соли сипаришуда семинар оид ба низоми идоракунии хавфҳои экологӣ ва иҷтимоӣ гузаронида шуд. Инчунин дар ин ҷода, муҳокимаронии коршиносон дар мавзуи ESG- танзимкунанда дар бозори молиявӣ баргузор гардид, ки чунин чорабиниҳо бевосита барои тавсеаи огоҳкунии иштирокдорони бозори молиявӣ дар мавзуҳои рушди устувор мусоидат менамоянд.

Боиси зикр аст, ки низоми бонкии Тоҷикистон ба рушди маблағгузории сабз ва татбиқ намудани рукнҳои ESG таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дар ин ҷода корҳои назаррас анҷом дода истодаанд. Вале масъалаи ҷорӣ намудани рукнҳои идоракунии экологӣ, иҷтимоӣ ва корпоративӣ на танҳо аз пешниҳодкунандагони маҳсулоти молиявӣ, балки аз дигар субъектони иқтисодӣ, ки фаъолияти худро мутобиқ ба шартҳои ESG мутобиқ месозанд, вобастагии бузург дорад.

Аз ин рӯ, маҳз дар ҳамбастагии ниҳодҳои дахлдор бо дастгирии шарикони рушд чораандешӣ намудан дар самти баланд бардоштани иқтидори муносиб, таҳияи заминаи муайянкунандаи рукнҳои ESG ва мусоидат барои ҷорӣ намудани онҳо баҳри рушди устувор бо назардошти таҷрибаи дигар кишварҳои аз лиҳози масъалаҳои сохторию фундаменталии монанд судманд хоҳад буд.

**Руйхати адабиётҳо:**

1. BlackRock Financial Markets Advisory. "Development of Tools and Mechanisms for the Integration of ESG Factors into the EU Banking Prudential Framework and into Banks' Business Strategies and Investment Policies, European Commission, May 2021.
2. Johnson Jr., C. E., Stout, J. H., & Walter, A. C. (2020). Profound Change: The Evolution of ESG. Business Lawyer, 75, 2567-2608. https://scholar.google.com/scholar?as_sdt=0%2C14&btnG=&hl=en&inst=15561263346091999511&q=Profound%20change%3A%20the%20evolution%20of%20ESG
3. Raghu Krishnamoorthy. Environmental, Social, and Governance (ESG) Investing: Doing Good to Do Well. Open Journal of Social Sciences, 2021, 9, 189-197
4. United Nations Resolution adopted by the General Assembly on 6 July 2017, Work of the Statistical Commission pertaining to the 2030 Agenda for Sustainable Development .
5. United Nations and Swiss Department of Foreign Affairs, Who cares wins, Connecting Financial Markets to a changing world, 2004, <https://www.unglobalcompact.org/docs/issues_doc/Financial_markets/who_cares_who_wins.pdf
6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ш. Душанбе, 2016, https://nbt.tj/upload/strategia/strategiya_tj.pdf

# ШУРОИ ИҶРОИЯИ ХБА БАРНОМАИ ФИШАНГИ ҲАМОҲАНГСОЗИИ СИЁСАТ (PCI) - РО БАРОИ ТОҶИКИСТОН ТАСДИҚ НАМУД

28 феврали соли 2024 Шурои иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) Барномаи Фишанги ҳамоҳангсозии сиёсатро (PCI) ба муҳлати 22 моҳ барои Тоҷикистон тасдиқ намуд.

Пас аз пандемия дар соли 2023 низ натиҷаҳои мусбати иқтисодии Тоҷикистон бо рушди устувору фарогир ва таваррумі паст идома ёфтанд. Касри буҷет дар доираи ҳадафи миёнамуддати касри муқарраршудаи мақомоти кишвар нигоҳ дошта шуда, ба коҳиш ёфтани таносуби қарзи давлатӣ нисбат ба ММД минбаъд низ мусоидат менамояд. Дурнамо барои соли 2024 мусоид буда, номуайянии назаррас вобаста ба шароити беруна боқӣ мемонад.

Бо мақсади таҳкими сиёсати иқтисодӣ ва дастгирии татбиқи ислоҳоти сохтории ҳаётан муҳим мақомоти кишвар барои тасдиқи барнома ба муҳлати бисту ду моҳ дар доираи Барномаи Фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат (PCI) мурочиат намуд. Барномаи PCI ба нигоҳдории устувории макроиқтисодӣ, мустаҳкам намудани чаҳорчӯбаи сиёсати мақомоти кишвар ва дастгирии талошҳои онҳо ҷиҳати ноилшавӣ ба рушди устувор ва фарогир равона гардидааст. Бозбинии барнома тибқи ҷадвали муқарраршуда ҳар нимсола анҷом дода мешавад. Гарчанде ки Барномаи PCI истифодаи захираҳои ХБА-ро дар бар намегирад, натиҷаҳои мусбӣ дар доираи он ба шариконi рушд ва сармоягузорони хусусӣ аз омодагии Тоҷикистон ба сиёсати қавии иқтисодӣ ва сохторӣ, ки ба ҷалби маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятноки иҷтимоӣ ва инфрасохторӣ мусоидат менамояд, шаҳодат медиҳад.

Афзалиятҳои ислоҳоти мақомот дар чаҳорчӯбаи барнома ба се самти асосӣ равона хоҳанд гашт: (i) таҳкими ҷамъоварии даромадҳо, самаранокии харочот ва мониторинги хавфҳои фискалии марбут ба корхонаҳои давлатӣ ҷиҳати тақвияти устувории буҷет ва нигоҳ доштани устувории қарз, бо назардошти афзалияти харочотҳои лозимии иҷтимоӣ ва рушд; (ii) навсозии сиёсати пулию қарзӣ, қурби асъор ва сиёсати бахши молиявӣ бо мақсади баланд бардоштани саҳми онҳо дар рушди иқтисодӣ ва тақвияти устуворӣ; ва (iii) мусоидат ба ислоҳоти сохтории густурда бо мақсади рушди фарогири бештар тавассути беҳтарсозии кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ, такмили идоракунии бонки марказӣ ва корхонаҳои давлатӣ ва механизмҳои тақвиятдодашудаи мубориза бо пулшӯӣ ва коррупсия.

Тавре аз натиҷаи муҳокимаҳои Шурои иҷроия муовини директори идории ХБА хонум Антуанет Сайе изҳорот дошт, ҳадафи барнома беҳтар намудани устувории буҷетӣ барои зиёд кардани имкониятҳо барои харочоти афзалиятноки иҷтимоӣ ва рушд бо нигоҳ доштани равандi коҳиши қарзи давлатӣ мебошад. Ислоҳоти фискалӣ дар доираи барнома ҷамъоварии даромадҳо ва самаранокии харочотҳоро беҳтар намуда, ҳифзи иҷтимоии табақаҳои осебпазирро тақвият мебахшад.

Сиёсати пулию қарзӣ, қурби асъор ва бахши молиявӣ ба тақвияти устувории иқтисод нисбат ба таконҳо равона гардидааст. Беҳтар намудани тағйирпазирии қурби асъор ва трансмиссияи сиёсати пулию қарзӣ қобилияти

азхудкунии таконҳоро беҳтар намуда, барои тадриҷан гузаштан ба ҳадафгирии таваррум мусоидат мекунад. Ислоҳоти бахши молиявӣ ба васеъ гардонидани истифодаи фишангҳои макропруденсиалӣ, фишангҳои дурнамосозии таҳлилӣ ва иттилоотӣ оид ба моликияти бенефитсиарӣ дар самти назорат ва таҳлили макропруденсиалӣ барои таҳкими суботи молиявӣ мусоидат хоҳад кард.

Ислоҳоти густурдаи идоракунӣ ва шаффофият ба фароҳам овардани муҳити мусоид барои рушди устувор ва фарогир мусоидат мекунад. Афзалиятҳое, ки дар доираи барнома пешбинӣ шудаанд, бо мақсади баланд бардоштани иқтидори рушди дарозмуддати Тоҷикистон такмили идоракунии бонки марказӣ ва пурзӯр кардани назорат ва идоракунии хавфҳои фискалии марбут ба корхонаҳои давлатӣ, механизмҳои самаранокгарии МКД/МТ/МПСҚО ва мубориза бо коррупсия, баланд бардоштани шаффофияти бахши истихроҷ, фарогирии молиявӣ ва устуворӣ ба хавфҳои иқлимиро дар бар мегиранд.

**"БТҶ"**



# ТОҶИКИСТОН БА ТАШАББУСИ “RING THE BELL FOR GENDER EQUALITY” ҲАМРОҲ ШУД

11 марти соли 2024 дар шаҳри Душанбе ҳамоиши “Сармоягузорӣ, роҳбарӣ ва соҳибкории занон: иқтидор, имконият ва муваффақият” доир гашт, ки дар ҳошияи узвияти мақомоти Тоҷикистон аз қабили Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии коғазҳои қиматнок ва бақайдгирии махсуси Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) ва ташкилоти Созмони Милали Муттаҳид - Занон (UN Women) ба ташаббуси ҷаҳонии “Ring The Bell for Gender Equality” - пешбурди баробарии гендерӣ ташкил карда шуд.

Дар ҳамоиш шарикони рушд, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, аз ҷумла муовини вазири молияи ҶТ Маҷидӣ Ю.Х., муовини вазири рушди иқтисод ва савдо-Насриддинзода Рухшона, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор, директори Агентии коғазҳои қиматнок ва бақайдгирии махсуси Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмонзода Нигина, директори Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - Саломе Штайб, Роҳбари Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) дар ҶТ - Фаррух Султонов, Роҳбари ташкилоти Созмони Милали Муттаҳид-Занон (UN Women) дар ҶТ - Малика Джурақулова иштирок ва суханронӣ намуданд.

Зимни ҳамоиш қайд гардид, ки масъалаи беҳтаргардонии шароити занон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат қарор дорад, зеро Сарвари давлат ба заковати









азалӣ ва нерӯи созандаи занони фарзонаю оқилаи тоҷик ҳамеша такя менамоянд, чунки онҳо дар ба ҷо овардани рисолати аслии хеш, таҳкиму устувор гардонидани хонадон, тарбияи шоистаи фарзандони соҳибмаърифату боодоб, бонангу номус, ватандӯсту худшинос саҳми босазо мегузоранд. Ҳамин аст, ки татбиқи сиёсати гендерӣ дар кишвар марҳила ба марҳила самаранок вусъат меёбад.

Дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон нақши зан дар идораи давлат, пешбурди корҳои сиёсӣ, фарҳанг, иҷтимоиву иқтисодӣ густариш меёбад. Занон дар ҳама самтҳои фаъолияти хеш муваффақу комёбанд. Истиқлолияти давлатӣ баҳри тақвияти мавқеи занон дар ҷомеа имконияти васеътареро фароҳам овардааст, ки тавассути он зани тоҷик тавонист неруи созандаи худро баҳри ободию пешравии кишвари худ сарф намуда, дар ҳама ҷабҳаҳои ватансозӣ дар баробари мардон содиқона ширкат варзанд.

Бояд қайд намуд, ки намояндагони бахши хусусӣ низ (Вилоят Мирзоева, раиси Раёсати ТҶҶ “Гендер ва рушд”, Шаҳноз Икромӣ, директори департаменти рушди ҶСП “Бонк Арванд”, Нилуфар Булбулшоева, директори иҷроияи АмЧам Тоҷикистон, Акмал Эркаев, шарики “Мушовири андоз ва ҳуқуқ”) дар муҳокимаи панелӣ ширкат варзида, масъалаҳои муҳимми рӯзро, аз қабили усулҳои дастгирии соҳибкорӣ ва роҳбарии занон, имкониятҳо барои занон дар тиҷорат, дарёфти сармоягузорӣ, Стратегияҳои самараноки сармоягузорӣ ба занон, аз ҷумла дастгирии стартапҳо таҳти роҳбарии занон, рушди малакаи касбӣ ва роҳнамоии онҳо, ширкати бонувони тоҷик дар ташаббусҳои глобалӣ, ки ба таҳкими соҳибкорӣ ва пешвоии занон мусоидат менамояд, мавриди баррасӣ қарор доданд.

Ташаббуси Ring The Bell for Gender Equality як шарикии ҷаҳонӣ аст, ки ташкилотҳои IFC, Шартномаи ҷаҳонии Созмони Милали Муттаҳид, “UN Women” ва Федератсияи ҷаҳонии биржаҳоро дар бар гирифта, ҷиҳати иштироки пурра ва баробарҳуқуқи ҳамаи одамон дар ноил гардидан ба Ҳадафҳои рушди устувор ва бунёди сулҳи озод аз камбизоатӣ дар сайёраи қобили зист, мебошад.




# QR рамзи ягона - қулай, зуд ва осон

**QR рамз (аз забони англисӣ Quick Response – "ҷавоби зуд") як навъи штрих-коди дученака мебошад, ки тавассути дастгоҳи рақамӣ ба осонӣ хонда мешавад. QR рамз дар ду самт - уфуқӣ ва амудӣ хонда мешавад, ки ин имкон медиҳад маълумоти бештарро дар QR рамз ҷойгир намуд. Яъне QR рамз дорои маълумот дар бораи ирсолкунанда ва гирандаи маблағ мебошад ва барои аксбардорӣ бо истифода аз дастгоҳи мобилӣ, сканери штрих-код ва дигар дастгоҳҳо бо мақсади ирсоли мушаххасоти амалиёти интиқоли маблағ пешбинӣ шудааст.**

Аввалин QR рамзҳо солҳои 2000-ум дар Ҷопон дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар лавҳаҳои таблиғотӣ, муқоваи рӯзномаҳо, билбордҳо ва ҳатто ҳамчун усули тачрибавии пардохт васеъ истифода мешуданд.

Пас аз он ки дар солҳои 2002 аксбардорҳои махсус ва телефонҳои мобилӣ васеъ истифода мешуданд, ин технология дар саросари ҷаҳон босуръат паҳн гардид. Айни замон, QR рамзҳо дар соҳаҳои мухталиф, ҳам барои нигоҳ доштани маълумот (пайвандҳои веб-сайтҳо, рақамҳои телефон ё матнҳо), таъмини дастрасии ба Wi-Fi, фиристодан ва гирифтани маълумоти пардохт ва барои дигар мақсадҳо истифода мешаванд.

Ҷаҳонишавии истифодаи QR рамзҳо бинобар содда, қуллай ва камхарҷ будани он сол аз сол афзуда истодааст. Дар низоми бонкии кишвар низ татбиқи ин технология солҳои охир фаъолона ба роҳ монда шуда, истифодаи QR рамз дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ

ҳамчун воситаи анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ васеъ паҳн гардид.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки технологияи пардохти ғайринақдӣ бо истифодаи QR рамзҳо дар ташкилоти қарзии молиявӣ мунтазам рушд ёфта бошанд ҳам, аммо мушкилӣ дар ин самт ин ғайриимкон будани пардохти молу хизматрасонӣ бо дилхоҳ ҳамёни электронӣ ё замимабарномаи мобилӣ буд. Яъне, ҳамгироӣ ва ҳамоҳангсозӣ байни замимабарномаҳои мобилии ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд набуд. Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати бартараф намудани ин мушкилӣ қисмати пардохтҳои босуръати Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳоро такмил дод ва ҳамгироии ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо модули пардохтҳои босуръат тавассути QR рамзи ягона аз моҳи марти соли 2023 оғоз гардид. Қаблан муштариён аз фурӯшандагон дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ оид ба имконияти пардохт намудан бо QR рамзи ин ё он ташкилоти қарзии молиявӣ пурсон мешуданд. Ҳамакнун, пас аз татбиқи QR рамзи ягона новобаста ба кадом ташкилоти қарзӣ марбут будани замимабарномаи мобилӣ имконияти пардохти ғайринақдӣ дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ, ки дар он QR рамзи ягона насб шудааст, ба муштариён имконпазир гардид. Татбиқи низоми пардохтҳои босуръат тавассути QR рамзи ягона барои тавсеаи ифрасохтори пардохтӣ нигаронида шуда, барои рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ нақши муассир дорад.

**Мақсад аз ҷорӣ намудани рамзи ягонаи QR васеъ намудани инфрасохтори пардохт барои таъмини эътимоднокӣ ва самаранокии пардохтҳо, инчунин рушди босуръати пардохтҳои ғайринақдӣ дар қаламрави кишвар ба ҳисоб меравад.**

### ШАКЛИ ҚОЛАБӢ ВА ЛОГОТИПИ QR-РАМЗИ ЯГОНА




Талабот вобаста ба QR рамзи ягона аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар шуда, доир ба фаъолияти QR рамзи ягона ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки пардохтҳо тавассути QR рамзи ягона дар реҷаи 24/7/365 ба роҳ монда шудааст.

Мақсад аз ҷорӣ намудани рамзи ягонаи QR васеъ намудани инфрасохтори пардохт барои таъмини эътимоднокӣ ва самаранокии пардохтҳо, инчунин рушди босуръати пардохтҳои ғайринақдӣ дар қаламрави кишвар ба ҳисоб меравад.

Ба санаи 1-уми марти соли 2024 22 ташкилоти қарзии молиявӣ қабул ё пардохти маблағи молу хизматрасониро тавассути QR рамзи ягона ба роҳ монда, зиёда аз 14000 адад QR рамзи ягона дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонии Ҷумҳурии Тоҷикистон насб карда шуданд.



## БО ИСТИФОДА АЗ QR РАМЗ ЧӢ ГУНА ПАРДОХТ КАРДАН МУМКИН АСТ?

Муштарӣ ба замима-барномаи мобилии бонкӣ ё ҳамёни электронии худ ворид шуда қисмати “Пардохт тавассути QR” ё “QR пардохт”-ро интихоб мекунад. Пас аз он тавассути телефони мобилӣ расми QR рамзро аксбардорӣ менамояд. Баъд аз ин саҳифаи пардохт бо нишон додани номи молиявӣ, муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ (мағозаҳо ва ғ.) аз харидор комиссия намегиранд. Инчунин, бо дарназардошти харочоти кам ва осонии истифодабарии пардохтҳо тавассути QR рамзи ягона, муассисаҳои давлатие, ки ба аҳолӣ хизматрасонии пулакӣ мерасонанд, бо QR рамзи ягона таъмин карда шуда истодаанд.

гиранда кушода мешавад ва муштарӣ маблағи заруриро ворид намуда, бори дигар дурустии маблағро месанҷад ва пардохтро тасдиқ мекунад. Ҳамин тариқ маблағ ба суратҳисоби муассисаи савдо ва хизматрасонӣ сари вақт ворид мегардад.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми пардохти маблағи молу хизматрасонӣ тавассути QR рамзи ягона ташкилотҳои қарзии

## ЧӢ ТАВР QR РАМЗИ ЯГОНАРО БА ДАСТ ОВАРДАН МУМКИН АСТ?

Барои насб кардани QR рамзи ягона ба муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ зарур аст, ки ба ташкилоти қарзии молиявӣ, ки барои қабули пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути QR рамзи ягона ба аҳолӣ хизмат мерасонад, мурочиат намоянд. Мавриди зикр аст, ки QR рамзи ягона барои соҳибкорон воситаи иловагии қабули пардохт ба ҳисоб рафта, ба онҳо ҷиҳати ҷалби бештари муштариён ва афзоиши ҳаҷми фурӯши молу хизматрасони мусоидат менамояд. Гузашта аз ин, баъзе ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути QR рамзи ягона ҳавасмандкуниро дар шакли кэшбэк ва бонусҳо пешниҳод намуда истодаанд.

**Департаменти низоми пардохт**

**ДИНАМИКАИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ПАРДОХТӢ**



# НАҚШ ВА МАВҚЕИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ ҶАВОБГАРИИ ГРАЖДАНИЮ ҲУҚУҚИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

**Соҳаи суғурта яке аз бахшҳои муҳимми низоми молиявӣ маҳсуб ёфта, дар баробари дигар бахшҳои он барои таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ саҳмгузор буда, ҳамзамон барои сармоягузориҳои соҳаҳои воқеии иқтисодиёти кишвар истифода мешавад.**




Суғурта ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии шаҳрвандон ва давлатро дар доираи қонунгузорӣ таъмин намуда, дорои хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Яке аз намудҳои суғуртаи ҳатмие, ки имрӯз таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он зиёд буда, барои ҳимояи манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа равона гардидааст, суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт ба ҳисоб меравад.

Муҳиммияти ба роҳ мондани суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт вобаста ба самтҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки бо ҳолатҳои зиёдшавии воситаҳои нақлиёт, шиддатнокии ҳаракат дар роҳ, афзоиши ҳодисаҳои роҳу нақлиёт, ҳолатҳои нохуш бар асари садамаҳои нақлиётӣ ва таъсири манфии ин омилҳо ба иқтисодиёти давлат алоқамандӣ дорад, ба амал омадааст.

Боиси диққат аст, ки ин намуди суғурта маҳз ба соҳибони воситаҳои нақлиёт тааллуқ дошта, худи воситаҳои нақлиётро ба суғурта фаро намегирад!

Суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт ҳамчун меъёри иҷтимоии кафолати молиявӣ барои таъмини зарари аз ҷониби соҳибони воситаҳои нақлиёт расонидашуда ва фишанги молиявӣ барои баланд бардоштани бехатарии ҳаракат дар роҳ низ истифода бурда мешавад.

Новобаста аз он ки суғуртаи ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт дар бештари давлатҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ҳатмӣ ба роҳ монда шудааст, аммо то ҳанӯз мушкилиҳо ҷиҳати татбиқи амалии он ҷой дошта, барои самаранок истифодабарии ин намуди суғурта монеа эҷод менамоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки мавҷуд набудани рақобати солим миёни ташкилотҳои суғуртавӣ мушкилоти асосӣ ба ҳисоб рафта, ҳуқуқҳои қонунии суғурташавандагонро маҳдуд менамояд, ки ин ҳолат яке аз сабабҳои паст шудани эътимоди аҳолӣ ба низоми суғурта гардидааст.

Суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждаанию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи давлатии ҳатмии масъулияти шахрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёт” аз 10 июни соли 1996, №264 амалӣ карда мешуд. Бо мурури замон маълум гардид, ки муқаррароти қарори номбурда барои амалӣ намудани суғуртаи ҳатмӣ ва рушди бемайлони он дар шароити муосир мутобиқ намебошад.

Бинобар ин, дар асоси омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ, имкониятҳои бозори суғуртаи кишвар ва дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт” аз 7 августи соли 2020, №1719 қабул гардида, мавриди амал қарор гирифт.

Гуфтан ба маврид аст, ки воситаҳои нақлиёт сарчашмаи асосии хавфи ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ буда, ҳамасола дар натиҷаи он шумораи зиёди одамон ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ бардошта, дар аксари ҳолатҳо ба маъюбӣ ва фавт оварда мерасонад.

Тибқи ҳисоботи Созмони байналмилалии тандурустӣ[1] ҳар сол дар ҷаҳон дар натиҷаи ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ 1,19 млн. нафар одамон фавтида, аз 20 то 50 млн. нафар ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ мебардоранд. Ҷароҳатҳои бардошташуда ба шахсони алоҳида, оилаҳои онҳо ва дар маҷмӯъ ба кишварҳо зарари калони иқтисодӣ мерасонад, ки ҳаҷми он 3,0 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳонро ташкил медиҳад. Ин ҷароҳатҳо хароҷоти хизматрасониҳои тиббиву табобатӣ ва гум кардани қобилияти корӣ, бозмондан аз кор ё таҳсил барои онҳое, ки ба нигоҳубини ҷабрдидагон бояд машғул бошанд ва ғайраро дар бар мегирад.

Зиёда аз 90,0 фоизи фавт ба кишварҳои сатҳи даромаднокиашон паст ё миёна рост меояд. Сатҳи баландтарини фавт аз ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ дар минтақаи Африқо ва пасттарин дар минтақаи Аврупо ба мушоҳида мерасад.

Аз се ду ҳиссаи фавтидагони садамаҳои роҳу нақлиётӣ ба одамони синну соли қобили меҳнат (аз 18 то 59 сола) рост меояд. Инчунин, садамаҳои роҳу нақлиётӣ сабаби асосии фавти кӯдакон ва ҷавонони аз синни 5 то 29 сола низ мегарданд. Мардҳо нисбат ба занҳо дар садамаҳои роҳу нақлиётӣ се маротиба зиёд мефавтанд.

Зарарҳои аз ҳисоби ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ рухдодаро метавон пешгирӣ кард. Мақомоти давлатӣ бояд барои таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ тадбирҳои маҷмӯӣ андешанд. Барои ин асосан иштироки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, соҳаҳои нақлиёт, тандурустӣ, маориф, бахши хусусӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур дониста мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 тибқи омори расмӣ 1096 ҳодисаҳои роҳу нақлиёт ба қайд гирифта шудааст, ки дар натиҷа 1197 нафар ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ бардошта, 416 нафар фавтидаанд.

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ” ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёту саломатии ҷабрдида дар натиҷаи ҳодисаи роҳу нақлиёт, ки боиси марг мегардад, андозаи маблағи суғуртавӣ панҷсаду чилу панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил медиҳад. Аз ин бар меояд, ки дар соли 2022 аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ аз рӯи ҳолатҳои марг, маъюбӣ ва зарар ба молу мулк ҳамагӣ 0,7 миллион сомонӣ пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ амалӣ карда шудааст, ҳоло он ки аз рӯи маълумотҳои оморӣ танҳо вобаста ба марги 416

1. Созмони байналмилалии тандурустӣ: “Ҷароҳатҳои роҳу нақлиёт”-2023с.

нафар мебоист 14,5 миллион сомонӣ пардохти суғуртавӣ амалӣ карда мешуд.

Ҳолати мазкур бинобар паст будани сатҳи маърифатнокии молиявӣ ва ҳуқуқии аҳолӣ, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани корҳои таблиғотиву ташвиқотӣ аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ, саривақт муроҷиат накардани суғурташавандагон ба мақомотҳои дахлдор ва дигар омилҳое, ки барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон монеа эҷод менамоянд, ба миён омадааст.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳангоми барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои воситаҳои нақлиёт ба ҳар як соҳиби воситаи нақлиёт полиси суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт дода мешавад. Дар асоси полиси мазкур уҳдадории соҳиби воситаи нақлиёт дар назди иштирокчиёни ҳаракати роҳ ҳангоми расонидани зарар таъмин карда мешавад.

Масалан, ҳангоми идоракунии воситаи нақлиёт ронанда бинобар сабаби риоя накардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ба дигар воситаи нақлиёт бармехӯрад, ки дар натиҷа ҳодисаи суғуртавӣ ба миён меояд. Дар ин ҳолат, баъд аз гузаштани расмиёти ҷойдошта ташкилоти суғуртавӣ дар асоси полиси суғуртавии соҳиби он воситаи нақлиёте, ки боиси рух додани ҳодисаи суғуртавӣ гардидааст, уҳдадории ӯро дар назди соҳиби воситаи нақлиёти зарардида дар доираи зарари расонидашуда таъмин менамояд.

Айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 ташкилоти суғуртавӣ барои амалӣ намудани суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт иҷозатнома доштa, ҷадвали зерин раванди амалишавии ин намуди суғуртаро дар нишондиҳандаҳои оморӣ инъикос менамояд.

Дар робита ба ин, татбиқи амалии самарнок ва мақсаднок ба роҳ мондани суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт яке аз тадбирҳои асосӣ ҷиҳати кафолати амалишавии пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ ба ҷабрдидагони ин ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ маҳсуб меёбад.

Мавқеи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, коҳиш ёфтани сарбории молиявии аҳолӣ ва мусоидат ба муҳити иҷтимоии давлат бори дигар дорои хусусияти хос будани ин намуди суғуртаро дар кишвар шаҳодат медиҳад.

**Идораи назорати суғуртавӣ**

**АМАЛҲО ҲАНГОМИ РУХ ДОДАНИ ҲОДИСАИ РОҲУ НАҚЛИЁТ ВА ПАРДОХТИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ**




**НИШОНДИҲАНДАҲОИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ ҶАВОБГАРИИ ГРАЖДАНИЮ ҲУҚУҚИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ**

(бо ҳазор сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 1018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ | 52 757,4 | 54 956,7 | 65 803,0 | 64 144,7 | 59 335,50 | 69 802,70 | 83 823,40 |
| Пардохту ҷуброни суғуртавӣ | 2 538,8 | 1 307,9 | 1 413,4 | 1 525,1 | 2 174,70 | 712,1 | 605,7 |
| Миқдори шартномаҳо (бо адад) | 443 447 | 436 118 | 469821 | 444321 | 478 898 | 531 473 | 597 583 |

# Бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон: рӯ ба оянда




**Бо ин вуҷуд, ки дар Тоҷикистон бонкдории исломӣ соҳаи нав аст, аммо қадамҳои аввалини он дар кишвар ба назар устувор мерасад. Дар баробари ин, интизор меравад, ки маблағгузорӣ ба соҳаи молияи исломӣ дар Осиёи Марказӣ аз ҷониби бархе созмонҳои байналмилалӣ дар оянданаи наздик бештар шавад ва ин боз ҳам ба рушди бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон ва кишварҳои дигари минтақа мусоидат мекунад.**

Дар Тоҷикистон феълан як бонки исломӣ ва ду равзанаи бонкдории исломӣ дар назди ташкилотҳои қарзӣ фаъолият доранд.

Ҳиссаи онҳо дар қарздиҳӣ ва амонатнигоҳдорӣ сол ба сол афзоиш меёбад. Дороиҳои исломӣ дар охири соли 2021 дар кишвар 1,1%-ро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда дар қиёс бо кишварҳои минтақа назаррас аст. Барои муқоиса, дороиҳои исломӣ дар Қазоқистон дар охири соли 2021 0,2% ва дар Қирғизистон – 1,5%-ро аз тамоми дороиҳои бонкӣ ташкил додааст.

Ин ҳам дар ҳолест, ки бино ба маълумоти Бонки ҷаҳонӣ ҳиссаи молияи исломӣ дар дороиҳои ҷаҳонӣ дар аввали соли 2022 1%-ро ташкил додааст. Ҳарчанд ин рақам дар баробари ҳаҷми дороиҳои анъанавӣ дар ҷаҳон кам аст, вале омори расмӣ ҳокӣ аз он аст, ки бонкдории исломӣ бо суръат рушд мекунад. Тибқи ҳисобҳои Бонки рушди Авруосиё афзоиши миёнаи солонаи ҳаҷми дороиҳои исломӣ дар ҷаҳон барои солҳои 2015-2021 10,5% -ро ташкил додааст, дар ҳоле, ки афзоиши миёнаи солонаи ҳаҷми дороиҳои анъанавӣ дар ин давра ба 5,8% баробар шудааст.

Бо таваҷҷуҳ ба умдатан мусулмон будани аҳолии кишварҳои Осиёи Марказӣ талабот ба маблағгузории мутобиқи шариат сол то сол бештар мегардад. Бонки рушди Авруосиё дар баёнияе зикр намудааст, ки “бо вуҷуди саҳми андак дар ҳаҷми умумии дороиҳои бонкӣ дар Осиёи Марказӣ, як қатор кишварҳои минтақа қонунгузории танзими молияро тибқи шариат қабул кардаанд, ки ин имкон дод, бахшҳои молияи исломие чун бонкдорӣ ва лизинг ташаккул ёбанд”.

Дар айни замон, Қазоқистон аз ҷиҳати рушди молияи исломӣ аз рӯи дороиҳо дар Осиёи Марказӣ пешсаф аст. Зеро 68%-и ҳаҷми умумии дороиҳои бонкии исломии минтақа ба Қазоқистон рост меояд, ки ин ба ҳаҷми иқтисод ва ба мунтазам ҳадафмандона ташаккул до-

дани бахши молияи исломӣ дар ин кишвар мустаҳкам мебошад.

Дар Тоҷикистон низ бахши молияи исломӣ вобаста ба шароити иқтисодии кишвар рушд мекунад ва солҳои охир барои тавсеаи он Бонки миллии Тоҷикистон саъй намуд, ки тамоми заминаҳоро муҳайё созад. Зеро ба роҳ мондани фаъолияти бонкдории исломӣ дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмин намудани рушди иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад ва барои ҷалби сармояи кишварҳои ҷаҳони ислом ба иқтисоди кишвар шароит муҳайё месозад.

Бо ибтикори Бонки миллии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2014 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ”-ро қабул намуд, ки он асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти бонкдори исломиро дар кишвар фароҳам сохт. Мақомоти қонунгузорӣ мақсади қабули ин қонунро афзоиши сармоя, имкониятҳои иловагии маблағгузорӣ, ҷорӣ намудани маҳсулот ва технологияҳои нави бонкӣ, гуногун намудани хизматрасониҳои бонкӣ, паст кардани хароҷоти муомилотӣ ва рушди бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ карданд.

Бо мавриди амал қарор гирифтани қонуни мазкур раванди дар амал татбиқ намудани бонкдории исломӣ дар кишвар оғоз гардид. Дар соли 2017 бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон Дастурамал “Дар бораи амалиёте, ки тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ дар ташкилотҳои қарзии исломӣ анҷом дода мешаванд” тасдиқ карда шуд, ки барои амалан татбиқ намудани бонкдории исломӣ дар кишвар мусоидат кард. Ҳамчунин соли 2017 шуъбаи назорати бонкдории исломӣ дар таркиби департаменти назорати бонкии Бонки миллии Тоҷикистон созмон ёфт. Дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2019 бонки тиҷоратии “Соҳибкорбонк” ба муассисаи молиявӣ-қарзии исломии “Тавҳидбонк” табдил дода шуд, ки он чун аввалин бонки исломӣ дар ҷумҳурӣ ба фаъолият оғоз кард. Дар ибтидои соли 2020 ба ду ташкилоти қарзии дигар - ҶСП ТАҚҲ “Ҳумо” ва ФҚҲ “Имон” барои фаъолияти бонкии исломӣ тавассути равзанаҳои бонкии исломӣ иҷозатнома дода шуд.

Бо пайдо шудани бонкдории исломӣ дар кишвар, солҳои охир таваҷҷуҳи созмонҳои молиявӣ ва қарзии байналмилалии исломӣ ва давлатҳое, ки заминаи иқтисоди исломӣ доранд, ба сармоягузорӣ дар кишвар афзоиш пайдо кард. Аз ҷониби онҳо барои маблағгузории лоиҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ қарзҳо ва маблағҳои гуногуни имтиёзнок ҷудо шуданд.

Ба назар мерасад, ки имконот барои рушди бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа хеле бузург мебошанд. Бонки рушди Авруосиё дар гузориши худ пешбинӣ мекунад, ки ҳаҷми эҳтимолии дороиҳои молии исломӣ дар Осиёи Марказӣ дар тӯли солҳои 2030-2035 метавонад ба 10 миллиард доллар расад.

Ба ин далел, худи Бонки рушди Авруосиё низ тасмим гирифтааст, ки ба афзоиши фаъолонаи маблағгузории исломӣ дар Осиёи Марказӣ оғоз кунад.

Ин бонк бо ин мақсад як бахши молияи исломӣ кушодааст ва тавре иттилоъ медиҳад, бо ниҳодҳои молии кишварҳои Халиҷи Форс аз ҷумла, бо созмонҳои марбут ба гурӯҳи Бонки Исломии Рушд ба хотири мусоидат ба рушди молияи исломӣ дар Осиёи Марказӣ ҳамкорӣ менамояд. Бонки мазкур тасмим гирифтааст, ки дар соли 2024 ба бозори байналмилалӣ ба маблағи 500 миллион доллар авроқи гаронбаҳо ё худ вомбаргҳои исломиро бо мақсади маблағгузории лоиҳаҳо дар Осиёи Марказӣ интишор диҳад. Феҳрасти лоиҳаҳои эҳтимолӣ, ки маблағро равона кардан мумкин аст, аллакай тартиб дода шудааст.

Ин тасмим дар ҳолест, ки дар як соли охир таваҷҷуҳи бонкҳои кишварҳои олами ислом низ барои рушди бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон афзоиш меёбад. Ахиран имконоти ифтитоҳи филиалҳои бонкҳои Аморати Муттаҳидаи Араб дар Тоҷикистон зимни мулоқоти роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо мудири бахши робита бо ташкилотҳои давлатӣ ва суратҳисобҳои ғайрибонкии Бонки марказии Аморати Муттаҳидаи Араб Салим Ал-Ҳармӣ баррасӣ шуд. Дар ин мулоқот таъкид гардид,

ки дар Тоҷикистон барои ҷалби сармояи мустақим, фаъолияти озоду бемамониати сармоягузорони хориҷӣ ба бахши иқтисод, аз ҷумла низоми бонкӣ шароити мусоид фароҳам шудааст ва заминаи мукаммали меъёрию ҳуқуқӣ вуҷуд дорад.

Намояндаи Бонки марказии Аморати Муттаҳидаи Араб ба роҳандозии ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва имконоти сармоягузорӣ дар бахшҳои иқтисоди кишвар, аз ҷумла, низоми бонкӣ изҳори ҳавасмандӣ кард. Дар мулоқот масоили вобаста ба имкони сармоягузорӣ дар бонкҳои Тоҷикистон аз ҷониби сармоягузорони Аморати Муттаҳидаи Араб, масъалаҳои бонкдории исломӣ, кушодани суратҳисобҳои муросилотӣ, роҳандозии ҳамкорӣ байни бонкҳои марказии Аморати Муттаҳидаи Араб ва Тоҷикистон ва омӯзиши таҷрибаи ин кишвар дар соҳаи бонкдории исломӣ баррасӣ шуд.

Аз ин пеш дар моҳи маи соли 2023 Корпоратсияи Байналмилалии Исломии Маблағгузории Савдо барои пешбурди соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ аз он ҷумла, бонкдории исломӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 100 миллион доллари ИМА созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонида буд. Ин маблағ барои рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, аз ҷумла, тақвияти иқтидори содиротии кишвар, таъсиси корхонаҳои нассоҷӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ҳалол, марказҳои логистикӣ, рушди савдо ва сайёҳӣ, бонкдории исломӣ ва тақвияти иқтидори бахши хусусӣ равона хоҳад шуд. Бояд гуфт, ки то имзои ин созишнома аз ҷониби ин созмони байналмилалӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо маблағи 182 миллион доллар дар Тоҷикистон татбиқ мешуд.

Ба назари коршиносон ташкил ва ба роҳ мондани фаъолияти низоми бонкдории исломӣ барои иқтисодиёти Тоҷикистон, ба вижа барои расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз қабили баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, таҳкими амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат муҳим мебошад. Ин аст, ки рушди бонкдории исломӣ дар барномаҳои стратегии Тоҷикистон низ таъкид шудааст.

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” пешбинӣ гардидааст, ки то соли 2030 низоми сезинагии қарздиҳӣ, ки аз маҷмуи бонкҳо, ташкилотҳои қарздиҳии хурд ва ташкилотҳои ғайрибонкӣ иборат аст, ташаккул дода мешавад, ҳиссаи маблағгузории мустақим тавассути хароҷоти давлатӣ коҳиш дода шуда, ҳиссаи дастгирии ғайримустақим тавассути таъсис додани бонкҳои рушд ва дастгирии соҳаҳои афзалиятноки бахши воқеии иқтисодиёти Тоҷикистон зиёд карда мешавад ва бонкдории исломӣ барои маблағгузории бахши воқеии иқтисодиёт ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Ҳамчунин дар “Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” пешбинӣ гардидааст, ки Бонки миллии Тоҷикистон барои омӯзиши таҷрибаи бонкдории исломӣ ва ҷорӣ намудани фишангҳои нави пулию қарзӣ баҳри танзими сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии исломӣ дар самти такмил ва тақвияти механизми трансмиссионӣ ва истифодаи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ бояд тадбирҳои заруриро амалӣ намояд.

Дар “Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026” низ таъкид мегардад, ки бо назардошти мусулмон будани 96,8 фоизи аҳолии Тоҷикистон имкониятҳои рушди маҳсулоти маблағгузории исломӣ вуҷуд дорад.

Қайд гардидани бонкдории исломӣ дар барномаҳои стратегии давлат далели он аст, ки дар Тоҷикистон ба бонкдори исломӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ медиҳанд ва дар асоси онҳо дар ояндаи дуру наздик рушди низоми бонкдории исломӣ пешбинӣ шудааст. Дар баробари ин афзоиши сармоягузорӣ ба соҳаи бонкдории исломӣ ва таваҷҷуҳи бархе аз созмонҳои байналмилалӣ ба он барои инкишофи бештари бонкдории исломӣ дар кишвар хушбин мекунад.

Аслам Мӯминов

# "СОЛИ 2024 - СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ"



**Тавсифи рамзи**
**«Соли маърифати ҳуқуқӣ – 2024»**

Рамзи мазкур намуди доирашакл дошта, гирдогирди рамзро хати доирашакли сабз фаро гирифтааст, ки нишонаи сарсабзию шукуфой, сарбаландиву хуррамӣ ва абадият мебошад.

Дар гирди қисми болои рамз бо забони тоҷикӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ», ки ифодагари моҳияти рамз мебошад, навишта шуда, дар қисми поёни он рамзи шараф – шохи баргдори дарахти лавр бо тасмаи серахаи печида, ки ифодакунандаи рангҳои Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ҷой гирифтааст.

Дар маркази доира ҷузъиёти асосии рамз – китоби кушода, офтоби оламоро ва тоҷдасти шоҳӣ ҷой дода шудааст. Китоби кушода таҷассумкунандаи манбаи дониш, Конститутсия ва қонун, таълиму тарбия ва хирад, офтоби оламоро – рамзи нур, гармӣ, шифо, саховатмандӣ ва тоҷдасти шоҳӣ бо тасвири нимдавраи офтобӣ ва ҳафт ситора ҳамчун рамзи ваҳдати миллӣ, иқтидори давлат ва роҳнамою равшанидиҳанда мебошад. Дар қисми поёни маркази доира рақами «2024» нишон дода шудааст.

# ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТ – ЗАМИНАИ ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН

**Дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ", ки дар ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа мегарданд, масоили муҳимтарини ҳаёти кишвар таҳлилу баррасӣ мешаванд. Минҷумла, аз масоили муҳимме, ки дар меҳвари паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, ин баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.**



**Сайнозимзода Фирӯз,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бояд қайд намуд, ки масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз вазифаҳои муҳимтарин ва аввалиндараҷаи кишварҳое мебошанд, ки роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро пеша намудаанд. Тоҷикистони соҳибистиқлол мувофиқи қисми якуми моддаи 1 Конститутсияи кишвар давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон шудааст. Арзишҳои номбаргардида собит менамоянд, ки дар таърихи башарият онҳо аз арзишҳои дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд беҳтар дониста мешаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз солҳои 90-уми асри гузашта масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони кишварро муҳим дониста, 9-уми апрели соли 1997, № 691 фармон "Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро қабул карданд. Фармони мазкур бо мақсади таъмини волоияти қонун дар ҷомеа, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва пешгирии қонунвайронкуниҳо қабул шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии табақаҳои гуногуни ҷомеа силсила тадбирҳои мақсаднокро андешида, дар ин самт як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари банақшагирии стратегиро қабул кардааст, ки фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳкими ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар ҷумҳурӣ" аз 1-уми декабри соли 1999, № 2; қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баъзе чорабиниҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ" аз 22-юми августи соли 1997, № 383; дар бораи "Барномаи низоми давлатии омӯзиши ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 12-уми июни соли 2001, № 272 ва "Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020" аз 3-юми декабри соли 2012, № 678 аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 25-уми апрели соли 2008 яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии ҷумҳурӣ боло бурдани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар таъкид шуд. Чунон Роҳбари давлат қайд намуданд: **"Рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва**

**дунявӣ ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии зиёд дорад". Президенти кишвар дар ин Паём пешниҳод намуданд, ки барои беҳтар ба роҳ мондани тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ зарурати таҳия ва қабул намудани барномаи нави дарозмуддати**

ташвиқи арзишҳои демократӣ, дарк намудани ягонагии ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсону шаҳрванд ва амсоли инҳо иборат буданд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар заминаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 22-юми декабри

муҳимми сиёсати ҳуқуқии кишвар маҳсуб мешавад ва ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ, шаҳрвандон оид ба муайян намудани мақсадҳо, вазифаҳо, афзалиятҳо, воситаҳо, шаклҳои тарбияи ҳуқуқӣ баромад намуда, тавассу-



**мукаммал ва ба таври самарабахш татбиқ кардани он амалӣ гардад.**

Дар натиҷа, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми апрели соли 2009, №253 "Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019" тасдиқ шуд, ки мақсади асосии он баланд бардоштани маърифат ва донишҳои ҳуқуқӣ, ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, масъулиятшиносӣ, эҳтиром нисбат ба Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, тарғибу

соли 2016 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018, №1005 "Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028" тасдиқ гардид, ки дар он боби 5 ба масъалаи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи рушди маърифати ҳуқуқӣ, тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ ва ёрии ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Инчунин, дар консепсия қайд шудааст, ки баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои

ти таъмини сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ, тарғиби ҳуқуқӣ, инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиносони касбӣ амалӣ мешавад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 26-уми декабри соли 2018 чунин таъкид ба амал оварда шуд: **"Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ омили асосии эъмори давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмин намудани волоияти қонун мебошад".** Дарвоқеъ, эъмори

давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ маърифати баланди ҳуқуқиро тақозо менамояд, ки бе он арзишҳои бунёдӣ ва принсипҳои ҷомеа, аз қабили волоияти қонун, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳифзи манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд наметавонанд комилан амалӣ гарданд.

Дар Паёми фавқуззикр Сардори давлат бинобар ба охир расидани муҳлати "Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009–2019" лозим шумориданд, ки барои даҳсолаи минбаъда барномаи нав таҳия ва қабул карда шавад.

Ҳамин тариқ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми ноябри соли 2019, №599 "Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2030" тасдиқ гардид. Ин барнома дар шароити кунунӣ аҳаммиятнок буда, мебояд, ки муқаррароти он ва дар ин замина муқаррароти қонунгузории мамлакат дар байни қишрҳои мухталифи аҳолӣ аз ҷониби масъулини мақомоти дахлдори давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мунтазам тарғибу ташвиқ карда, ба ин васила маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бардошта шаванд. Зеро баланд шудани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар пешгирии қонунвайронкуниҳо, таъмини волоияти қонун, риояи Конститутсия ва қонунгузории кишвар, инчунин эътирофу эҳтиром, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ аз 28-уми декабри соли 2023 таъкид намуданд, ки "дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад". Дар Паёми мазкур Сарвари давлат оид ба қабули Конститутсия ва аҳаммияти он дар ҳаёти ҷомеа сухан ронда, пешниҳод намуданд, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон карда шавад.

Бояд ёдовар шуд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардида, ба он 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд ва соли ҷорӣ 30-юмин солгарди қабули он таҷлил карда мешавад.

Ҳамин тавр, баҳри амалӣ кардани талаботи Паёми навбатӣ фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон намудани соли 2024" аз 30-юми декабри соли 2023, №668 қабул гардид, ки мақсади асосии он аз баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона ба он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон иборат мебошад.

Дар иртибот ба эълон шудани соли 2024 ҳамчун "Соли маърифати ҳуқуқӣ" ва 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хуб мешуд, ки бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони кишвар аз тарафи олимони соҳаи ҳуқуқи ватанӣ Тафсири нави илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардад.

Дар фароварди сухан метавон хулоса кард, ки эълон гардидани соли 2024 ҳамчун "Соли маърифати ҳуқуқӣ", ки аз Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" сарчашма мегирад, баҳри ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, таҳкими институти ҳуқуқи инсон, таъмини волоияти қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба қонун нигаронида шудааст.

# ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ КАСБИИ ҲУҚУҚШИНОСОН



**Раҷабзода Равшан Муҳитдин** – раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро аз сар мегузаронад, ки эҳтимолан рушди минбаъдаи ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва давлатиро дар оянда муайян мекунад. Чунин ба назар мерасад, ки яке аз омилҳои бунёдӣ бояд ташаккули шуури муносиби ҳуқуқӣ, хусусан шахсони мансабдор, сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии онҳо бошад, ки риоя ва иҷрои дақиқи қонунҳоро бо ҷалби ҳадди аққали дастгоҳи давлатӣ дар назорати амалисозии он таъмин намоянд. Аммо, барои баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва дар умум маърифати ҳуқуқӣ кор бурдан бо тамоми гурӯҳҳои аҳолӣ, инчунин бо шахсоне, ки давлатро дар ин ниҳодҳо намояндагӣ мекунанд, муҳим ва зарур аст.

Муҳим будани мушкилоти баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ дар баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ қайд гардидааст. Ҳамин тариқ, 6 феврали соли 2018 аз ҷониби Президенти мамлакат “Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028” тасдиқ карда шуд ва дар он зикр мегардад, ки пешрафти давлати ҳуқуқбунёд, ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими вахдати миллӣ дар Тоҷикистон фарҳанги баланди ҳуқуқиро тақозо менамоянд, ки бидуни он чунин арзишҳои бунёдӣ ва принсипҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ба монанди волоияти қонун, афзалияти инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ҷудонопазири он, таъмини ҳифзи боэътимоди манфиатҳои оммавӣ имконнопазир аст.

Фарҳанги ҳуқуқии касбӣ фарҳанги доираи муайяни шахсонест, ки дорои донишҳои ҳуқуқии касбӣ буда, фаъолияти ҳуқуқии касбиро пеш мебаранд. Барои фарҳанги ҳуқуқии касбӣ як қатор аломатҳои махсус, ба мисли таҳсилоти махсуси касбии ҳуқуқӣ, сатҳи кофӣ ва зарурии донишҳои ҳуқуқии касбӣ, фаъолияти ҳуқуқии касбӣ хос мебошанд. Фарҳанги ҳуқуқии касбӣ бо ин аломатҳояш, ки хусусиятҳои онро ифода мекунанд, аз намудҳои дигари фарҳанги ҳуқуқии гурӯҳӣ, аз қабили фарҳанги ҳуқуқии занон, ҷавонон, нафақахӯрон ва дигарон фарқ мекунад.

Айни замон фарҳанги ҳуқуқии касбӣ дар баробари хусусиятҳои умумӣ, ки дар маҷмуъ ба ин намуди фарҳанги ҳуқуқӣ хос мебошанд, як қатор хусусиятҳои ҷузъӣ дорад. Ин хусусиятҳо, якум, ҷузъи

таркибии фарҳанги ҳуқуқии касбӣ мебошанд. Дуюм, онҳо бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти касбии ҳуқуқшиносон, ки ин ё он намуди фаъолияти ҳуқуқии касбиро анҷом медиҳанд, муайян карда мешаванд.

Тавре маълум аст, фаъолияти ҳуқуқии касбиро доираи васеи ҳуқуқшиносон, аз ҷумла, судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, гумрук, андоз ва ғайра ба сомон мерасонанд. Аз як тараф, ҳамаи ҳуқуқшиносон донишҳои зарурии ҳуқуқӣ доранд, фаъолияти касбиро бо истифода аз донишҳои ҳуқуқӣ ва таҷрибаи кории ҳуқуқӣ пеш мебаранд. Аз тарафи дигар, судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, гумрук, андоз ва дигарон донишҳои ҳуқуқиро бо назардошти хусусиятҳои ин ё он намуди фаъолияти ҳуқуқии касбӣ татбиқ менамоянд. Аз ин лиҳоз, фаъолияти касбии судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, гумрук ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бо назардошти хусусиятҳои фаъолияташон (фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ) низ аз якдигар фарқ дорад.

Чунин фарқият дар заминаи қонунҳои алоҳида, ки фаъолияти касбии кормандони мақомоти судӣ, кормандони мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, гумрук ва дигаронро танзим мекунанд, муайян карда мешавад. Дар қонунҳои дахлдор вазъи ҳуқуқӣ, салоҳияти ҳокимиятӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандони дахлдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян карда мешавад. Табиист, ки вазъи ҳуқуқии кормандони дар боло зикршуда аз ҳамдигар фарқ дорад.

Тафовути дигари фаъолияти касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо таҷрибаи кории ҳуқуқӣ, тарз ва воситаҳои фаъолияти касбӣ (фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, назорати прокурорӣ, адолати судӣ ва ғайра) муайян карда мешавад.

Фаъолияти касбии ҳуқуқӣ танҳо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҳдуд намешавад. Фаъолияти касбии ҳуқуқиро адвокатҳо, ҳуқуқшиносони корхона ва муассисаҳо, кормандони мақомоти марказӣ ва соҳавии ҳокимияти давлатӣ (парламент, мақомоти ҳокимияти иҷроия), мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ низ ба роҳ мемонанд. Табиист, ки фаъолияти касбии ин гурӯҳи ҳуқуқшиносон аз фаъолияти касбии кормандони ҳифзи ҳуқуқ фарқ дорад.

Аз ин нуқтаи назар, фаъолияти касбии ҳуқуқӣ дар маҷмуъ аз тарафи ҳуқуқшиносон ба роҳ монда мешавад. Аммо фаъолияти касбии доираҳои муайяни ҳуқуқшиносони касбӣ аз ҳамдигар фарқ дорад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло хусусиятҳои умумӣ ва ҷузъии фарҳанги ҳуқуқии касбӣ ҷудо карда мешавад.

Хусусиятҳои умумии фарҳанги ҳуқуқии касбӣ тафовути фарҳанги ҳуқуқии касбиро аз намудҳои дигари фарҳанги ҳуқуқӣ муайян мекунанд. Фарҳанги ҳуқуқии касбӣ дар робита бо ин хусусиятҳои умумӣ чун падидаи мустақили ҳаёти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ баромад мекунанд.

Хусусиятҳои ҷузъии фарҳанги ҳуқуқии касбӣ бо хусусиятҳои фарқкунандаи намудҳои ҷудогонаи фаъолияти касбии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Фарҳанги ҳуқуқии касбии судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, гумрук ва андоз аз ҳамдигар фарқ дорад.

Тафовути фарҳанги ҳуқуқии касбии судяҳо, прокурорҳо, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, адвокатҳо ва дигар ҳуқуқшиносони амалӣ дар он зоҳир мешавад, ки онҳо дар баробари донишҳои умумии касбии ҳуқуқӣ ҳамчунин донишҳои махсуси касбӣ доранд. Чунончи, таҳсилоти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти амнияти миллӣ, гумрук, андоз ва дигарон хусусиятҳои худро дорад. Илова бар ин, таҷрибаи кории доираҳои ҷудогонаи ҳуқуқшиносони амалӣ аз ҳамдигар фарқ дорад, чунки адолати судӣ, назорати прокурорӣ, тафтишот, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ намудҳои алоҳида ва мустақили фаъолияти ҳуқуқии касбӣ буда, аз ҳамдигар фарқ дорад.

Барои ҳамин, фарҳанги ҳуқуқии касбӣ, аз як тараф, хусусиятҳои умумӣ дошта, аз тарафи дигар, хусусиятҳои ҷузъӣ дорад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло

ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки:

– фарҳанги ҳуқуқии касбӣ фарҳанги ҳуқуқшиносони амалӣ мебошад, ки фаъолияти касбии ҳуқуқиро анҷом медиҳанд;
– фарҳанги ҳуқуқии касбӣ хусусиятҳои умумӣ дошта, аз намудҳои дигари фарҳанги ҳуқуқии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ фарқ мекунад;
– дар таркиби фарҳанги ҳуқуқии касбӣ бо назардошти хусусиятҳои ҷузъӣ, тафовути фарҳанги ҳуқуқии касбии доираҳои ҷудогонаи ҳуқуқшиносони амалӣ зоҳир мешаванд;
– фарҳанги ҳуқуқии касбии судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин кормандони мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо аз ҳамдигар фарқ дорад.

Аз ин нуқтаи назар, омӯзиши алоҳидаи фарҳанги ҳуқуқии касбии судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ ва мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқшиносони касбӣ, ки дар мақомоти дигари давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо фаъолияти касбии ҳуқуқиро ба роҳ мемонанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ ва амалӣ қобили қабул аст. Ин имкон медиҳад, ки хусусиятҳои фарҳанги ҳуқуқии касбии доираҳои ҷудогонаи ҳуқуқшиносони амалӣ муайян карда шаванд.

**Тафовути фарҳанги ҳуқуқии касбии судяҳо, прокурорҳо, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, адвокатҳо ва дигар ҳуқуқшиносони амалӣ дар он зоҳир мешавад, ки онҳо дар баробари донишҳои умумии касбии ҳуқуқӣ ҳамчунин донишҳои махсуси касбӣ доранд.**

Қайд кардан ба маврид аст, ки нуктаҳои назари илмӣ-методологӣ, ки болотар шарҳ дода шуданд, зимни таҳқиқоти фарҳанги ҳуқуқии касбӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

Мусаллам аст, ки аксари олимони назарияи давлат ва ҳуқуқ, бар он ақида мебошанд, ки мафҳуми “фарҳанги ҳуқуқии касбӣ” дар робита бо шуури ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Ҷузъи таркибии фарҳанги ҳуқуқии касбӣ шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон мебошад. Шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон аз шуури ҳуқуқии гурӯҳҳои дигари аҳолӣ бо аломатҳои зерин фарқ мекунад:

– унсурҳои таркибии шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон, аз қабили донишҳо, тасаввурот, ақидаҳо, мафҳумҳо, ҳиссиёти ҳуқуқӣ;
– сатҳи баланди донишҳои ҳуқуқӣ, ки зимни таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ имконпазир мегардад;
– сифати баландтари шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон, ки барои фаъолияти касбии ҳуқуқӣ заминаи кофӣ муҳайё мекунад;
– тарзҳои васеътари дарки воқеияти ҳуқуқӣ;
– ҳаҷми васеи иттилооти ҳуқуқӣ, ки ба туфайли донишҳои ҳуқуқӣ, қобилияти дарку эҳсос, нигоҳдорӣ, истифода, паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ имконпазир мегардад.

Шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон аз намудҳои дигари шуури ҳуқуқӣ бо фаъолияти касбии ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби ҳуқуқшиносони касбӣ ба роҳ монда мешавад, фарқ мекунад. Ҳуқуқшиносони амалӣ фаъолияти касбии ҳуқуқиро дар иртибот бо сатҳи муайяни шуури ҳуқуқии касбӣ ба роҳ мемонанд. Барои фаъолияти касбии ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сатҳи баланди донишҳои ҳуқуқии касбӣ зарур аст.

Бо ҳамин нишона шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносони амалӣ (кормандони мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ) аз шуури ҳуқуқии илмӣ ва оддӣ фарқ мекунад. Дар ин замина сатҳи зерини шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносонро ҷудо намудан мумкин аст:

– шуури ҳуқуқии илмӣ, ки барои олимони ҳуқуқшинос, муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқ хос аст;
– шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилот;
– шуури ҳуқуқии донишҷӯёни ҳуқуқшинос, ки дар раванди таҳсилоти ҳуқуқии касбӣ ташаккул меёбад;
– шуури ҳуқуқии оддӣ, ки барои шаҳрвандон хос мебошад, аз тасаввуроти оддии (ғайрикасбии) ҳуқуқӣ оид ба падидаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ иборат аст.

Аз таснифи зикршуда бармеояд, ки шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон намудҳои ё сатҳи гуногун дорад. Дар байни онҳо шуури ҳуқуқии илмӣ ё доктриналӣ ҷойи аз ҳама баландро соҳиб аст, чунки ба сатҳи баланди на танҳо донишҳои ҳуқуқӣ, балки донишҳои илмии ҳуқуқӣ такя намуда, зимни таҳқиқоти илмӣ ташаккул ва инкишоф меёбад. Шуури ҳуқуқии касбӣ дар ҷараёни таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, минбаъд дар рафти фаъолияти касбии ҳуқуқӣ такмил меёбад. Шуури ҳуқуқии оддӣ бошад, ба шаҳрвандон, сарфи назар аз таҳсилоти ҳуқуқии касбӣ, фаъолияти илмии ҳуқуқӣ ва фаъолияти касбии ҳуқуқӣ тааллуқ дорад.

Фарҳанги ҳуқуқии касбӣ дар заминаи шуури ҳуқуқии умумӣ ва шуури ҳуқуқии касбӣ ташаккул меёбад. Таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ зинаи муҳимми ташаккули фарҳанги ҳуқуқии касбӣ мебошад. Айни замон дар раванди таҳсилоти олии касбии ҳуқуқӣ шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии умумии ҳуқуқшиносон, ки минбаъд дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлат ва ҷомеа (мақомоти қонунгузор, иҷроия, судӣ, муассисаҳои ёрии ҳуқуқӣ ва ғайра) фаъолияти касбии ҳуқуқӣ ва дигари давлатиро ба сомон мерасонанд, ташаккул меёбад. Дар ҷараёни таҳсилоти ҳуқуқии махсуси касбӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти махсус, аз ҷумла, дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ташаккул меёбад.

Аз ин нуқтаи назар, фарҳанги ҳуқуқии касбӣ ба доираи васеи ҳуқуқшиносон, ки таҳсилоти олии касбии ҳуқуқиро соҳиб гашта, дар мақомоти гуногуни давлатӣ, аз он ҷумла, дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кор мекунанд, тааллуқ дорад. Раванди таҳсилоти олии касбии ҳуқуқӣ, ки дар муассисаҳои гуногуни таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ ва донишгоҳҳо ба роҳ монда мешавад, ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқии касбии доираи васеи ҳуқуқшиносон замина мегузорад.

Ҳамин тариқ, фарҳанги ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон намуди мустақили фарҳанги ҳуқуқӣ буда, бо назардошти шароити муайяни инкишофи ҷомеа, талаботи ҷомеа, дар раванди таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ, амалияи касбии ҳуқуқӣ ташаккул ва инкишоф меёбад. Мустақилияти фарҳанги ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон бо нуқтаҳои зерин собит мегардад:
– ҳуқуқшиносони касбӣ гурӯҳи алоҳидаи иҷтимоии аҳолиро ташкил медиҳанд;
– онҳо донишҳои махсуси касбии ҳуқуқӣ буда, маҳорати касбии хешро дар фаъолияти касбӣ такмил медиҳанд;
– ҳуқуқшиносони касбӣ донишҳои ҳуқуқии назариявиро дар фаъолияти касбӣ бо назардошти ҳолатҳои кор, дар доираи салоҳияти ҳокимиятӣ ва дигари хизматӣ, бо мақсади таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, мусоидат ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ татбиқ мекунанд;
– шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносони амалӣ унсурҳои ба онҳо хосси идеологӣ ва психологӣ дорад, ки дар ҷараёни таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ, фаъолияти касбии ҳуқуқӣ ташаккул ва такмил меёбад;
– ҳуқуқшиносони амалӣ фарҳанги ҳуқуқии худро доранд, ки дар заминаи шуури ҳуқуқии касбӣ ва фаъолияти касбӣ ташаккул меёбад;
– фаъолияти ҳуқуқшиносони касбӣ намуди алоҳидаи хизмати давлатӣ – хизмати ҳуқуқии касбӣ мебошад.

### Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”

1 марти соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” имзо гузоштанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” барои такмили низоми ташкилотҳои суғуртавӣ, назорати фаъолияти иштирокдорони бозори суғурта ва танзими низоми иҷозатномадиҳӣ барои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ равона шудааст.

### Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон”

23 феврали соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” имзо гузоштанд.

Бо мақсади ғанӣ гардондани иқтисодиёти миллӣ тавассути тақвияти минбаъдаи ҷалби сармоя, бахусус сармояи дохилӣ муҳлати қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳо ба як соли дигар тамдид карда шуд.

Мақсад аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” фароҳам овардани шароити мусоид барои бозгардондани дороиҳо, маблағҳо ва ҷалби сармояи шаҳрвандон ба иқтисоди миллӣ, таъмини шаффофият, коҳиш додани ҳиссаи иқтисоди пинҳонӣ ва фаъол намудани сармоягузорӣ барои рушди соҳибкорӣ мебошад.



## ИҶОЗАТНОМАҲО

### Оғози расмиёти барҳамдиҳии ҶСП ТҚХ “Барҳақ”

Тибқи қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 15 январи соли 2024, №9 дар асоси моддаҳои 6, 10 ва 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ” бинобар сабаби аз ҷониби комиссияи барҳамдиҳии ҶСП ТҚХ “Барҳақ” сари вақт таъмин нагардидани раванди барҳамдиҳии ихтиёрӣ, нисбати он расмиёти барҳамдиҳии маҷбурӣ оғоз гардида, дар ин хусус аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба суд ариза пешниҳод гардид.

### Фаъолияти низоми пардохтии “CONTACT” қатъ гардид

Фаъолияти низоми пардохтии “CONTACT” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ гардид, зеро бо қарори Бонки марказии Федератсияи Россия аз санаи 21 феврали соли 2024, иҷозатнома барои анҷом додани амалиётҳои бонкӣ аз КИВИ БОНК, ки оператори низоми пардохтии “CONTACT” мебошад, бозхонд гардид. Бо қатъ шудани фаъолияти ташкилоти мазкур, фаъолияти низоми пардохтии “CONTACT” дар тамоми кишварҳои дунё, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби маъмурияти муваққатии КИВИ БОНК пурра маҳдуд карда шуд.





























## КВД БА ҶТ “АМОНАТБОНК” БО “KAZAKHEXPORT” ҲАМКОРИҲОРО ГУСТАРИШ МЕДИҲАД

КВД БА ҶТ “Амонатбонк” бо ҶС “Ширкати содиротию суғуртавии “KazakhExport”-и Қазоқистон ҳамкориҳои дуҷонибаи худро муҳокима карданд. КВД БА ҶТ “Амонатбонк” ҳамкориҳоро бо ҶС “Ширкати содиротиву суғуртавии KazakhExport”-и Ҷумҳурии Қазоқистон аз соли 2020 оғоз намуда, то ба имрӯз тавассути Ширкати мазкур ба 15 лоиҳаҳои мухталифи ширкатҳои ватанӣ дар ҳаҷми беш аз 23,5 миллион доллари ИМА сармоягузорӣ намудааст.

Зимни мулоқоти раиси Раёсати КВД БА ҶТ “Амонатбонк” Алиҷон Салимзода бо муовини раиси ҶС “Ширкати содиротию суғуртавии “KazakhExport”-и Қазоқистон Куаниш Мукажанов, ҷонибҳо аз сатҳи ҳозираи ҳамкориҳо изҳори қаноатмандӣ карда, хостори густариши ҳамкориҳо дар самти маблағгузории савдо ва кушодани хатҳои аккредитивӣ шуданд.

## ҶСК “АЛИФ БОНК” ПАРДОХТ БО ЁРИИ СМАРТСОАТҲОРО ОҒОЗ МЕКУНАД

ҶСК “Алиф Бонк” хабар дод, ки ба муштариёнаш имкон медиҳад, ки бо соатҳои ҳушманди Garmin пардохт кунанд. Барои анҷоми ин амалиёт соатҳои ҳушманди Garmin-ро бо кортҳои Visa-и мизоҷон алоқаманд мекунанд. Масъулини бонки мазкур, инро қадами нав дар рушди пардохтҳои рақамӣ дар Тоҷикистон номиданд. Зеро технологияи токенизатсияи корти Visa бо истифода аз Garmin Pay дар доираи лоиҳаи инноватсионии ҶСК “Алиф Бонк”, Visa ва Garmin, барои аввалин бор дар Тоҷикистон амалӣ карда шуд.

Раиси ҶСК “Алиф Бонк” Гуланор Атобек ҷорӣ намудани Garmin Pay-ро талоши бонки мазкур ба навоварӣ дар бахши молияи Тоҷикистон ва пешниҳоди роҳҳои муосир ва бехатари пардохт ба муштариён арзёбӣ намуд.

Garmin Pay як роҳи осон ва бехатари пардохтҳои бидуни тамос мебошад. Бо ин технология ба муштарӣ имкон дода мешавад, бо соатҳои Garmin дар ҳама нуқтаҳои савдое, ки дар онҳо пардохтҳои бе тамос бо корти Visa қабул карда мешаванд, харид кунанд.Бартарии асосии ин навоварӣ сатҳи баландтари амният дар асоси технологияи токенизатсияи Visa Token Service мебошад. Ин технология имкон медиҳад, ки маълумоти махфии муштарӣ ба идентификатори беназири рақамӣ табдил ёбад. Он рақами корт ва рамзи CVV-ро дарбар намегирад ва бо ин роҳ сатҳи амниятро ҳангоми пардохт дар дастгоҳҳои мобилӣ беҳтар намуда, муҳофизатро аз дастрасии беиҷозат таъмин мекунад.

## ТАҚХ “ФУРӮЗ” ТИҶОРАТИ ХУРДРО ДАСТГИРӢ МЕКУНАД

ТАҚХ “Фурӯз” сандуқи қарзии худро ба 100 миллион сомонӣ расонидааст ва мақсад гузоштааст, ки дастгирии тиҷорати хурдро таҳким бахшад.

ТАҚХ “Фурӯз” хизматрасониҳои қабули пасандозҳо, додани қарзҳо барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, пешниҳоди қарзҳо барои соҳибкории хурду миёна, соҳибкории занон, соҳаи кишоварзӣ, ҳунарҳои мардумӣ, таъмиру сохтмони манзил ва омӯзишро анҷом медиҳад.

Ҳоло дар 8 маркази хизматрасонии ин ташкилоти қарзӣ беш аз 140 нафар кормандон фаъолият доранд ва ба беш аз 7000 муштариён бо сандуқи қарзии беш аз 100 миллион сомонӣ хизматрасонӣ менамоянд. Ташкилоти қарзӣ тасмим дорад, номгӯи хизматрасониҳои худро васеъ кунад ва дар соли 2024 тамоми нақшаҳои дар ин самт пешбинишударо амалӣ кунад.

Бояд гуфт, ки ТАҚХ “Фурӯз” фаъолияти худро соли 1999 оғоз кардааст. Он дар соли 2022 мақоми ташкилоти қарзии хурди амонатиро гирифт.

Ташкилоти мазкур ба дастги-

рии соҳибкории занон, рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

## БАҲОИ БАЛАНДИ МАҶАЛЛАИ “WORLD FINANCE” БА ТАШКИЛОТИ СУҒУРТАВИИ “БИМА”

Маҷаллаи байналмилалии иқтисодии World Finance дар шарҳи солонаи худ дар бораи ташкилотҳои суғуртавии ҷаҳон, ташкилоти суғуртавии “БИМА”-ро беҳтарин ташкилоти суғуртавии Тоҷикистон дар соли 2023 номидааст. Масъулони ташкилоти суғуртавии “БИМА” инро дастоварди хуб ва нишондиҳандаи сатҳи баланди сифати хизматрасониҳои ин ташкилоти суғуртавӣ арзёбӣ карданд.

Директори генералии ташкилоти суғуртавии “БИМА” Н. Ҷалолиддинов дар ин маврид иброз дошт: “Мо аз чунин баҳогузории маҷаллаи World Finance хеле хушҳолем. Ин тасдиқ мекунад, ки ташкилоти мо дар роҳи дуруст қарор дорад ва рушди худро идома дода, ба мизоҷони худ беҳтарин хизматрасониҳоро дар соҳаи суғурта пешкаш мекунад. Мо аз мизоҷони худ барои бовариашон ба мо миннатдорем. Бинобар ин ваъда медиҳем, ки минбаъд низ ба манфиати мизоҷон ва тамоми ҷомеа кор хоҳем кард”.

Ташкилоти суғуртавии “БИМА” соли 2014 таъсис ёфта, ба мизоҷон ҳама намудҳои хизматрасониҳои суғуртаи ихтиёриро пешниҳод мекунад.

## ҶСП “БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН” КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ДАВЛАТИРО БА ФУРӮШ МЕГУЗОРАД

ҶСП “Бонки рушди Тоҷикистон” барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ маҷмӯи пурраи хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва муомилоти сармоягузорӣ бо коғазҳои қиматноки давлатиро пешниҳод менамояд. Коғазхои қиматноки давлатӣ ҳуҷҷатҳои молиявие мебошанд, ки давлат бо мақсади ҳавасмандгардонии афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва ҷалби сармоя барои татбиқи лоиҳаҳои муҳимми давлатӣ ба фурӯш мебарорад. Шаҳрвандон бо харидории коғазҳои қиматноки давлатӣ ба рушди иқтисодиёти кишвар саҳм мегузоранд.

Хариди коғазҳои қиматноки давлатӣ ва аз он пул кор кардан фоидаовар ҳисоб мешавад. Зеро аввалан, коғазҳои қиматнок даромади устувор доранд ва баъдан, тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз даромадҳо аз афзоиши арзиши коғазҳои қиматноки давлатӣ андоз ситонида намешавад.

Барои хариди коғазҳои қиматноки давлатӣ бо “Бонки рушди Тоҷикистон” шартномаи заруриро баста, дархости хариди коғазҳои қиматноки давлатиро пур кардан лозим аст.

ҶСП “Бонки рушди Тоҷикистон” барои анҷом додани фаъолияти брокерӣ ва дилерӣ иҷозатномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарёфт кардааст.

## ҶОИ НАМОЁНИ БОНКИ "АРВАНД" ДАР РЕЙТИНГИ AFISAR

Бонки "Арванд" дар эътиборсанҷии ташкилоти байналмилалии Agents for Impact, ки фаъолияти муассисаҳои молиявии ҷаҳониро дар соҳаи рушди устувор ва мутобиқати он ба Ҳадафҳои Рушди Устувори СММ арзёбӣ мекунад, баҳои баланди “А” гирифтааст.

Ин эътиборсанҷӣ нишондиҳандаҳои устувории экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракуниро муайян мекунад ва он пеш аз қабули қарори сармоягузорӣ барои сармоягузорон ва донорҳои эҳтимолӣ истифода мешавад.

Масъулини “Арванд” аз ин гуна баҳогузорӣ хуш истиқбол мекунанд ва изҳор медоранд, ки “ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Бонки "Арванд" дар роҳи дуруст - роҳи шукуфоӣ ва рушди мизоҷони худ ва дар маҷмуъ кишвар қарор дорад.”

***Таҳияи***
***А. Мӯминов***

## БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН - УЗВИ ШАБАКАИ БОНКДОРӢ ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ УСТУВОР (SBFN)

8 декабри соли 2023 тасдиқномаи Шабакаи бонкдорӣ ва маблағгузории устувор (SBFN) дар хусуси пайваст шудани Бонки миллии Тоҷикистон ба SBFN дастрас гардид.

Аъзои шабакаи мазкур аз рӯи сатҳ ва гурӯҳҳои кории мавзуӣ дар марҳилаҳои гуногуни татбиқи чораҳо дар самти маблағгузории устувор ҳамкорӣ намуда, ташаббусҳои миллии маблағгузории устуворро дар доираи тачрибаҳои байналмилалӣ амалӣ ва ба рушди маблағгузории устувор дар кишварҳои худ мусоидат менамоянд.

Дар робита ба ин, аъзои SBFN-ро зарур аст чиҳати беҳтар кардани масъалаҳои идоракунии экологӣ, иҷтимоӣ ва корпоративӣ (ESG) аз ҷониби муассисаҳои молиявӣ, аз ҷумла идоракунӣ ва ифшои хатарҳои иқлимӣ, афзоиши гардиши сармоя ба фаъолиятҳое, ки таъсири мусбати экологӣ ва иҷтимоӣ доранд, аз қабили коҳиш додани тағйирёбии иқлим, чораандешӣ намоянд.

Низоми бонкии мамлакат дар ин росто як қатор корҳоро амалӣ намуда истодааст ва Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назоратӣ барои ба тачрибаи байналмилалӣ мутобиқ намудани фаъолияти низоми бонкӣ дар самти мазкур чораҳои зарурӣ меандешад.

Маврид ба зикр аст, ки SBFN соли 2012 аз ҷониби Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) таъсис гардидааст ва ба ҳолати моҳи декабри соли 2023 Шабакаи мазкур бо 84 танзимгари молиявӣ ва ассотсиатсияи саноатӣ дар 66 кишвари ҷаҳон ҳамкорӣ мекунад.

## БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН - УЗВИ ШАБАКАИ САБЗГАРДОНИИ НИЗОМИ МОЛИЯВӢ (NGFS)

Бонки миллии Тоҷикистон ба Шабакаи сабзгардонии низоми молиявӣ (“NGFS”) пайваст гардид. Тасдиқномаи он 23 декабри соли 2023 дастрас гардид.

NGFS шабакаи гурӯҳи бонкҳои марказӣ ва мақоми назоратии пруденсиалӣ мебошад, ки дар доираи фаъолияти он кишварҳои аъзо дар самти табодули тачрибаи пешқадам, саҳмгузорӣ дар рушди идоракунии хавфҳои муҳити зист ва иқлим дар бахши молиявӣ ва ҷалби маблағҳо барои дастгирии раванди гузариш ба иқтисоди устувор ҳамкорӣ менамоянд. Бояд гуфт, ки 121 бонки марказӣ, аз ҷумла бонкҳои марказии ИМА, Шоҳигарии Британия, Иттиҳоди Аврупо, Ҷопон, Чин, Гурҷистон ва Ӯзбекистон аъзои ин шабака буда, дар доираи он табодули тачриба байни кишварҳои аъзо сурат мегирад.

Ҳадафи шабакаи мазкур муайянсозӣ, пешбурд ва саҳмгузорӣ дар рушди тачрибаҳои беҳтарин дар дохил ва берун аз узвият дар NGFS, ҳамчунин, гузаронидани таҳлил оид ба маблағгузории сабз мебошад. Иқдоми мазкур чиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои “Стратегияи рушди иқтисоди сабз” барои солҳои 2023-2027 ва суръат бахшидан ба раванди татбиқи Созишномаи Париж оид ба тағйирёбии иқлим (2016) мусоидат хоҳад намуд.

Интизор меравад, ки шомилшавӣ ба NGFS огоҳии иштирокчиёни бозори молиявиро ба масъалаҳои иқлимӣ баланд бардошта, ба маблағгузории устувор ва сабз дар кишвар суръат мебахшад.

Бояд қайд кард, ки БАТР аз соли 2018 ба ҳайси нозири NGFS аллакай мақоми танзимкунанда ва назоратӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ дорад.

**www.nbt.tj**



# ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ЭҲТИМОЛӢ* МУАЙЯН ШУДАНД

**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ҶИҲАТИ АМАЛӢ НАМУДАНИ СИЁСАТИ МАКРОПРУДЕНСИАЛӢ ВА ТАНЗИМУ НАЗОРАТИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ, ДАР АСОСИ "ҚОИДАҲОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ" СОЛЕ ЯК МАРОТИБА ДАР МОҲИ ЯНВАР БО ҶАМЪБАСТИ ҲИСОБИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ МЕЪЁРӢ, РӮЙХАТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗРО БАРОИ ДАВРАИ АЗ 1 ЯНВАР ТО 31 ДЕКАБРИ СОЛИ ОҒОЗШУДА МУАЙЯН МЕНАМОЯД.**

**ҲАДАФ АЗ МУАЙЯН НАМУДАНИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ, ИН БА РОҲ МОНДАНИ ТАТБИҚИ САМАРАНОКИ СИЁСАТИ МАКРОПРУДЕНСИАЛИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН, НАЗОРАТ ВА БАҲОДИҲИИ ДУРУСТИ НИЗОМИ БОНКӢ ВА КОҲИШ ДОДАНИ САТҲИ ХАВФҲОИ ЭҲТИМОЛӢ БА НИЗОМИ БОНКӢ МЕБОШАД.**

**ҲАМИН ТАРИҚ, БО ҚАРОРИ РАЁСАТИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 16 ЯНВАРИ СОЛИ 2024, №12, "ДАР БОРАИ ТАСДИҚ НАМУДАНИ РӮЙХАТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ЭҲТИМОЛӢ БАРОИ СОЛИ 2024, 3 ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВӢ ҲАМЧУН ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ ВА 1 ТАШКИЛОТИ ҚАРЗӢ БА РӮЙХАТИ МАЗКУР ҲАМЧУН ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ ЭҲТИМОЛИИ НИЗОМСОЗ ДОХИЛ КАРДА ШУДАНД.**

*Замима*
*ба қарори Раёсати*
*Бонки миллии Тоҷикистон*
*аз "16" 01 с. 2024, № 12*

## РӮЙХАТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ЭҲТИМОЛӢ* БАРОИ СОЛИ 2024

| Ташкилотҳои қарзии низомсоз | Меъёри ҷамъбастӣ |
|---|---|
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 22,87 |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 18,63 |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 14,76 |
| **Ташкилоти қарзии эҳтимолӣ** | |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 6,01 |

* Ба ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ ташкилотҳое дохил мегарданд, ки аз рӯи баҳодиҳии навбатӣ метавонанд ташкилоти қарзии низомсоз эътироф шаванд.

ИНТЕРЕСНЫЕ ФАКТЫ О ДЕНЬГАХ

# ИНТЕРЕСНЫЕ ФАКТЫ О ДЕНЬГАХ



## ▶ЗНАК $ ПОЯВИЛСЯ РАНЬШЕ ДОЛЛАРОВ И ДАЖЕ РАНЬШЕ США

До появления собственных денег в Америке использовались Мексиканские песо, а знак $ использовался для их обозначения. Знак — это результат слияние букв Ps, короткого обозначения песо. Знак настолько прижился в Америке, что после появления собственной денежной единицы его продолжили использовать для обозначения долларов США.

## ▶В НЕКОТОРЫХ СТРАНАХ БОЛЬШЕ НЕ ВЫПУСКАЮТ БУМАЖНЫЕ ДЕНЬГИ

Банковские карты все чаще используются для оплаты покупок, интернет полон информации о том, что наличные скоро совсем выйдут из обращения, в некоторых странах уже почти не используют наличные деньги.

Австралия, Папуа-Новая Гвинея, Новая Зеландия, Румыния, Вьетнам, Бруней, Канада, Мальдивы выпускают пластиковые банкноты вместо бумажных. В этих странах уже весь банкнотный ряд представлен пластиковыми банкнотами. При этом бумажные банкноты предыдущих выпусков пока остаются законным платёжным средством. Частично пластиковые деньги используются в Гонконге Великобритании, Израиле, Малайзии, Мексике, Сингапуре, Чили и др.



## ▶САМАЯ БОЛЬШАЯ МОНЕТА В МИРЕ ВЕСИТ 1 ТОННУ

Осенью 2011 года состоялась презентация новой монеты номиналом в один миллион австралийских долларов, эта монета признана победителем в номинации “самая большая”. Она выполнена из золота чистотой 99,99%. Диаметр 80 см, толщина – 12 см, вес 1 тонна золота. Так что монета на сегодняшний момент является и самой дорогой в мире. Монета получила имя 1 Tonne Gold Kangaroo Coin. Реальная стоимость монетного гиганта на момент выхода оценивалась в 57,34 млн. долларов США. На создание золотого шедевра ушло почти 18 месяцев. Дизайн монеты разрабатывался Стюартом Девлином – официальным ювелиром Ее Величества королевы Великобритании. Аверс самого большого денежного знака украшает профиль королевы Елизаветы II, а реверс — золотой кенгуру в солнечных лучах.

## ▶100 ЮАНЕЙ — САМАЯ ГРЯЗНАЯ БАНКНОТА

Согласно исследованию ученых Оксфордского университета, протестировавших образцы валют на предмет содержания микробов, среднестатистическая европейская купюра содержит более 26 тысяч бактерий. Среди европейских банкнот лидирует по количеству обнаруженных бактерий датская крона — на ней обнаружили порядка 40 тысяч бактерий. Респектабельный швейцарский франк стал убежищем для 32 тысяч, а российский рубль — 30 тысяч. Любопытно, что на евро обнаружили только 11 тысяч бактерий, на норвежских кронах — 11,7 тысяч, а на британских фунтах стерлингов — 18 тысяч. “Чистота” евро объясняется тем, что купюры обрабатываются специальным составом, который препятствует размножению микробов. Больше всего бактерий было обнаружено на купюре в 100 юаней – на ней обнаружили более 180 000 бактерий.

# ИНТЕРЕСНЫЕ ФАКТЫ О ДЕНЬГАХ

## НА БАГАМСКИХ ОСТРОВАХ В ХОДУ КУПЮРА В 1/2 ДОЛЛАРА

Купюры в полдоллара были выпущены в 2001 году и до сих пор находятся в обращении. Благодаря необычному номиналу банкноты купюра популярна среди нумизматов.

Даже если вы привыкли все покупки в путешествиях оплачивать картой, в некоторых странах имеет смысл снять наличными и сохранить купюры с интересными изображениями, вот несколько интересных примеров:




## 500 МЕКСИКАНСКИХ ПЕСО

На банкноте в 500 мексиканских песо изображен портрет всемирно известной художницы Фриды Кало, на другой стороне — портрет ее супруга Диего Риверы. Сегодня Фрида Кало является главной фигурой мексиканской культуры. В 2002 году был снят фильм “Фрида” с Сальмой Хайек в главной роли. А в 2005 в лондонской галерее Tate прошла персональная выставка работ Кало.

2010 году была выпущена банкнота с изображением художницы. Купюра сейчас в обращении.




## 1000 НЕМЕЦКИХ МАРОК

На банкноте номиналом 1000 немецких марок изображены Братья Гримм, ученые-филологи и по совместительству сказочники. Коллективный потрет на купюре выполнен на основе портрета братьев Гримм работы Элизабет Йерихау-Бауман. Банкнота выпущена в обращение 27 октября 1992 года. Купюра выведена из обращения, сейчас используют евро.

## 20 ШВЕДСКИХ КРОН

На банкноте номиналом 20 шведских крон изображена Пеппи Длинный Чулок . Эта сказочная девочка, любимый литературный персонаж шведской писательницы




Астрид Линдгрен, портрет которой также изображен на банкноте. Купюра в обращении по сей день.

## 20 КАНАДСКИХ ДОЛЛАРОВ

Королева Елизавета II родилась 21 апреля 1926 года и является самой долгоживущей и второй по продолжительности правления из всех британских монархов. Титул королевы ряда стран Содружества, республик и территорий включает в себя интересный набор привилегий, одна из которых – печать портрета на различных банкнотах. В мире существуют 15 банкнот, на которых можно увидеть королеву Елизавету в возрасте от 8 до 85 лет. Рассмотрим 2 купюры: на одной Королева изображена девочкой, а на другой ей 85 лет.




Портрет маленькой Королевы был напечатан на банкноте в 20 канадских долларов в 1935 году. Банкнота уже вышла из обращения и найти ее можно только у нумизматов.




Актуальна пластиковая банкнота в 20 канадских долларов, где Королеве 85 лет.

***Подготовил М.Аслам***

# САБИКАҲОИ ЧЕНАКИИ ТИЛЛОИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади танзими ҳаҷми пули нақд дар муомилот, рушди бозори металлҳои қиматбаҳо ва диверсификатсияи захираҳои аҳолӣ, фурӯши сабикаҳои ченакии тиллоро бо вазнҳои 5, 10, 20, 50 ва 100 грамма ба роҳ мондааст.**

**Сабикаҳои ченакии тиллои Бонки миллии Тоҷикистон дар корхонаҳои холискории "Metalor Technologies SA"-и Швейтсария, ки дорои сертификати Ассотсиатсияи бозори металлҳои қиматбаҳои Лондон ва сифати байналмилалии "London good delivery» бо иёри 999,9 мебошанд, тайёр карда шудаанд.**

**Нархи фурӯш ва бозхариди сабикаҳои ченакии тиллои Бонки миллии Тоҷикистон ҳамарӯза бо пули миллӣ-сомонӣ дар асоси фиксинги пагоҳирӯзии Иттиҳоди Бозори Филизоти Қиматбаҳои Лондон муқаррар карда шуда, дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj ҷойгир карда мешаванд.**

**Сабикаҳои ченакӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар хазинаи воқеъ дар хиёбони Рӯдакӣ 23/2 шаҳри Душанбе ва шуъбаҳои минтақавӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб, Хоруғ ва шаҳраки Ғарм фурӯхта мешаванд.**




**Барои маълумоти иловагӣ метавонед бо телефонҳои зерин тамос гиред:**
**шаҳри Душанбе – 44600 32 48**
**шаҳри Хуҷанд – 44 630 06 50**
**шаҳри Бохтар – 44 620 05 42**
**шаҳри Кӯлоб – 44 625 05 75**
**шаҳри Хоруғ – 44 640 06 10**
**шаҳраки Ғарм – 44 630 38 44**




**МО БА ҚУВВАИ БУЗУРГИ ЗАНОН ЭЪТИМОД ДОРЕМ ВА БА ОНҲО ТАКЯ МЕКУНЕМ**

Эмомалӣ Раҳмон

# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## ОЗМУНИ “ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВИИ БЕҲТАРИН ОИД БА ХИЗМАТРАСОНИИ БОНУВОНИ СОҲИБКОР”

Бо мақсади таъмини иҷрои банди 32 Нақшаи амали солҳои 2023-2025 Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2023, №545 тасдиқ шудааст ва Протоколи ҷаласаи 22-юми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2022 барои беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва ташвиқу тарғиби хизматрасонии молиявӣ байни субъектҳои хоҷагидор, соҳибкорон ва махсусан бонувони соҳибкор, ҳамчунин афзун намудани дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои босифати бонкӣ ва ҳавасмандгардонии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, Бонки миллии Тоҷикистон аз рӯйи натиҷаҳои хизматрасонии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба бонувони соҳибкор дар соли 2023 озмуни “Ташкилоти қарзии молиявии беҳтарин оид ба хизматрасонии бонувони соҳибкор”-ро эълон менамояд.

## ОЗМУН АЗ РӮЙИ НОМИНАҲОИ

- ***“Беҳтарин ташкилоти қарзии молиявӣ аз рӯйи қарзҳои додашуда/маблағгузории исломӣ ба бонувони соҳибкор”;***
- ***“Беҳтарин ташкилоти қарзии молиявӣ дар самти ҷалби пасандозҳои бонувони соҳибкор”;***
- ***“Беҳтарин ташкилоти қарзии молиявӣ аз рӯйи насб ва истифодаи воситаҳои электронии пардохт (POS-терминал ва QR-рамз) ба бонувони соҳибкор”;***
- ***“Беҳтарин ташкилоти қарзии молиявӣ аз рӯйи татбиқи лоиҳаҳо вобаста ба дастгирии бонувони соҳибкор” баргузор карда мешавад.***

## ТАЛАБОТИ АСОСӢ БАРОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН:

1. ***Хизматрасонии молиявӣ бояд бевосита ба бонувоне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, пешниҳод шуда бошад.***
2. ***Иштирокчии озмун метавонад якчанд намуди хизматрасонии молиявиро пешниҳод намояд.***
3. ***Довталаб дар ҳолатҳои зерин метавонад барои иштирок дар озмун роҳ дода нашавад, агар:***
   - ***дархост барои иштирок пас аз санаи охирони қабули дархостҳо пешниҳод карда шавад;***
   - ***ба талаботе, ки дар банди 13 Тартиби гузаронидани озмуни “Ташкилоти қарзии молиявии беҳтарин оид ба хизматрасонии бонувони соҳибкор” пешбинӣ шудааст, ҷавобгӯ набошад.***
4. ***Иштирокчии озмун ҳуқуқ дорад дархости худро барои иштирок то эълон шудани натиҷаи озмун бозхонд карда, дар ин хусус ба таври хаттӣ кумитаи тадорукотро хабардор намояд.***
5. ***Муҳлати пешниҳоди дархостҳо барои иштирок дар озмун то 6 апрели соли 2024 муқаррар гардидааст.***

## НИШОНИИ ҚАБУЛИ ДАРХОСТҲО:

***шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 38/1, Бонки миллии Тоҷикистон.***

***+(992 44) 600-31-06, 600-32-46***

## ВАЗЪИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2023

**15 адад** БОНКҲО

ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРД **25 адад**

ТАШКИЛОТҲОИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРД **19 адад**

ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ ХУРД **3 адад**

ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ҒАЙРИБОНКӢ **1 адад**

### Сохтори ташкилотҳои қарзии молиявӣ (адад) ва нишондиҳандаҳо (млрд. сомонӣ)




## ДОРОИҲОИ НИЗОМИ БОНКӢ

### Сохтори дороиҳо, млрд. сомонӣ





| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СОЛИ 2023 (МЛН. СОМОНӢ) | | | ДОРОИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.12.2022 | 31.12.2023 | Тағйирот нисбати 31.12.2022 | |
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 6 336,8 | 7 579,3 | 1 242,5 | 19,6% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 4 264,5 | 5 678,3 | 1 413,7 | 33,2% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 4 588,2 | 5 287,3 | 699,1 | 15,2% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 1 629,2 | 2 573,3 | 944,1 | 57,9% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 1 104,3 | 1 834,6 | 730,3 | 66,1% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 1 100,8 | 1 823,9 | 723,1 | 65,7% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 1 374,4 | 1 782,1 | 407,7 | 29,7% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 1 801,5 | 1 339,8 | -461,7 | -25,6% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 1 005,4 | 1 205,0 | 199,6 | 19,9% |
| ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 1 132,1 | 1 175,1 | 42,9 | 3,8% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 583,5 | 784,8 | 201,3 | 34,5% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 291,9 | 413,3 | 121,5 | 41,6% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 70,8 | 119,2 | 48,4 | 68,5% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 42,9 | 102,0 | 59,1 | 138,0% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 226,7 | 243,6 | 16,9 | 7,5% |



| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СОЛИ 2023 (МЛН. СОМОНӢ) | | | ▣ УҲДАДОРИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.12.2022 | 31.12.2023 | Тағйирот нисбати 31.12.2022 | |
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 5 616,3 | 6 719,7 | 1 103,4 | 19,6% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 3 442,0 | 4 699,5 | 1 257,5 | 36,5% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 3 452,8 | 4 038,7 | 585,9 | 17,0% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 1 406,8 | 2 180,9 | 774,1 | 55,0% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 847,4 | 1 599,5 | 752,1 | 88,8% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 1 196,3 | 1 576,8 | 380,5 | 31,8% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 825,5 | 1 506,2 | 680,7 | 82,5% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 1 628,5 | 1 164,9 | -463,6 | -28,5% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 829,4 | 988,4 | 159,1 | 19,2% |
| ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 934,4 | 938,3 | 3,9 | 0,4% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 191,0 | 310,9 | 119,9 | 62,8% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 76,4 | 214,5 | 138,1 | 180,8% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 34,1 | 76,8 | 42,8 | 125,6% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 25,8 | 46,3 | 20,6 | 79,8% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 109,9 | 144,4 | 34,5 | 31,4% |



| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СОЛИ 2023 (МЛН. СОМОНӢ) | | | ◙ САРМОЯ | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.12.2022 | 31.12.2023 | Тағйирот нисбати 31.12.2022 | |
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 1 135,5 | 1 248,6 | 113,2 | 10,0% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 822,5 | 978,7 | 156,2 | 19,0% |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 720,5 | 859,7 | 139,1 | 19,3% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 507,1 | 570,3 | 63,2 | 12,5% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 222,4 | 392,4 | 169,9 | 76,4% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 278,7 | 328,4 | 49,6 | 17,8% |
| ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 197,7 | 236,7 | 39,0 | 19,7% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 253,4 | 224,4 | -29,0 | -11,4% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 176,0 | 216,6 | 40,5 | 23,0% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 178,1 | 205,3 | 27,3 | 15,3% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 173,0 | 174,9 | 2,0 | 1,1% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 100,8 | 102,4 | 1,6 | 1,6% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 17,1 | 55,6 | 38,6 | 225,8% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 36,7 | 42,4 | 5,7 | 15,4% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 116,8 | 99,2 | -17,6 | -15,1% |



| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СОЛИ 2023 (МЛН. СОМОНӢ) | | | ◙ БАҚИЯИ САНДУҚИ ҚАРЗӢ | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.12.2022 | 31.12.2023 | Тағйирот нисбати 31.12.2022 | |
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 3 080,9 | 3 576,8 | 495,9 | 16,1% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 2 539,2 | 3 167,7 | 628,4 | 24,7% |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 1 358,8 | 1 943,6 | 584,8 | 43,0% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 684,9 | 994,4 | 309,5 | 45,2% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 758,1 | 973,9 | 215,8 | 28,5% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 395,1 | 854,4 | 459,3 | 116,2% |
| ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 532,5 | 715,2 | 182,7 | 34,3% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 326,0 | 576,9 | 250,9 | 77,0% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 490,1 | 552,6 | 62,5 | 12,7% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 287,0 | 406,9 | 120,0 | 41,8% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 4,8 | 108,9 | 104,1 | 2174,5% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 2,6 | 39,0 | 36,5 | 1431,1% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 21,2 | 24,8 | 3,6 | 17,0% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 8,6 | 19,6 | 11,0 | 128,2% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 78,8 | 129,5 | 50,8 | 64,5% |



| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СОЛИ 2023 (МЛН. СОМОНӢ) | | | ◙ БАҚИЯИ АМОНАТҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.12.2022 | 31.12.2023 | Тағйирот нисбати 31.12.2022 | |
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 4 885,0 | 5 378,6 | 493,6 | 10,1% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 2 097,2 | 2 592,0 | 494,9 | 23,6% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 1 829,2 | 2 383,7 | 554,5 | 30,3% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 1 130,3 | 1 912,6 | 782,4 | 69,2% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 665,5 | 1 329,0 | 663,6 | 99,7% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 562,6 | 1 079,4 | 516,9 | 91,9% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 1 356,2 | 944,5 | -411,7 | -30,4% |
| ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 832,4 | 838,8 | 6,4 | 0,8% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 509,6 | 809,2 | 299,6 | 58,8% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 162,8 | 266,2 | 103,5 | 63,6% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 172,4 | 166,7 | -5,7 | -3,3% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 15,2 | 145,9 | 130,7 | 860,9% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 9,8 | 25,7 | 16,0 | 163,2% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 9,9 | 24,3 | 14,4 | 145,9% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 78,6 | 94,2 | 15,6 | 19,9% |



| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СОЛИ 2023 (МЛН. СОМОНӢ) | | | ФОИДА/ЗАРАР | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГЎИ БОНКҲО | 31.12.2022 | 31.12.2023 | Тағйирот нисбати 31.12.2022 | |
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 317,2 | 220,7 | -96,5 | -30,4% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 92,5 | 169,9 | 77,4 | 83,7% |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 101,6 | 129,1 | 27,5 | 27,1% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 98,4 | 118,2 | 19,8 | 20,1% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 150,0 | 51,0 | -99,0 | -66,0% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 43,7 | 42,6 | -1,0 | -2,4% |
| ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 39,4 | 42,0 | 2,6 | 6,5% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 35,6 | 36,7 | 1,1 | 3,2% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 51,5 | 30,2 | -21,3 | -41,3% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 27,4 | 27,9 | 0,5 | 1,9% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 2,7 | 4,2 | 1,5 | 55,6% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 2,4 | 2,7 | 0,3 | 150,0% |
| ҶСП "Актив Бонк" | -0,9 | 0,8 | 1,7 | 189,0% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 42,6 | 0,1 | -42,5 | -99,8% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 12,0 | -5,6 | -17,6 | -146,3% |



| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР ДАР СОЛИ 2023 (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | ДОРОИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 2022 | 2023 | Тағйирот (бо маблағ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 278 125,2 | 311 111,5 | 32 986,3 | 11,9% |
| ҶДММ "ТС Бима" | 123 438,0 | 169 797,8 | 46 359,8 | 37,6% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 110 509,1 | 122 122,1 | 11 612,9 | 10,5% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 51 692,9 | 76 851,8 | 25 158,9 | 48,7% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 56 611,7 | 56 368,6 | -243,1 | -0,4% |
| ҶДМ "ТС "Муин"" | 15 926,7 | 15 891,0 | -35,7 | -0,2% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 10 709,7 | 14 757,4 | 4 047,7 | 37,8% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 8 570,5 | 12 313,2 | 3 742,7 | 43,7% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 5 842,5 | 9 730,6 | 3 888,1 | 66,5% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 7 986,6 | 7 514,7 | -471,9 | -5,9% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 5 210,2 | 5 833,1 | 622,9 | 12,0% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 3 373,8 | 3 870,4 | 496,6 | 14,7% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 1 997,7 | 3 040,4 | 1 042,7 | 52,2% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 2 101,2 | 2 837,1 | 735,9 | 35,0% |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 3 124,0 | 2 025,3 | -1 098,7 | -35,2% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 642,8 | 1 573,8 | 931,0 | 2,4 мар. |
| ҶСП "ТС Кафил" * | 2 065,0 | 0,0 | -2 065,0 | -100,0% |
| ҶДММ "ТС Меҳрубон" * | 2 633,3 | 0,0 | -2 633,3 | -100,0% |
| **Ҳамагӣ** | **690 560,9** | **815 638,9** | **125 078,0** | **18,1%** |

Эзоҳ: *Вобаста ба дағалона вайрон намудани талаботи қонунгузории соҳаи суғурта фаъолияти ҶДММ "ТС Меҳрубон" бо қарори Суди иқтисодӣ аз 27.12.2022, №1-194/22 қатъ гардид;
**ҶСП "ТС Кафил" бинобар сабаби ба итмом расидани амали иҷозатнома бо қарори Раёсати БМТ аз 21.10.2022, №122 қатъ карда шуд.



| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР ДАР СОЛИ 2023 (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | ◙ УҲДАДОРИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| **НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ** | **2022** | **2023** | **Тағйирот (бо маблағ)** | **Тағйирот (бо фоиз)** |
| ҶДММ "ТС Бима" | 102 317,0 | 149 544,8 | 47 227,8 | 46,2% |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 97 290,4 | 75 621,8 | -21 668,6 | -22,3% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 47 741,5 | 44 314,5 | -3 427,0 | -7,2% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 25 543,7 | 33 594,1 | 8 050,4 | 31,5% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 9 244,4 | 16 138,3 | 6 893,9 | 74,6% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 3 815,5 | 9 849,0 | 6 033,5 | 2,6 мар. |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 3 689,1 | 7 493,8 | 3 804,7 | 103,1% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 1 789,5 | 6 195,1 | 4 405,6 | 3,5 мар. |
| ҶДМ "ТС "Муин"" | 3 656,6 | 2 769,5 | -887,1 | -24,3% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 2 920,2 | 2 316,4 | -603,8 | -20,7% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 26,0 | 1 860,2 | 1 834,2 | 71,5 мар. |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 558,6 | 1 209,2 | 650,6 | 2,2 мар. |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 880,1 | 818,9 | -61,2 | -7,0% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 24,2 | 353,4 | 329,2 | 14,6 мар. |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 42,8 | 62,8 | 20,0 | 46,7% |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 335,0 | 76,7 | -258,3 | -77,1% |
| ҶСП "ТС Кафил" | 65,0 | 0,0 | -65,0 | -100,0% |
| ҶДММ "ТС Меҳрубон" | 26,3 | 0,0 | -26,3 | -100,0% |
| **Ҳамагӣ** | **299 965,9** | **352 218,5** | **52 252,6** | **17,4%** |



| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР ДАР СОЛИ 2023 (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | ◙ САРМОЯ | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 2022 | 2023 | Тағйирот (бо маблағ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 180 834,8 | 235 489,7 | 54 654,9 | 30,2% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 101 264,7 | 105 983,8 | 4 719,1 | 4,7% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 26 149,2 | 43 257,7 | 17 108,5 | 65,4% |
| ҶДММ "ТС Бима" | 21 121,0 | 20 253,0 | -868,0 | -4,1% |
| ҶДМ "ТС "Муин"" | 12 270,1 | 13 121,5 | 851,4 | 6,9% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 8 870,2 | 12 054,1 | 3 183,9 | 35,9% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 8 920,2 | 8 562,3 | -357,9 | -4,0% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 5 066,4 | 5 198,3 | 131,9 | 2,6% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 4 651,6 | 4 623,9 | -27,7 | -0,6% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 2 493,7 | 3 051,5 | 557,8 | 22,4% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 1 973,5 | 2 687,0 | 713,5 | 36,2% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 4 755,0 | 2 464,2 | -2 290,8 | -48,2% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 2 153,4 | 2 236,8 | 83,4 | 3,9% |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 2 789,0 | 1 948,6 | -840,4 | -30,1% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 574,0 | 1 511,0 | 937,0 | 2,6 мар. |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 2 075,0 | 976,9 | -1 098,1 | -52,9% |
| ҶСП "ТС Кафил" | 2 000,0 | 0,0 | -2 000,0 | -100,0% |
| ҶДММ "ТС Меҳрубон" | 2 607,0 | 0,0 | -2 607,0 | -100,0% |
| **Ҳамагӣ** | **390 568,8** | **463 420,4** | **72 851,6** | **18,7%** |



| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР ДАР СОЛИ 2023 (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | ВОРИДОТИ МУКОФОТ | |
|---|---|---|---|---|
| **НОМГЎИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ** | **2022** | **2023** | **Тағйирот (бо маблағ)** | **Тағйирот (бо фоиз)** |
| ҶДММ "ТС Бима" | 112 072,0 | 165 177,4 | 53 105,4 | 47,4% |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 84 465,7 | 109 691,2 | 25 225,5 | 29,9% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 46 883,3 | 60 560,3 | 13 677,0 | 29,2% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 40 969,9 | 39 459,2 | -1 510,7 | -3,7% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 10 221,4 | 15 477,2 | 5 255,8 | 51,4% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 3 030,3 | 13 064,4 | 10 034,1 | 4,3 мар. |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 7 050,8 | 8 954,9 | 1 904,1 | 27,0% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 3 451,5 | 4 780,2 | 1 328,7 | 38,5% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 1 213,4 | 4 194,6 | 2 981,2 | 3,5 мар. |
| ҶДМ "ТС "Муин"" | 4 351,9 | 3 251,4 | -1 100,5 | -25,3% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 0,0 | 2 235,8 | 2 235,8 | 100,0% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 2 244,5 | 1 989,2 | -255,3 | -11,4% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 73,6 | 1 215,9 | 1 142,3 | 16,5 мар. |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 100,0 | 315,0 | 215,0 | 3,2 мар. |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 1 274,0 | 148,2 | -1 125,8 | -88,4% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 150,0 | 0,0 | -150,0 | -100,0% |
| ҶСП "ТС Кафил" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶДММ "ТС Меҳрубон" | 3 906,6 | 0,0 | -3 906,6 | -100,0% |
| **Ҳамагӣ** | **321 458,9** | **430 514,9** | **109 056,0** | **33,9%** |



| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР ДАР СОЛИ 2023 (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | ◙ ПАРДОХТ | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 2022 | 2023 | Тағйирот (бо маблағ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶДММ "ТС Бима" | 13 684,0 | 7 774,9 | -5 909,1 | -43,2% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 230,5 | 3 236,1 | 3 005,6 | 14,0 мар. |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 6 028,4 | 3 204,3 | -2 824,1 | -46,8% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 2 879,8 | 2 872,4 | -7,4 | -0,3% |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 1 895,3 | 2 328,3 | 433,0 | 22,8% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 468,6 | 1 328,7 | 860,1 | 2,8 мар. |
| ҶДМ "ТС "Муин"" | 551,1 | 474,0 | -77,1 | -14,0% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 274,3 | 397,0 | 122,7 | 44,7% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 54,6 | 291,3 | 236,7 | 5,3 мар. |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 101,2 | 156,6 | 55,4 | 54,7% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 9,2 | 140,3 | 131,1 | 15,3 мар. |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 17,7 | 133,6 | 115,9 | 7,5 мар. |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 11,5 | 114,3 | 102,8 | 9,9 мар. |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 0,0 | 100,4 | 100,4 | 100,0% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 1,8 | 95,9 | 94,1 | 53,3 мар. |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 9,5 | 10,5 | 1,0 | 10,5% |
| ҶСП "ТС Кафил" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶДММ "ТС Меҳрубон" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| **Ҳамагӣ** | **26 217,5** | **22 658,6** | **-3 558,9** | **-13,6%** |



| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР ДАР СОЛИ 2023 (АДАД) | | | ШАРТНОМАҲО | |
|---|---|---|---|---|
| **НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ** | **2022** | **2023** | **Тағйирот (бо адад)** | **Тағйирот (бо фоиз)** |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 956 035 | 1 100 750 | 144 715 | 15,1% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 517 615 | 591 768 | 74 153 | 14,3% |
| ҚВД "Тоҷиксуғурта" | 565 931 | 556 434 | -9 497 | -1,7% |
| ҶДМ "ТС "Муин"" | 26 405 | 26 007 | -398 | -1,5% |
| ҶДММ "ТС Бима" | 26 990 | 22 676 | -4 314 | -16,0% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 14 916 | 19 125 | 4 209 | 28,2% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 3 856 | 1 847 | -2 009 | -52,1% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 2 206 | 1 690 | -516 | -23,4% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 178 | 1 085 | 907 | 6,1 мар. |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 88 | 293 | 205 | 3,3 мар. |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 180 | 195 | 15 | 8,3% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 0 | 66 | 66 | 100,0% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 0 | 43 | 43 | 100,0% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 38 | 25 | -13 | -34,2% |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 10 | 21 | 11 | 110,0% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 1 | 0 | -1 | -100,0% |
| ҶСП "ТС Кафил" | 0 | 0 | 0 | 0,0% |
| ҶДММ "ТС Меҳрубон" | 2 | 0 | -2 | -100,0% |
| **Ҳамагӣ** | **2 114 451** | **2 322 025** | **207 574** | **9,8%** |

# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

QR рамзи ягона



БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# Маҷаллаи “Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ”

## дар шабакаҳои иҷтимоӣ:

majalla@nbt.tj

https://t.me/

https://www.facebook.com/

www.instagram.com/

Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

